ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ИБД: 374.1+32 (575.3)**
**ТКБ: 67.404 (2 тоҷикӣ)**
**К - 17**

**КАЛОНЗОДА ФАТҲИДДИН МИРЗОШАРИФ**

# АҚИДАҲОИ ДАВЛАТӢ-ҲУҚУҚИИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмзои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**АЗИЗЗОДА У.А.**

**ДУШАНБЕ – 2025**

МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ................ 3**

**МУҚАДДИМА..................................................................................4-22**

**БОБИ 1. ШАРОИТИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ АҚИДАҲОИ ДАВЛАТӢ ВА ҲУҚУҚИИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ...............................................................................23-42**

1.1. Замони зиндагӣ ва рӯзгори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ.............23-32

1.2. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ..............32-42

**БОБИ 2. АҚИДАҲОИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ ОИД БА МАФҲУМ ВА АСОСҲОИ ДАВЛАТДОРӢ......................................43-86**

2.1. Мафҳуми давлат ва ҳокимият дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ…………………………………………………………….....43-57

2.2. Ақидаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба вазъи ҳуқуқии подшоҳон, вазирон ва амалдорон……………..……………………58-76

2.3. Вазъи ҳуқуқии раият дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. ...........................................................................................................76-86

**БОБИ 3. ТАЪЛИМОТИ ҲУҚУҚИИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ...........................................................................87-162**

3.1. Шарҳи мухтасари таълимоти ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. ........................................................................................................87-119

3.2. Мафҳум, таносуб ва нақши арзишҳои ҳуқуқиву ахлоқӣ дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ..........................................119-139

3.3. Ақидаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба вазъи ҳуқуқии аъзоёни оила.........................................................................................140-162

**ХУЛОСА..........................................................................................163-167**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ..................................................................................168-170**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)...........................................171-187**

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ..........................................................................188-190**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМ ҶТ** – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КО ҶТ** – Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**м.и.** – монанди инҳо

**б.** – банд

**қ.** – қисм

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳо

**ғ.** – ғайра.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Замони истиқлоли кишвар, ки халқи шарафманди Тоҷикистон барои рушди давлати миллии ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона талош варзида истодааст, замони зинда доштан ва таҳқиқу бозёбии таърихи пурғановати миллат мебошад, ки бе омӯзиши осори илмию адабии фарзандони содиқу фарзонаи халқи тоҷик ғайриимкон мебошад. Дар ин қатор Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҷойгоҳи шоиста ва хоси худро ишғол кардааст. Далели ин гуфтаҳост, ки солҳои 2012-2013 дар ҷумҳурӣ чорабиниҳои гуногуни ёдбуд бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти ин мутафаккири маъруфи ҳуқуқ баргузор гардиданд. Ба ҳамин хотир 30 марти соли 2013, таҳти №143 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳлили ҷашни 700-солагии донишманд ва мутафаккири Шарқ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ» [4] қабул гардид, ки он дар сатҳи баланди ташкилӣ бо иштироки доираи васеи донишмандону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ баргузор карда шуд.Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Пос доштани хотираи бузургоне, мисли Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дигар шахсиятҳои нотакрори илму адабамон набояд ба хотири ифтихору болидан бошад. Мо фақат дар ҳамон сурат эҳтироми бузургонамонро комилан ба ҷо меорем, ки осори онҳоро омӯзем, фарзандонамонро дар руҳияи таълимоти онҳо тарбия кунем, фармудаҳои онҳоро дастури амал қарор диҳем, то ки дар оянда ҳам аз байни халқи мо Рӯдакиҳо, Фирдавсиҳо, Буалиҳо, Хайёмҳо, Мир Сайидҳо ба воя расанду мо дар рушду камоли тамаддуни башар саҳмгузор бошем. Дар маҷлиси орифон иштирок намудан ва аз нуру маърифати онҳо файзёб шудан ҳадяи бузургест» [147, с. 9-10].

Зиндагӣ ва осори пурғановати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (солҳои 1314-1386) аз ҷониби муҳаққиқону олимони соҳаҳои мухталифи илму адаби ватанию хориҷӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст.

Вале осори пурғановат ва ақидаҳои сиёсию ҳуқуқии ӯ, ки масъалаҳои гуногуни фарогири давлатию ҳуқуқӣ, ки ниҳоят пурарзишанд, ҳамчун мавзуи омӯзиши монографии илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии халқи тоҷик пажӯҳиш нагардидааст.

«Халқи тоҷик ба тамаддуни башарӣ нобиғаҳоеро додааст, ки осори гаронбаҳои ҳар яки онҳо шуҳрати оламшумул пайдо карда, дар ташаккули тафаккури инсоният саҳми басо арзишманд гузоштаанд. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ низ дар ҳамин радиф қарор дошта, дар олами адабу ирфон ҷойгоҳи махсус ва мақоми баланде дорад. Ин чеҳраи барҷаста яке аз шахсиятҳои бузург маҳсуб ёфта, на танҳо дар кишвари мо, балки дар Эрон, Покистон, Ҳиндустон ва Афғонистон ҳамчун мутаффакир ва намояндаи барҷастаи тасаввуф шинохта шуда, бо тахаллусҳои Амири Кабир, Алии Сонӣ, Шоҳи Ҳамадон ва Ҳазрати Амирҷон маъруф гардидааст  ва шахсияту осораш то ба ҳол гиромӣ дониста мешавад» [146, с. 11-15].

Масъалаи дигар таҳқиқи хоси нуктаҳои назар ва диди замонӣ ба мероси ғании ниёгон мебошад, ки ба ҷаҳонбинӣ ва тариқи бархурди муҳаққиқ нисбат ба воқеияти ҳаёти сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии мутаффакир хеле фароху доманадор аст, ки шоистаи омӯзиш ва таҳқиқ мебошанд. Махсусан осори Алиии Ҳамадонӣ фарогири андешаҳои хос доир ба давлат, сиёсат, идораи одилона, ҳуқуқ ва адолат, ахлоқи ҳамидаи касбӣ ва оммавӣ, оила ва покии он, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои аъзои оила, эҳтироми волидон, никоҳ ва талоқ, тақсими мерос, вазъи ҳуқуқии раият, муносибатҳои молӣ, рафтори қонунӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва амсоли инҳо мебошанд, ки бояд мавриди омӯзиш қарор бигиранд.

Тоҷикон, ки дар тули таърихи чандинҳазорсолаи худ бисёр давраҳои печидаву мушкилро пушти сар кардаанд, дар ҳама давру замонҳо аз таҳаммулгароӣ ва маслиҳату муколама кор гирифта, борҳо собит сохтаанд, ки бо роҳи зӯрӣ ҳал кардани мушкилоту низоъҳо ва бо ҳам

муқобил гузоштани ҷаҳонбиниву ақидаҳои мухталиф метавонад на танҳо сабабгори фасоди ахлоқ ва халалдор гардидани фарҳангу тамаддунҳо, балки шикасти давлатҳо низ гардад. Дар даврони муосир низ Тоҷикистон бо такя ба афкор ва таҷрибаи таърихии ниёгони худ раванди гуфтугӯи тамаддунҳоро ҳамеша ҷонибдорӣ менамояд.

Мубрамияти омӯзиши осори гаронмояи аҷдодон пас аз ба даст даровардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз зиёд гардид, чун зарурияти сохтмони давлати миллӣ ва созмон додани низоми ҳуқуқи миллӣ пеш омад ва мусаллам аст, ки бе омӯзиши таърих ва фарҳанги миллӣ, таҷрибаи давлатдории тоҷикон, адабиёту санъат ва маданияти бойи гузуштагони тоҷикон дар сатҳи зарурӣ амалӣ намудани ин нияту ормонҳо ғайриимкон мебошад. Ба масъалаи мазкур дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 чунин таъкид гардида буд: «Олимону донишмандони моро зарур аст, ки ба шинохти дурусти таърих, тарғиби мероси маънавӣ ва суннату оинҳои мардумӣ низ, ки тайи асрҳо дар хотираи таърихии миллати тоҷик нақш бастаанд, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд. Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем» [165].

Дар ин раванди пурталотуми давлатсозии навин ҷумҳурии мо ба бисёр мушкилиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, инчунин бозиҳои геополитикии бозингарони минтақаи Осиёи Марказӣ ва абарқудратони сатҳи ҷаҳонӣ рӯбарӯ гашта, аз ин имтинҳони бузурги таърихӣ сарбаландона гузашта истодааст. Сарфи назар аз мушкилиҳои зикршуда Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёна ва дарҳои кушодро пеша карда, амнияти пурраи шаҳрвандон, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти худро дар мадди аввал қарор додааст. Дар ин самт омӯзиш ва баррасии таҷрибаи

таърихии низоми давлатдории ниёгон, тарзи фаъолияти институтҳои давлатию ҳуқуқӣ, дифоъ аз ҳуқуқу манфиатҳои мардум, бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва ғайра дорои аҳаммияти бузург буда, солҳои охир мубрамияти хосса пайдо кардаанд. «Воқеан, шахсони бузурге чун ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ танҳо ба миллату маҳал ва мазҳаби алоҳидае маҳдуд набуданд. Бузургии онҳо аз ин доира берун омада, баҳри хидмати аҳли башар вусъати ҷаҳонӣ пайдо мекунад, ки нишонаи возеҳи он эътирофу эҳтироми миллату халқҳои гуногун аст» [147, с. 5]. Дар ин замина таҳқиқи андешаҳо ва таълимоти давлатӣ-ҳуқуқии мутафаккирони бузург ва олимони барҷастаи асримиёнагии форсу тоҷик, ба монанди Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар илми муосири ҳуқуқшиносии тоҷик хеле зарур ва муҳиму саривақтӣ мебошад.

Андешаҳои бунёдӣ ва тарҳи борикбинонаи мутафаккир дар бораи масъалаҳои ҳуқуқӣ ва адолат, ҳимояи манфиатҳои табақаҳои гуногуни аҳолӣ, зарурати ба тамоми шаҳрвандон додани имкониятҳои баробарӣ, ҳуқуқу бомаърифатӣ, имконоти баробар ва бофарҳангии арбобони давлатӣ, бартарии адли илоҳӣ ва хирад нисбат ба дигар арзишҳои ахлоқӣ ва дигар масъалаҳои ҳуқуқии классикӣ то кунун дар ҷамъият арзиши худро аз даст надодаанд. Осору таълифоти вай дар бахши ҳуқуқи аҳли ҷомеа на танҳо дар доираи кишварҳои Шарқи Миёна ва Наздик, балки берун аз он низ мубрамияти худро нигоҳ доштаанд. Ин бо он маънидод мешавад, ки ин андешаҳо имрӯз ниҳоят муҳиму пураҳаммитанд ва метавонанд дар ташаккули сохтори ҳуқуқии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон истифода шаванд.

Дар ҷаҳони муосир гурӯҳҳои мухталифи ифротӣ, ҷараёнҳои сиёсӣ ва афроди алоҳида аз дини ислом ва эътиқоди мардум ба аҳдофи ғаразноки худ истифода мекунанд ва аз ин лиҳоз, омӯзиши мероси илмии ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дигар мутафаккирони гузашта махсусан мавриди таваҷҷуҳ қарор дорад.

Ин ҳама муҳимият дар он аст, ки бо назардошти он ки Алии Ҳамадонӣ дар ҷустуҷӯи ҳақиқат ба як миллат, минтақа ва ё мазҳаби мушаххас маҳдуд набуд. Маҳз барои ҳамин таълимоти давлатӣ-ҳуқуқии мутафаккир метавонад аслиҳаи ҳақиқии идеологӣ дар мубориза бо ақидаю эътиқоди ифротгаро, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои террористӣ гардад. Андешаҳои Ҳамадонӣ метавонад барои фош кардани шиорҳои бардурӯғи идеологҳои ҳизбҳои ифротӣ ва таълимоти онҳо кумак кунад. Дар ин ҷо муаллиф иқтибоси зеринро бамаврид мешуморад: «Дар шароити имрӯза, ки равияҳои тундгаро ва низоъҳои диниву мазҳабӣ дар баъзе кишварҳо торафт вусъат гирифта истодаанд, аз нав омухтан ва таблиғ кардани осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ниҳоят зарур мебошад. Зуро вай дар асарҳои худ  ақидаҳои таҳаммулгаро ва футувватро таблиғ намуда, зиёдаравиро дар ислом маҳкум кардааст» [42, с. 15].

Муаллиф дар заминаи гуфтаҳои боло бар ин назар аст, ки таълимоти давлативу ҳуқуқии мутафаккирро метавон ҳамчун сарчашмаи назариявӣ барои таҳияи назарияҳои муосири ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунгузории муосир истифода намуд. Дар баробари ин, осори Алии Ҳамадонӣ метавонад аз ҷиҳати амалӣ дар баланд бардоштани савияи тарбияи ахлоқӣ, эстетикӣ, динӣ, сиёсиву ҳуқуқии аҳолӣ мусоидат намояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ҳанӯз аз асрҳои миёна шуруъ карда, осори  Мир Сайид Али Ҳамадонӣ  объекти таҳқиқоти уламо, муаррихон, доира ва ҳавзаҳои адабӣ, инчунин  марказҳои гуногуни илмӣ гардида буданд.

Ба андешаи муҳаққиқи маъруфи тоҷик М. Султонзода, дар бораи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ шогирдонаш Ҷаъфари Бадахшӣ дар «Хулосат-ул-маноқиб» ва Ҳайдари Бадахшӣ дар «Мастуроти» ё «Манқабат-ул-ҷавоҳир» маълумоти муҳим гузоштаанд. Ҳамчунин дар бораи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз осори Абдураҳмони Ҷомӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ, Султон Ҳусайн Бойқаро, Хондамир, Дида

Марин Кашмирӣ, Амид Аҳмади Розӣ, Муҳаммад Маъсуми Шерозӣ, Ризоқулихони Ҳидоят ва дигарон ахбори гуногунро пайдо кардан мумкин аст» [85, с. 6].

Олимони Шарқ ва Ғарб ба ҳаёт ва эҷодиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мароқи калон зоҳир намуданд.

Дар бораи ҳаёти шахсӣ, сафарҳо, мулоқоту омӯзиши илму адаб, созмон додан ва инкишофи мактаби хоси илмӣ, махсусан эҷодиёти Алии Ҳамадонӣ мутаффакироне чун Қозӣ Нуруллоҳи Шуштарӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ, Амир Султон Ҳусайн, Саид Ҳабашӣ, Хондамир, Муҳаммад Дорушукӯҳ, Ҳофизи Карбалоӣ, Муҳаммад Маъсуми Шерозӣ, Муҳаммад Алии Табрезӣ, Икболи Лоҳурӣ, Алӣ Аади Розӣ, Ризоқулихони Ҳидоят, Захируддини Бобур, Сайид Роқим [123, с. 27-28] ва дигарон.

Таҳлили муқоисавӣ ва омӯзиши осори таърихию ирфонии рисолаҳо ва асарҳои дигари мутаффакир нишон медиҳанд, ки дар бисёр таълифоти ӯ масъалаҳои ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ бо ҳам омезиш  ёфта, низоми ягонаи  андешаҳои давлатию ҳуқуқии Мир Сайид Алии ҲҲамадониро ташкил намудаанд.

Дар замони муосир файласуфон ва ҳуқуқшиносони Тоҷикистон, Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон, Эрон ва кишварҳои аврупоӣ ба мафҳумҳои ахлоқӣ, фалсафӣ, ирфонӣ, сиёсӣ, педагогӣ, адабӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии мутафаккир таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардаанд. Таҳқиқоти онҳо илму маданияти халқҳои форсу тоҷикро хеле бой гардондааст.

Дар осори муҳаққиқони дар боло зикршуда асосан ҳаёту фаъолият, осор, таълимот ва ашъори мутафаккир, бахусус чӣ гуна ҳалли масъалаҳои умумии фалсафию ҳуқуқии марбут ба ҷон, рӯҳ, ҳастӣ ва маърифат, мақоми инсон, дониш, фазилатҳои ахлоқӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандони давлат, сиёсат ва идоракунии одилона ва дигар масъалаҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Агар мушаххастар гӯем, омӯзиши рӯзгор ва осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар Тоҷикистон аз солҳои 40-уми асри XX шуруъ гардида,

нахуст ба ин мавзуъ муаррихону адабиётшиносон ва бостоншиносон таваҷҷуҳ доштанд [117; 110; 132; 133; 138; 114].

Миёни муҳаққиқони осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи намоёнро Моҳирхуҷа Султонзода (Султонов) ишғол менамояд, ки пажӯҳишҳои анҷомдодаи ин олими тоҷик пурра ба масъалаҳои омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти мутафаккир бахшида шудаанд [134; 130; 131; 129].

Аз соли 1993 инҷониб олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз шашсад асар (мақола, монография, тезисҳои маърузаҳо) ба табъ расонидаанд, ки дар онҳо паҳлуҳои гуногуни осори Ҳамадонӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Илова бар ин, рисолаҳои мутафаккир оид ба соҳаҳои гуногуни илм ба табъ расидаанд, ки дастраси оммаи васеъ ва махсусан муҳаққиқони осори ӯ гардиданд [97; 51; 50; 44; 49].

Бояд гуфт, ки муаллифи рисола зимни таҳлили афкори ахлоқӣ, сиёсӣ, давлатӣ ва ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба осори М. Султонзода, Р. Асозода, Ш. Абдуллоев, А.А. Шамолов, Х. Қурбонов, А. Мирзоев, Х. Назаров, Ш. Ҷаббор, Ҳ.Р. Асозода, К.С. Абдураҳимов, П.Н. Давлатов, М.М. Каримова, А. Садиков [137; 106; 144; 145; 120; 122; 125; 143; 20; 97; 149; 148; 155; 157; 76] ва дигарон рӯ овардааст.

Ҳамчунин ба асарҳои илмие, ки ба проблемаҳои таърихи ҳуқуқ ва давлат, бахусус таърихи афкори сиёсию ҳуқуқӣ, инкишофи соҳаҳо ва институтҳои алоҳидаи ҳуқуқ дар давраи ҳуқуқи исломӣ бахшида шудаанд, таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Дар ин маврид ба асарҳое, ки дар онҳо ғояҳои давлатӣ ва ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз дидгоҳи муосир арзёбӣ шудаанд, таъкид шудааст. Инҳо монографияҳо, мақолаҳо ва китобҳои дарсӣ мебошанд, ки муаллифони онҳо Э.Б. Буризода, М.Н., Давлатов, Ш.Ю. Кенҷаев, Ф.Т. Тоҳиров, А.Ф. Холиқзода, Р.Ш. Шарофзода, Ф.М. Шоев, С.М. Қодирзода ва дигарон мебошанд [25; 24; 26; 27; 28; 155; 158; 78; 77; 83; 88; 91; 95; 94; 93; 162; 159].

Бо вуҷуди зиёд будани таҳқиқотҳои илмие, ки ба эҷодиёти Алии Ҳамадонӣ бахшида шудаанд, наметавон қайд накард, ки дар байни онҳо асарҳои илмие, ки бевосита ба таҳлили афкори давлатӣ ва ҳуқуқии мутафаккир бахшида шудаанд, вуҷуд надоранд. Рисолаи пешниҳодшуда аввалин таҳқиқоти илмии монографӣ оид ба мавзуи мазкур дар соҳаи ҳуқуқшиносии муосири тоҷик мебошад. Муаллиф тахмин мекунад, ки асари ӯ холигии назаррасро дар омӯзиши афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии Шарқи асримиёнагӣ то андозае пурра хоҳад кард.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзӯъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи татбиқи нақшаҳои дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – «Проблемаҳои назариявии ташаккули низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир барои солҳои 2016-2020» ва «Масъалаҳои назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ барои солҳои 2021-2025» омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ ва умуминазариявии ғояҳои давлатию ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, инчунин, асосноксозии аҳаммияти илмӣ-ҳуқуқӣ, тарбиявӣ ва иҷтимоию таърихии таълимоти ӯ, аз ҷумла, андешаҳои ҳуқуқии инсонпарваронаи ӯ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ҷиҳати расидан ба мақсади гузошташуда вазифаҳои зерин бояд ҳаллу фасл карда шаванд:

– омӯзиши шароитҳои иҷтимоию сиёсӣ ва маънавию фарҳангии даврони зисти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо назардошти таъсири онҳо ба зуҳур ва ташаккули андешаҳои давлатию ҳуқуқии мутафаккир;

– муайян сохтани заминаҳои назариявии осори мутафаккир ва шарҳи равандҳои давлатӣ-ҳуқуқии замони вай;

– мушаххас кардани ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ ташаккул ва рушди онҳо, мафҳуми давлат ва ҳокимият дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ;

– таҳлили андешаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба вазъи ҳуқуқии подшоҳон, вазирон ва амалдорон;

– баррасии вазъи ҳуқуқии раият дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ;

– дақиқ намудани мафҳум, таносуб ва нақши арзишҳои ҳуқуқиву ахлоқӣ дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ;

– омӯзиш намудани андешаҳои мутаффакир оид ба вазъи ҳуқуқии аъзоёни оила;

– таҳқиқ намудани таълимоти ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз нигоҳи интиқодӣ, яъне муайян кардани мутобиқат ё мухолифати онҳо ба талаботи институтҳои ҳуқуқии муосир;

– асоснок кардани аҳаммияти таълимоти давлатӣ-ҳуқуқӣ дар асрҳои миёна ва даврони нави ташаккул ва инкишофи илми ҳуқуқшиносии тоҷик.

**Объекти таҳқиқот –** шароити иҷтимоӣ-таърихӣ ва фарҳангӣ, ки дар доираи он фаъолияти эҷодӣ ва илмии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ сурат гирифтааст.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот –** ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ.

**Марҳила, макон ва давраҳои таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Диссертатсия дар замина кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст. Таҳқиқоти мавзуи илмӣ дар солҳои 2019-2025 гузаронида шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар раванди гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ба осору таълифоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки дар онҳо ба таври гуногун масъалаҳои давлатию ҳуқуқӣ баррасӣ гашта, бо забонҳои форсӣ, арабӣ, русӣ ва тоҷикӣ нашр шудаанд, такя намудааст.

Ба зумраи ин осор китобу рисолаҳои «Захират-ул-мулук», «Асрору-н-нуқта», «Рисолаи аҳлия», «Ҳалли мушкил», «Рисолаи футувватия» ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ барои таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва асоснок кардани таълимоти ҳуқуқии Алии Ҳамадонӣ ва устодони маънавии ӯ, Муҳаммад ибни Идриси Шофеӣ асарҳои мактабҳои ҳуқуқӣ, фақеҳони бузург Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит, Молик Ибни Ҳамбал маҷмӯи ҳадисҳои саҳеҳ аз он ҷумла «Саҳеҳ»-и ал-Бухорӣ, сарчашмаи асосии ҳуқуқи исломӣ – Қуръону ҳадис, инчунин осори Муҳаммад Ғозолӣ, Аттор, Наҷмуддин Куброӣ, Маҳмуди Шабустарӣ, Ҷалолуддини Румӣ, Алоуддавлаи Симнонӣ ва таҳқиқотҳои илмии эътирофшудаи шарқшиносон, адабиётшиносион, файласуфон, сиёсатшиносон, ҳуқуқшиносон ва дигар ҷомеашиносони муосир оварда шудаанд.

Пас аз ба даст овардани Истиқлоли Тоҷикистон таҳқиқоти паҳлуҳои мухталифи мероси адабӣ, сиёсӣ ва фарҳангии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ба таври қобили мулоҳиза густариш ёфт. Мувофиқан, муаллиф ҳангоми навиштани рисола ба корҳои илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, аз қабили А. Маҳмадов, А. Қурбонов, А.А. Раҳмонзода, Ҳ.Р. Асозода, М. Осимӣ, А. Кучарзода, К. Қодиров, М. Ибодов, М. Султонзода, М.М. Каримова, А.А. Шамолов, Қ.С. Абдураҳимов, Ф.Т. Тоҳиров, Р.Ш. Шарофзода, Ш.Ю. Кенҷаев, Э.Б. Буризода, А.Ғ. Холиқзода, Ф.М. Шоев, М.Н. Давлатов ва дигарон таваҷҷуҳ намудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** усулҳои умумиилмии таҳлили илмӣ, диалектикӣ, таърихӣ, муқоисавӣ, мантиқӣ, функсионалӣ ва низомнокӣ ташкил додаанд.

Усулҳои ҳуқуқӣ низ васеъ истифода шуданд – таърихӣ-ҳуқуқӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва ғ.

Ба шарофати усули таърихӣ-ҳуқуқӣ ба муаллиф муяссар гардид, ки ғояҳо ва андешаҳои ба мавзуи рисола мувофиқи мутафаккирони асримиёнагиро аз мавқеъи таъсири шароити зиндагӣ ва фаъолияти эҷодӣ ба онҳо таҳлил намояд. Усули шаклӣ-ҳуқуқӣ дар муқоисаи ақидаҳо ва таълимоти гуногуни илмӣ, шароити инкишоф ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва падидаҳои дигар иҷтимоӣ вобаста ба фаъолияти мутафаккирони самтҳо ва мактабҳои гуногуни илмӣ истифода шудааст.

Дар ҷараёни омӯзиши осор ва эҷодиёти Мир айид Алии Ҳамадонӣ методҳои таҳлилию мантиқӣ, аз ҷумла таҳлил, синтез, ва хулосабарории мантиқӣ  васеъ истифода шудаанд. Истифодаи усулҳои гуногуни илмӣ, хосатан методҳои муқоисавии омӯзиш имконият доданд, то падидаҳои гуногуни давлатӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, динӣ, эстетикӣ, фарҳангӣ ва дигар падидаҳои афкори сиёсию ҳуқуқӣ дар маҷмӯъ ва Алии Ҳамадонӣ дар алоҳидагӣ дар асоси муқоиса таҳқиқ гарданд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Ба сифати манбаъ ва сарчашмаи таҳқиқоти диссертатсионӣ асарҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дигар адабиёти адабӣ, фалсафӣ, таърихӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии асримиёнагӣ истифода гардидаанд. Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ нусхаҳои гуногуни «Захират-ул-мулук», нусхаҳои осори дигари муттафакир, ки дар хориҷи кишвар ва дар Тоҷикистон маҳфузанд, истифода шудаанд.

Инчунин, манбаъ ва асарҳои зиёди дигаре, ки аз ҷониби донишмандони тоҷик ва хориҷи кишвар оид ба ҳаёт ва фаъолияти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таълиф ва чоп гардидаанд, истифода шудаанд. Ақидаҳои муттафакир бо осори мутафаккирони дигари ҳаммактаб, пайравону ҳаводорони эҷодиёти ӯ дар хусуси масъалаҳои мубрами давлатию ҳуқуқӣ таҳқиқу муқоиса гардидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Диссертатсияи мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти таърихӣ-назариявии ақидаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар

соҳаи таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро натиҷаҳои умумии назариявӣ-методологии зерин собит менамоянд: 1) асосҳои назариявӣ-методологии ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии мутафаккир таҳқиқ карда шудаанд; 2) ақидаҳои давлатӣ ва ҳуқуқии мутафаккир дар робита бо фазои илмӣ ва фарҳангии асримиёнагии Шарқи наздик ва миёна таҳқиқ гардидаанд; 3) имконияти истифодаи баъзе андешаҳои давлатию ҳуқуқии мутафаккир дар бахши тарбияи ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ, боло бурдани фарҳанги ҳуқуқӣ, низоми давлатдорӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ асоснок карда мешавад; 4) таҳқиқоти мазкур илми ватанӣ ва хориҷии назариявӣ-ҳуқуқиро дар самти омӯзиши таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат бо назардошти таҷрибаи миллӣ ғанӣ мегардонад.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо нуктаҳои илмии зерин, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, собит мегардад:

1. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар ҳалли масъалаҳои зиёди ҳуқуқӣ қонунҳои мантиқ ва усулҳои хулосабарории ақлгароиро васеъ истифода намуда, ҳамзамон ба арзишҳои инсондӯстонаи умумибашарӣ ва манфиатҳои ҷамъияту шахс диққати хосса додааст. Ӯ на танҳо мавқеи фиқҳи расмиро мустаҳкам сохт, балки дар доираи усули одобноманависӣ («Насиҳат-ул-мулук»), ки асрҳои миёна дар Шарқ хеле ривоҷ ёфта буд, самти дурусту оқилонаи шарҳи вазъи ҳуқуқии подшоҳон, шахсони мансабдор, табиати ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ, шаклҳо ва сарчашмаҳои ҳуқуқ, соҳаҳо, сохторҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи аҳли ҷомеаи онвақтаро дар маҷмуъ ба роҳ мондааст.

2. Пайдоиши ҳокимиятро Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар мадди аввал бо иродаи илоҳӣ асоснок карда, бо истифода аз сиёсат ва ахлоқ масъалаҳои адолати иҷтимоӣ, ҳаққоният ва қонуниятро дар шакли насиҳат хеле моҳирона шарҳ додааст. Дар афкори вай дар раванди ташаккули ҳокимият ҷаҳонбинии подшоҳон аҳаммияти аввалиндараҷа

дошта, ҳангоми муайян сохтани моҳият ва табиати ҳокимият ба пойдорӣ ва устувории ҷамъияту давлат, афзалияти адлу инсоф, сабру таҳаммул, ҳақиқат ва бовиҷдонӣ дар корҳои идоракунии давлатӣ ва фазилатҳои шуҷоат, иффат, хирад ва ғайра аҳаммият дода мешавад. Ба ақидаи мутафаккир ҳокимияти давлатӣ ҳамчун шакли махсуси сиёсат, ахлоқ ва ҳуқуқ дар ҷамъият, дар қатори дигар шаклҳои ташкили ҳокимият ва идоракунӣ нақши сарвариро низ бар уҳда дорад.

3. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз зумраи аҳли тасаввуф буда, мавқеъ ва диди хоси ҳуқуқӣ дорад ва ҷонибдори таълимоти волоияти адолат дар ҷомеа ва маҳкама мебошад. Муносибати вай дар самти адолат ва адолатпешагӣ бо андешаҳои мутафаккир дар бораи вазъи ҳуқуқии ҳокимону амирон, подшоҳон, вазирон, дабирон ва дигар ашхоси мансабдор робита дорад. Мутафаккир дар бораи вазъи ҳуқуқӣ ва рафтори шахсони мансабдори давлатӣ, хусусан дабирон (котибон) ва мушовирон ақидаҳои муҳимро пешниҳод намуда, шараф ва виҷдони мансабдоронро кафолати адолати иҷтимоӣ мешуморад.

4. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҷонибдори давлати шоҳӣ буд. Ба ақидаи ӯ, танҳо сарвари давлат метавонад одамонро аз ҷабру зулми якдигар раҳонад ва ҳаёти ҷамъиятро танзиму муроттаб намояд. Ӯ дар таълимоти худ ба се рукни асосии ҷомеа – раият, давлат ва шоҳ, ки фаъолияташон гуногун буда, вале барои амалӣ шудани як ҳадаф – расидан ба беҳбудии ҷомеа мусоидат мекунад, аҳамият додааст.

5. Мутафаккир нақш ва нуфузи баланди раиятро дар пешрафти ҷомеа эътироф мекунад. Маҳз гуногунтабъиву мухталифии қобилияту истеъдоди раият ва гуногунии мизоҷи онҳо зарурияти падид омадани шоҳ ва дастгоҳи идоракунӣ – давлатро, ба амал меорад. Мақсади таъсиси ҳокимият ва давлатро риояи адолат ҳамчун талаботи пешниҳодшаванда ба мардум ва башарият ташкил медиҳад. Ин талаботи асосии «давлати комил» ва инсони такомулёфта аст, ки бо ду роҳ таъмин карда мешавад: а) тавассути ташаккули маърифати умумӣ, шуури

баланди ҷамъиятӣ ва тарбияи баланди ахлоқӣ; б) бо роҳи риояи арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ.

6. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ зидди ситам ва озори мардум буда, идоракунии истибдориро намепазируфт, зеро дар он манфиатҳои ҷомеа ва ҳуқуқу озодиҳои раият поймол карда мешаванд. Мутафаккир назарияи худро ба таҷрибаи подшоҳони одил ва идеяи хеле қадимии «ҳокимияти одил» асоснок намудааст. Алии Ҳамадонӣ кӯшиш кардааст, ки ин назарияро бо усулҳои ақлгароёна, бо истифода аз мафҳумҳои идораи одилона ва поквиҷдонона, риояи қатъӣ ба меъёрҳои истиқрори ҳокимияти давлатӣ, фазилат ва хирад, муносибати одилона нисбат ба подшоҳ аз ҷониби тобеонаш, одоби корҳои давлатӣ ва инсондӯстӣ асоснок намояд.

7. Сарчашмаҳои таълимоти ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадониро метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо сохт: а) динӣ (Қуръон, ҳадисҳои пайғамбар, иҷмоъ, иҷтиҳод, фатво, қиёс); б) ақлӣ (андешаҳо ва таҷрибаи шахсии муҳаққиқ); в) амалӣ (таҷрибаи идоракунии давлатӣ, санадҳои ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ, созишномаҳои гуногун байни давлатҳо).

8. Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ шарҳи манобеъи асосии шариати исломӣ буд. Мутафаккир бо истифода аз таҷрибаи дар ин соҳа ташаккулёфта ба шарҳи муфассали меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ, ки дар он давраи низоми ҳуқуқӣ ҳукмрон буд, таваҷҷуҳи махсус медиҳад. Тафсири ҳуқуқӣ дар асарҳои мутафаккир дар робита бо фаъолияти сохторҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ, бо мақсади такмили фаъолияти онҳо ва таъмини самаранокии татбиқи меъёрҳо ба роҳ монда мешавад. Илова бар ин, мутафаккир зарурияти ташаккули соҳаҳои гуногуни ҳуқуқро асоснок мекунад.

9. Ақидаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба ҳуқуқи андозу закот ва намудҳои молиёт, риояи ҳуқуқу манфиатҳои одамон ҳангоми баамалбарории ҳокимият дар раванди ҷамъоварии молиёт, риояи адолати судӣ ва идоранамоӣ, адолат ва таъмини муносибати

инсондӯстона бо аъзои ҷомеа, риояи адолат ва ба инобат гирифтани имконияти модию иқтисодии одамон дар муносибатҳои андозию молиётӣ сазовори таваҷҷуҳи махсус мебошанд. Илова бар ин, ақидаи мутафаккир оид ба ҷавобгарии андозсупорандагон баён мешавад. Ҳамадонӣ дар ҳалли ҳамаи ин масъалаҳо адолатро ҳамеша дар мадди аввал мегузорад.

10. Дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ манфиатҳои инсон дар мадди аввал гузошта шудааст, ки ба манфиатҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҷудо мешаванд. Ба ақидаи ӯ имтиёзҳои алоҳида ва манфиатҳои инсон танзими ҳуқуқиро талаб менамоянд. Имтиёзҳои мазкур дар мадди аввал ҳуқуқҳои занону кӯдаконро таъмин мекунанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки дар доираи таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ сарҳадоти фаҳмиши таърих, назарияи ҳуқуқ ва давлат, таърихи афкори ҳуқуқӣ ва сиёсии халқи тоҷик ба маротиб васеъ хоҳад шуд. Аз маводу хулосаҳои диссертатсия метавон дар таҳқиқотҳои оянда ва дар ҷараёни тадриси фанҳои таърихи афкори ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, фалсафаи ҳуқуқ, назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷӣ, проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, асосҳои ҳуқуқи исломӣ, таърихи ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, инчунин ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ истифода намуд. Инчунин натҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд барои баланд бардоштани фарҳанги ҷавонон, махсусан фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, худшиносию худогоҳии мардум, огоҳӣ пайдо намудан аз таъриху фарҳпнгӣ миллӣ ва ғ. хизмат намояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти** диссертатсиониро афкори давлатию ҳуқуқии мутафаккирони тоҷик, андешамандони илми ҳуқуқ ва давлатшиносии тоҷик, махсусан Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ

муайян мекунанд. Дар асоси омӯзиши осори пурғановати мутафаккир муаллиф мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо, фишурдаҳои илмӣ ва рисолаи диссертатсиониро бо истифода аз усулҳои умумиилмӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва ғ. амалӣ намудааст, ки дар натиҷа барои анҷом додани рисолаи пурарзиши илмӣ мушарраф гардидааст.

Эътимоднокии натоиҷи таҳқиқоти рисолаи илмӣ инчунин дар омӯзиши объективии мавзуи баррасишаванда, муҳокимаи он дар чандин семинару конфронсҳо, дар байни мутахассисон, таҳлили амиқи ғояҳои давлатию ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва муқоисаи онҳо бо андешаҳои сиёсиву ҳуқуқии дигар мутафаккирони халқи тоҷик, имкони истифодаи ин натиҷаҳо дар пажӯҳишҳои минбаъдаи фалсафашиносӣ ва ҳуқуқшиносии ватанию хориҷӣ собит мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** бо навгонии илмии таҳқиқоти илмӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, хулоса ва тавсияҳои амалии муаллиф, мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигар нашр шудаанд, ҳамчунин маърузаҳои муаллиф дар конфренсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии байналмилаливу ҷумҳуриявӣ тасдиқ мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои кафедраи номбурда муҳокима шудааст. Нуқтаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии зерин дар шакли маърӯза пешниҳод шудаанд:

**А) Байналмилалӣ:**

– Калонов Ф.М. Вазъи ҳуқуқии раият дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз. //Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (9 декабри соли 2022).- Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022 – С. 348-354.

– Азиззода У.А., Калонов Ф.М. Давлат ва ҳуқуқ дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Материалы международной научно-практической конференции «Таджики в зеркале истории», посвященной 115-летию академика Бободжона Гафурова (27 октября 2023 года). Часть I. (право, экономика). – Душанбе, 2023. – С. 14-19.

– Азиззода У.А., Калонов Ф.М. Ақидаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба вазъи ҳуқуқии подшоҳон, вазирон ва амалдорон // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 364-376.

– Калонов Ф.М. Шарҳи мухтасари таълимоти ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба ҳокимият. Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2014 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ». (6 уми декабри соли 2024) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Сомон Принт, 2024. – С. 619-624.

– Калонов Ф.М. Ақидаҳои давлатию ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ / Материалы Международной научно-практической конференции XV Ломоносовские чтения «Кооперация науки и национально оррентированных стратегий: цифровая модернизация и

иновационное развитие» (22-23 апреля 2025 года). Часть II. Гуманитарные науки. – Душанбе, 2025. – 591 с. – С. 382-387.

**Б) Ҷумҳуриявӣ:**

– Калонов Ф.М. Нақши давлат ва ҳуқуқ дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили ҳуқуқи инсон. (7 декабри соли 2020). -Душанбе, -С. 433-440. (Сах умуми 510).

– Калонов, Ф.М. Мирзозода А.С. Иъникоси давлат ва ҳуқуқ дар асарҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар таҳким ва такомули соҳаҳои ҳаётан муҳими хоҷагии халқи мамлакат» (27 уми декабри соли 2021). – Душанбе, 2021. – С.137-139.

– Калонов Ф.М., Салимов С. Андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар афкори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021». – (27 уми феврали соли 2021) – Душанбе, 2021. – С. 51-54.

– Калонов Ф.М., Шокирова С. Муносибати мутақобилаи ахлоқ ва ҳуқуқ. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар таҳким ва такомули соҳаҳои ҳаётан муҳими хоҷагии халқи мамлакат». – (27 декабри соли 2021). – Душанбе, 2021. – С.140-142.

– Калонов Ф.М. Нақши арзишҳои ҳуқуқиву ахлоқӣ дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Конститутсия ҳамчун омили устувории давлат». (Конституция как фактор стабильности государства) (25 октябри соли 2024). Душанбе. 2024. – 177 с. – С. 26-32.

– Калонов Ф.М. Шарҳи мухтасари таълимоти ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ

дар мавзуи «Нақши Пешвои миллат дар густариши маърифати ҳуқуқии ҷомеа» бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ». (ш. Душанбе, 8 июни соли 2024). – Душанбе: «Хирадмандон», 2025 – 328 с. – С. 305-313.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба муҳтавои диссертатсия унвонҷӯ мақолаи илмӣ, аз ҷумла адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва адади он дар нашрияҳои дигар ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 190 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. ШАРОИТИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ АҚИДАҲОИ ДАВЛАТӢ ВА ҲУҚУҚИИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

## 1.1. Замони зиндагӣ ва рӯзгори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ

Замони зиндагӣ ва фаъолияти илмию эҷодии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (солҳои 1314-1386) даврони бисёр вазнину хунини таърихи халқи тоҷик ба ҳисоб меравад, чун саросари Хуросону Эрон ва дигар минтақаҳои ҳамсарҳад бо ин кишварҳо ба ҳуҷумҳо ва ваҳшонияту хунрезиҳои муғулҳо рӯбарӯ гардида буданд. Кишварҳои ободу пешрафта ба харобазор табдил ёфта мардуми ин минтақаҳо қурбони ваҳшонияти ғосибон гардиданд [37; 65]. Аҳли илм, маърифат ва озодандешон низ аз ин бало эмин набуданд. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки зода ва парвардаи ҳамин замон буд, низ дар чунин муҳити сангину ҳузнангез зиндагӣ ва кору фаъолият намудааст. Чунин вазъ на танҳо дар замони ҳукмронии муғулҳо, балки дар замони давлатдории сулолаи Темуриён низ бо шиддат ва хусусиятҳои хоси худ идома намуд. Вазъи сангини иҷтимоӣ, шароити пасти иқтисодӣ, ғорату истибдоди халқ ба руҳияи мардум, муносибати даҳшатбор бо донишмандону равшанфикрон, бахусус ба шахсони донишманде, чун Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бетаъсир буда наметавонист.

Дар сарчашмаҳо ва дигар адабиёти таърихӣ доир ба ин давраи таърихи халқи тоҷик маълумотҳои зиёде мавҷуданд [133, с. 32-38]. Мо низ кӯшиш намудем, то бо истифода аз маводи сершумори илмӣ дар хусуси замони зиндагӣ, ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва мадании мутафаккир, бахусус маҳалли зист ва фаъолияти эҷодии ӯ, Ҳамадон, Кашмир, Хатлон, Хуросон ва дигар минтақаҳое, ки ӯ сафар намуда, зиндагӣ ва эҷод кардааст, чанде маълумот пешниҳод намуда бошем.

Аз муаррихони араб Ибн ал-Асир (1160-1244), ки шоҳиди манзараи мудҳиши истилои муғулҳо ва ваҳшонияти онҳост, рафтори ғайриинсонии

ғосибони чингизиро чунин тасвир мекунад: «Онҳо ба касе раҳм намекарданд, баръакс, занон, мардон ва кӯдаконро мекуштанд, шиками занони ҳомиларо пора карда, кӯдакони ҳануз таваллуд нашударо сар мезаданд. … шарораҳои ин бало ба ҳар тараф парида, офати он насиби умум гардида ва ҳамчун абри сиёҳе, ки онро боди сахт меронад, аз вилояте ба вилояте сайр намуд. Халқе аз канори мамлакати Чин баромада, ба вилояти Туркистон, Қошғар ва Баласоғун ҳамла овард ва аз он ҷо ба навоҳии Мовароуннаҳр, ба Самарқанд, Бухоро ва ҷоҳои дигар тохт, ишғол кард, хароб намуд, ба қатл расонид ва ба яғмо бурд. Шаҳре набуд, ки аз дасти тоторҳо саломат монда бошад, онҳо ҳама ҷоро вайрон мекарданд, аз наздикии ҳар чизе, ки мегузаштанд, ҳар як чизе, ки ба назарашон ғайриқобили истеъмол менамуд, месӯзониданд» [31, с. 450-451].

Дар хусуси ҷалб намудани ҳокимони маҳаллӣ барои идора намудани минтақаҳои забткарда дар китоби «Тоҷикон»-и Б. Ғафуров чунин омадааст: «Истилогарони муғул кишварҳои забткардаашонро бо қувваи худ идора карда наметавонистанд. Ин буд, ки Уқтой вазифаи идора кардани Мовароуннаҳрро ба бузургтарин тоҷир ва рибохӯри ин мамлакат – Маҳмуди Ялавоч, супорид. Маҳмуд дар Хуҷанд истода, қаламрави худро идора мекард. Тамоми қувваи ҳарбии дар Мовароуннаҳр гузоштаи муғулҳо низ дар ихтиёри ӯ буд. Сардорони ин қувваи ҳарбӣ баскакҳо, ки назорати аз аҳолӣ ҷамъ кардани молиёт ҳам вазифаи онҳо ҳисоб мешуд, бевосита ба Маҳмуди Ялавоч итоат намуда, бо нишондоди ӯ амал мекарданд [31, с. 452]».

Агарчанде Мовароуннаҳр ба мулки Чағатой дохил мешуд, вале амалан ин мамлакатро худи хони бузург Уқтой (1229-1241) дар тасарруф медошт ва фақат як қисми воридоти онро ба Чағатой ва хонаводаи ӯ медод [31, с. 452]. Чунин муносибатҳо ва муборизаҳо миёни ҳокимон ва ворисони Чингизхон вазъи бе ин ҳам ногувори сиёсӣ, иҷтимоӣ ва мадании кишварро вазнинтар мегардониданд. Муносибатҳои

марказгурезӣ ва худкомагӣ дар идоракунии минтақаҳои кишварҳои тобеи давлати муғул рӯз аз рӯз меафзуд. Чунин муқовиматҳо ва манфиатҷӯиҳо боиси аз байн рафтани давлатдории Чингизхон ва ворисони ӯ гардид. Дар натиҷаи чунин низоъҳо ҳокимият ба дасти Амир Темур расид, ки онр давраи тиратарини таърихи Мовароуннаҳр меноманд.

Макони зисту зиндагонии мутафаккир Алии Ҳамадонӣ – Ҳамадон низ, ки дар қисмати ғарбии Эрон ҷойгир гаштааст, аз ҷониби муғулҳо забт гардида, ба дасти тороҷ дода шуд. Низоъҳои байниҳамдигарии ҳокимони маҳаллӣ ҳолати сиёсию иҷтимоӣ ва маданиро дар ин минтақаҳо мушкил мегардонад. Ҳамин гуна аҳволи сангин боиси мусофирати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, чун дигар донишмандони замон, ба кишварҳо ва минтақаҳои нисбатан амну барои зиндагию эъҷод созгор гардид [97, с. 33].

Гарчанде дар охири салтанати муғулҳо ва оғози давлатдории Темуриён шароити сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию мадании ин сарзаминҳо хеле бад буд, дар давраҳои минбаъдаи ҳокимияти сулолаи Темуриён вазъ дар кишвар беҳтар шудан мегирад.

Суст гардидани ҳокимияти марказонидаи муғул ва саркашию марказгурезӣ намудани ҳокимони минтақаҳои давлат, муборизаи озодихоҳӣ ва ҳифзи марзу буми маҳал ва кишварҳо аз ҷониби мардуми маҳал низ шароити зиндагию фаъолияти донишмандонро торафт мураккаб менамуд. Темур, ки ҳокими Кеш буд, бо ҳокими Балх амир Ҳусейн созиш намуда, ба муқобили хони муғул Туғлуқ Темур муқовимат намуд, ки дар натиҷа шикаст хурда, ба он тарафи Ому фирор намуднд. Беҳокимиятии шаҳр боиси дар Самарқанд фаъол гардидани ҷунбиши Сарбадорон гардид.

Дар натиҷаи харобгариҳои зиёде, ки дар тули таърих бар ин сарзамин фуруд омадааст, шаҳрҳо ғорату истило гардида, садҳо муассисаҳои илмию фарҳангӣ, аз қабили мадрасаву китобхонаҳо ва

хазинаҳои фарҳангӣ нобуд гардиданд. Уламо ва адибон, фузало ва донишмандон кушта шуданд ва ё таъқиб гардиданд, ки боиси паст рафтани илму фарҳанг ва маданият гардидаанд. Баъд аз ҷангҳои запткорона ва хунрезию харобкориҳои зиёд Темур ва ворисони ӯ акнун ба обод намудани шаҳрҳои ғасбшуда шуруъ менамоянд. Ҳатто дар ин хусус фармоиши махсуси обод намудани замину шаҳрҳои ғасбшуда содир мегардад. Баъд аз гаравидани хонҳои муғул ба дини ислом онҳо кӯшиш намуданд, ки дар атрофи худ намояндагони уламо ва тоҷиронро ҷамъ оваранд. Чуноне ки Пигулевская қайд менамояд «Иддае ба илму ҳунар гаравиданд ва аҳли илму фазлро мавриди ҳимоят қарор доданд» [151, с. 34-36].

Бо вуҷуди харобкориҳое, ки зикр гардид, қайд мекунад Ҳ.Р. Асозода: «… фарҳанг ба тамомӣ аз байн нарафт ва бо ҷонсахтӣ вазифаи азалии худро идома додааст. Ҳанӯз аз давраи салтанати сулолаи муғулон Хоҷа Насириддини Тӯсӣ ва Шамсиддин Муҳаммади Ҷувайнӣ ҳамроҳи бародараш Атомалики Ҷувайнӣ ва Хоҷа Рашидуддини Фазлуллоҳ, ки ҳама аз аҳли фазлу дониш буданд, бо қабули шуғли девонӣ дар тармими харобот ва ҳимояту сарпарастии фузалои замон қадамҳои муассир гузоштанд» [151, с. 36].

Дар ин давра дар минтақаҳои нисбатан амн ва аз ҷиҳати маданият аз ҷабру зулм ва ғоратгарӣ эминмонда илму маданият рушд менамуд. Чунончи, Б. Ғафуров ба майдон омадани бузургтарин симоҳои илму фарҳанги форс-тоҷик -Ҷалолиддини Румӣ, Саъдии Шерозӣ, Муҳаммад ибни Қайси Розӣ ва Амир Хусрави Деҳлавиро ба ҳамин давраи мураккаби таърихӣ хос медонад [31, с. 470-472].

Аз ҷониби муҳаққиқони дигари тоҷик дар хусуси мутафаккирони форсу тоҷик, хусусан манотиқи ҳаёт ва фаъолияти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва қаҳрамонона зиндагию эҷод намудани ӯ қайд гардидааст. Аз ҷумла Ҳ.Р. Асозода хидмати муаррих, пизишки ботаҷриба ва донишманд Рашиди Фазлуллоҳро дар ин давра ёдоварӣ намудааст. Ӯ

қайд мекунад, ки: «Ӯ чун марди соҳиброй ва ботадбир дар ҳидояту додгустарӣ ва роҳбарии сиёсии Ғозонхон нақши асосӣ доштааст. Шоирони бузурге, чун Саъдии Шерозӣ ва Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ ва дигар фузалои он аҳд, дар ҳақиқат, дастпарварон ва тарбиятёфтагони ҳукуматҳои пешинаи Эрон буданд, ки дар давраи муғул шуҳрат ёфтанд ва осору афкори худро дар муҳитҳои ором ва муносиби минтақаҳои Форс, Осиёи Сағир ва ё Ҳиндустон дар маърази афкори умум қарор доданд. Муҳити фарҳангпарвари Эрон хонзодаю ашрофзодагони муғулу темуриро ба қадре тарбият менамуд ва ба илмҳои пешқадами он аср наздик месохт. Аз ҷумла, дар аҳди ҳукмронии сулолаи Темуриён Улуғбекро номбар кардан мумкин аст, ки омӯзишу татбиқи илми нуҷум ниҳоят дилбастагӣ дошт. Бойсунғур – бародари Улуғбек ба адабиёт мароқу ҳаваси зиёде зоҳир менамуд. Мақому манзалати шуарову уламо дар аҳди ӯ хеле баланд гардида буд» [151, с. 36-37].

Тохтутози муғул, бесарусомонӣ ва ғоратгариҳои даврони аввали ҳукмронии Темуриён боиси саргардонию гурезапоии донишмандон аз маҳалли зисташон гардид, ки ин ҳолат ба инкишофи илму фарҳанг дар ин минтақаҳо монеъ гардиданд. Аз ҷониби дигар он боиси ташаккул ёфтан ва ривоҷу нумуи доираҳои адабию фалсафӣ дар минтақаҳои дигари ин сарзаминҳо гардид.

Дар китоби «Тоҷикон»-и Б. Ғафуров як қатор олимони маъруфи замони Темур, ки дар тарбият ва ба низом даровардани усули идоракунии давлату ҷамъият хизмат намудаанд зикр гардидаанд. Муаррихи маъруф дар хусуси Саъдуддин Масъуд ибни Умари Тафтазонӣ (1332-1389), Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ (1392-1450), Низомиддин Шомӣ (соли 1404 дар қайди ҳаёт будааст), Шарафуддин Алии Яздӣ (вафоташ 1454) ва шоирони бузург - Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ (вафоташ 39 1389) ва Камоли Хуҷандӣ (вафоташ тахминан 1400) маълумот медиҳад [31, с. 503-509].

Оид ба мубоҳисаҳои зиёди илмии Саъдудин Масъуд ибни Умари Тафтазонӣ ӯ қайд мекунад, ки «... ӯ то охири умри худ дар Ғиждувон, Ҷом, Хоразм, Туркистон, Самарқанд, Ҳирот ва Сарахс ба дарсгӯӣ машғул шуда, доир ба сарфу наҳв, фиқҳ ва илми баён рисолаҳои зиёде таълиф намудааст, ки ҳануз аз замони дар қайди ҳаёт будани ӯ ба қатори китобҳои дарсӣ дохил гардидаанд». Ё аз муаррихи дигари ин давра ёдовар шуда, менависад: «Муаррихи барҷастаи он давр Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ дар Димишқ таваллуд ёфта, аз синни ҳаштсолагӣ дар Самарқанд иқомат намудааст. Асари асосии ӯ «Аҷоиб-ул-мақдур фӣ нуввоби Темур» ном китобест, ки дар он хусусиятҳои манфии Темур ниҳоятдараҷа сахт ва нисбатан ба он замон хеле ҷасурона мазаммат мешаванд» [31, с. 503].

Дар натиҷаи талаву тороҷ намудани шаҳрҳо, паст рафтани сатҳи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва ниҳоят ноором будани вазъи сиёсии кишвар маданият ва илм ба пуррагӣ аз байн нарафт. Вазъи Хуросону Мовароуннаҳр ҳаммонанд ба минтақаҳои дигари Эрон, аз он ҷумла, шаҳрҳои Шерозу Исфаҳон ва Ҳамадон буд, ки Алии Ҳамадонӣ дар он ҷо таваллуд ва тарбият гирифтааст. Рақобати илм бо дину таассубгароӣ ва ҷабру зулми ҳокимон, ҳаёти маданӣ ва зиндагию эҷодиёти олимону муттафакиронро мураккабу вазнинтар мекард. Чун афкори динӣ доимо бологир ва ғолиб дар гирудори илмӣ буд, фалсафаю ҳикмат ва адабиёту ҳикмат низ моҳият ва хусусияти диниро касб менамуд. Вале афкору эъҷоди муқобил ба андешаю афкори ҳукмрон низ мавҷуд буд, ки дар бисёр маврид сабаби асосии таъқибу зуроварӣ нисбат ба мутафаккирону донишмандон мегардид. Чунин муносибати сангини ҳокимиятдорон ва ғосибонро дар давраи зиндагию эҷоди мутафаккир муҳаққиқони дигари ватанӣ низ қайд намудаанд [149, с. 17-29].

Маҳз дар чунин шароити душвору пурталотуми мухолифатҳои афкору андешаҳо Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ зиндагӣ ва таълифу эъҷод намудааст. Шароити зикршуда дар шеваи эъҷодиёт ва ҷаҳонбинии ӯ низ

таъсир расонидааст. Дар баробари гуногун будани равия ва ҷараёнҳои илмию фалсафӣ равияҳои динӣ низ гуногун ва серҷабҳа буданд, ки ин ба моҳияти андешаҳои илмию фалсафии мутафаккирон бетаъсир намемонд [132, с. 110-14].

Вазъи эҷодии зикршударо Ҳ.Р. Асозода чунин баён намудааст: «Дар қатори ҷараёнҳои маъмули тасаввуф дар асри XIV, инчунин, ҷараёнҳои риндию футувват амал менамуданд. Агар футувват аз рӯйи хислати худ ахлоқию динӣ ва касбию ҷавонмардӣ бошад, пас дар баёни ақоиди риндӣ як навъ худогоҳӣ ва мубориза алайҳи риёкорию худнамоии динӣ ошкор аст. Аз ҷамла, мавзуи инсондӯстӣ ва баланд бардоштани мақоми инсон дар ҷомеаи башарӣ ва даъват ба ягонагию муттаҳидӣ, инчунин, танқиди ғофилию худпарастӣ хоси афкори пешрафтаи футувват аст. Таъсири тафаккури фалсафӣ ва ҷаҳонбинии аҳли тасаввуф ба ақоиди Алии Ҳамадонӣ ниҳоят бузург буд» [151, с. 40].

Шароити сангини замони ҳаёт ва фаъолияти мутафаккир ӯро маҷбур намуд, то дар таълимоти худ ба масъалаҳое рӯ биёрад, ки барои устувории ҷомеа ва сарҷамъии мардум аҳаммияти воқеӣ дошта бошанд. Аслан андешаҳо барои созгории ҷомеа, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, эҳтироми ҳамдигарии аъзоёни ҷомеа, таҳкими идоракунии давлат, иҷрои самараноки вазифаҳои соҳаи идоракунии давлатӣ, баланд бардоштани нақш ва мавқеи илму таълим дар пешрафти ҷомеа, таъмини тартибу низом ва созгории оила ҳамчун ҷузъи таркибии ҷомеа, ба монанди эҳтироми волидон ва тарбияи кӯдакон, пешниҳод шудаванд. Ин ақидаҳо дар ҳаёти давлатию ҳуқуқии замони имрӯза низ аҳаммият ва арзиши худро гум накардаанд.

Маҳз ҳамин шароити сангин Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дигар мутафаккирони замони ӯро водор намуд, то дар таълимоти худ бештар ба масъалаҳои башардӯстона, ба тарбияи ҳуқуқӣ-иҷтимоии инсон ҳамчун ҷузъи раванди тарбияи инсони комил рӯ биёранд. Чун сарчашмаи саодати комилро осудагии рӯзгор, қаноатпешагӣ ва умуман, тарбияи

инсони комил, тарбияи васеи фарҳангӣ-иҷтимоии одамон ва ҷомеа бо назардошти меъёрҳо ва арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ ва иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Аз ин гуфтаҳо ғояи ягонагии тарбияи ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ-маънавӣ сарчашма мегирад, ки дар ҳама давраҳои инкишофи афкори давлатӣ ва ҳуқуқӣ мубраму лозимӣ буд ва дар ҳаёти имрӯза низ аҳаммияти худро гум накардааст. Дар эъҷодиёти муттафакир меъёрҳо ва арзишҳои ахлоқӣ, риояи вазифаҳо ва масъулияти хизматчиёни давлатӣ оид ба риояи ҳатмии меъёрҳои одоби хизмати давлатӣ, адолати судӣ иникос гардидаанд, ки дар замони муосир низ аҳаммияти илмӣ ва тарбиявӣ доранд.

Дар замони зиндагонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки яке аз давраҳои нооромии таърихи ин сарзамин дониста шудааст, эҷодиёти ҳама мутафаккирон, орифону бузургон, пеш аз ҳама, баҳри ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои инсон, оромию осудагии ҷомеа, самаранокии фаъолияти давлат ва мақомоти давлатӣ равона гардида буд. Аз ин рӯ, ҳифзи ҳуқуқи инсон ҳамчун унсури ақидаҳои иқтимоӣ-фархангии мутафаккир оид ба ҳимояи манфиатҳои иҷтимоию сиёсии ҳар як шахс дар ҷомеа, тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ, омӯзиши илм ва касбу ҳунар, ҳифзи оила ва таъмини баробарҳуқуқии аъзоёни оила таҳқиқ карда мешавад. Дар ин асос андешаҳои сиёсию давлатии Мир Сайид Алии Ҳамадониро идораи боадолатонаи давлат, риояи адолат дар қабули қарор ва амалисозии ҳокимият, ахлоқи ҳамида ва накуи шоҳон ва ҳокимон, худдорӣ намудан аз кирдори бад дар умури идора, содиқ будан ба халқ ва давлати худ ташкил медиҳанд. Мутафаккир ҷонибдори ҳокимияти одилона ва тавоно буд. Подшоҳон ва ҳокимонро пайваста даъват менамуд, ки аз аҳволи раият, халқи камбизоат бохабар бошанд ва манфиатҳои онҳоро ҳифз намоянд.

Вобаста ба мушкилоти давр Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ талқин менамуданд, ки роҳбари давлат ба мақсади ҷалби ризоияти халқи худ қоидаҳо ва муқаррароти қонунро, пеш аз ҳама, бояд худаш риоя кунад.

Ҳангоми баамалбарории ҳокимият, махсусан содир кардани ҳукм ва фармоиш ӯ бояд волоияти қонун ва адолат риоя ва таъмин гардад. Дар ҷомеа ва идоракунии давлат, манфиатхоҳӣ, ҳирси молу мулк ва ҳокимияти беканор боиси сар задани ҷангу ғорагарию ғасбкориҳои беандоза гардиданд, ки дар натиҷа кишварҳо, шаҳру деҳот ва минтақаҳои обод вайрона шуда, боиси хунрезиҳои зиёд ва нохушии одамон гардид. Ҳамаи ин нооромиҳои замон боиси ноустувории давлатдорӣ ва хиёнаткориҳои зиёди ҳокимону амалдорони давр гардид, ки рдар натиҷа ягонагии мардум ва осоиши ҷомеа аз байн рафт.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мавқеи раиятро яке аз мавзуъҳои марказии таҳқиқот, афкори давлатӣ ва ҳуқуқии хеш қарор додааст. Ба андешаи мутафаккир, раият дорои кулли ҳуқуқҳо мебошад. Ӯ мақом, манзалат, вазъи иҷтимоию ҳуқуқӣ ва доираи ваколату иродаи одамонро мавриди шарҳу таҳлил қарор додааст. Ӯ бовар дошт, ки сифатҳои зишти ахлоқӣ сарчашмаи адовату душманӣ ва бадбахтиву касодӣ мебошанд. Ин андешаҳои мутафаккир, бешубҳа, баёнгари ҷиҳатҳои гуногуни башардӯстонаи ӯ мебошанд.

Мутафаккир ба масъалаҳои ҳуқуқии замони худ рӯ оварда, се илми амалии даврони худ – ҳуқуқ, ахлоқ ва сиёсатро бо ҳам муттаҳид сохта, дар доираи он тамоми масъалаҳоеро, ки хусусияти ҳуқуқӣ доранд, мавриди таҳлил қарор додааст. Бар осори ӯ мавқеи асосиро ҳуқуқи давлатӣ, идоракунии боадолати маҳал, адолати судӣ ва ҷазодиҳӣ, афв ва бахшиши гуноҳ, муносибатҳои баробар ва одилонаи молумулкӣ, олӣ донистани инсон ва мавқеи он дар ҷамъият, ҳифзи манфиатҳои ҳар як аъзои ҷомеа, эҳтироми раият ва оромии ҷомеа, муносибатҳои поку беолоиши никоҳу оиладорӣ, тарбияи дурусти фарзандон, эҳтироми волидон ва устодон, омӯзиши илм ва дигар муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятӣ ишғол мекунанд. Ӯ ҷанбаҳои мусбату манфии танзими меъёриро баррасӣ намуда, оид ба шаклҳои барои ҷамъият муфид ва самараноктари танзими меъёрӣ андешаҳои ҷолиберо пешниҳод

намудааст. Асоси амалишавии ҳуқуқро ҳокимият муқаррар мекунад. Ба андешаи мутафаккир, фазилати адолат дар шарҳ ва шинохти меъёри қонун, орзуву ормони инсонӣ, масъулияти иҷтимоии ҳар фард ва риояи ҳуқуқи одамон нисбат ба якдигар ифода меёбад. Ғояи баробарии талаботи адолати иҷтимоӣ барои ҳама, зарурати риояи адолат аз ҷониби кулли аҳли ҷомеа, аз султон то ҳар фард пешниҳод карда мешавад.

## 1.2. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ

Машшоияи шарқӣ ҳамчун мактаби пешрафтаи илмию фалсафӣ ташаккулу густариш ёфта, ба тафаккури ҷамъиятӣ ва шуури мардум таъсири калон расонид. Пайравони мактаби мазкур кӯшиш намудаанд, то осори гузаштагони худро, ки бо онҳо ҳамақидаю ҳамандеша буданд, пайравӣ намоянд. Намояндагони ин мактаби бузурги илмию фалсафӣ Абунасри ибни Муҳаммад ал-Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Насируддини Тусӣ ва дигарон буданд. Ин мутафаккирон ва пайравонашон осори фалсафию адабии юнонию шарқиро дар руҳияи фалсафаи машшоӣ шарҳ дода, дар ин замина асарҳои зиёди баландмазмун офариданд. Тавре, ки Ҳ.Р. Асозода қайд менамояд: «Роҳи инкишофи фалсафаи машшоия дар асри XIV бо таълифоти Муборакшоҳи Бухороӣ, Қутбиддини Розӣ, Мир Саййид Шарифи Ҷурҷонӣ, Абдурраҳмони Элчӣ, Мир Саййид Алии Ҳамадонӣ хеле фарох ва доманадор гардид» [151, с. 40-41].

Мавзуи дигари баррасишаванда ва аз ҷиҳати методологӣ барои таҳқиқоти мо арзишманду зарурӣ таҳқиқи ҳаёт, фаъолият ва рӯзгори мутафаккир Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мебошад. Дар хусуси ҳаёт ва фаъолият, эҷодиёту таълимоти ӯ андешаҳои гуногун ва ҷолиби диққат хеле фаровонанд. Дар ин хусус таълифоти зиёди муҳаққиқон ба табъ расидааст, вале мо низ зарур донистем, то андешаи чандеро дар ин хусус баррасӣ намоем.

Чунончи, ба андешаи Ҳофизи Карбалоӣ муаллифи асари бузурги таърихӣ «Равзат-ул-ҷинон», «Мир Саид Алӣ ибни Саид Шаҳобиддин

Ҳасани Ҳамадонӣ мулаққаб ба «Амири кабир», «Алии Сонӣ» мутахаллис ба «Алӣ», маъруф ба шоҳи Ҳамадон ва машҳур ба Мир Саид Алӣ мебошад. Бинобар он, дар бораи муддати умри вай 72 сол ва таърихи вафоти вай, яъне 786 ҳиҷрӣ навиштаанд [68, с. 271-273]. Вай дар соли 713/714 мутобиқ ба 1314 милодӣ дар шаҳри Ҳамадон Эрон зода шудааст. Номи падараш Саид Шаҳобиддин Ҳасан ибни Сайид Муҳаммад Ҳамадонӣ аз зумраи мансабдорон ва бузургони шаҳри Ҳамадон буд. Дар ин хусус Алисағар Ҳикматӣ чунин менависад: «Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз афроди баргузидаи хонадони алавиён буда, ба шонздаҳ фосила ба ҳазрати имом Зайналобиддин мерасид. Лекин бояд ёдовар шуд, ки алавиёни Ҳамадон ба таври хос, ки раёсати шаҳр аз садаи IV то садаи VII дар он хонадони маврусӣ будааст, аз Содоти Ҳусайнӣ будаанд» [68 с. 259-260]. Муҳаммад Риёз таваллуди ӯро 12 раҷаби соли 714 ҳ. мутобиқ ба 12 октябри соли 1314-и милодӣ ёд кардааст [64, с. 33].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар хусуси шахси мансабдор ва саховатпеша будани падараш чунин менависад: «Вақте дар сафар будам ва мерафтам, ногоҳ чанд саворе расиданд ва мулоқот намуданд ва яке аз он саворон фуруд омад ва сар дар қадами ин дарвеш ниҳод ва бигирист. Пас, аз ӯ савол кардам, ки ту кистӣ? Гуфт: ман фалон ғуломи туркам, бандаи шумо, ки падарат Ҳазрати Амир Шаҳобиддин маро ба фалон амир бахшида буд ва дусад динор оварда ва илтимос намуд, ки бояд қабул кардан чун алҳол бисёр кард, қабул шуд. Сад динорро даъвате сохта шуд аз баҳри фуқаро монда шуда буданд аз таъби роҳ ва ман низ аз он даъват  тановул кардам»  [68, с. 260].

Равшани Оробегим, муҳаққиқи покистонӣ ҳаёт, фаъолият ва осори Алии Ҳамадониро ба се давра тақсим намудааст. «Давраи аввал байни солҳои 714 то 723 ҳиҷрӣ (мутобиқ ба 1314-1323 милодӣ) замони таълиму тарбияти мутафаккир буда, бист соли ибтидоии зиндагии ӯро дар бар мегирад. Вай дарсҳои ибтидоиро дар назди аввалустоди худ Сайид Алоуддавлаи Симнонӣ (соли вафот 734 ҳ), ки яке аз шайхони аъзами

“силсилаи кубравия” маҳсуб мегашт, хонд. Пас аз ҳифзи Қуръон илмҳои дигареро илова бар **доӣ** ва падараш аз шайх Абулбаракот ? Тақиуддин Алии Дӯстӣ (соли вафот 732 ҳ.) фаро гирифт [126, с. 40-43].

Алии Ҳамадонӣ дар оилаи обрӯманд ва илмдӯсти Ҳамадон таваллуд шуда, ба воя расидааст. Аз даврони наврасӣ ба тарбияти устодони баркамоли замонаш, чун Ахӣ Алии Дӯстӣ, Шайх Шарофуддин Абулмаолӣ ва Маҳмуд ибни Абдуллоҳи Маздақонӣ вогузор карда мешавад.

Ҳофизи Карбалоӣ дар асари худ «Равзат-уҷ-ҷинон ва ҷанат-ул-ҷинон» устодони Мир Сайид Алии Ҳамадониро номбар намудааст, ки онҳо орифи бузург ва донишмандони давр буданд. Маҳз аз таълим ва роҳнамоии онҳо мутафаккир сазовори хирқаи ифтихорӣ ва иҷозаи иршод гаштааст. Устодони ӯ Шайх Маҳмуди Маздақонӣ, Ахӣ Алии Дӯстӣ, Ахӣ Муҳаммади Ҳофиз, Шайх Холиди Пуристонӣ, Шайх Абубакри Тӯсӣ, Шайх Наҷмуддини Яҳёи Ғурӣ, Шайх Шарафуддини Даргузинӣ, Шайх Асируддини Варконӣ, Шайх Наҷмуддини Ҳамадонӣ, Шайх Муҳиддини Латаконӣ, Шайх Муҳаммади Артаконӣ, Шайх Муҳаммади Муршидӣ, Шайх Саййиди Ҳабашӣ, Шайх Зайнуддин Муҳаммади Мағрибӣ, Шайх Авази Аллоф, Шайх Абулқосими Тахтавӣ, Шайх Абдурраҳмони Маҷзубӣ, Шайх Муҳаммад ибни Маҳмуди Маҷзубӣ, Шайх Ҳусайн ибни Муслим ва дигарон буданд, ки шумораи онҳо ба 34 нафар мерасад [151, с. 43].

Устодони Алии Ҳамадонӣ, ки суфипеша ва фарогири тариқати тасаввуф буданд, ба бисёр донишмандон таъсири худро гузошта буданд. Дар хусуси устодонаш Алии Ҳамадонӣ ҳикояти дигаре аз даврони кӯдакияш дорад, ки мутобиқи он «Фармудаанд, ки ҳазору чорсад валиро қудс дарёфтаам, чорсад тан аз ин авлиёро дар як маҷлис дар синни хурдсолӣ дарёфтам ва сабаби иҷтимоии эшон ин буд, ки подшоҳи диёри моро доии саодат мулоқоти акобири Ироқ ва Хуросон пайдо омад ва бо вузарои неки райъ машварат кард. Вузаро гуфтанд, ки ба сабаби талаби

акобири дин маслиҳат набошад ва сурате надорад. Балки мадраса ва хонақое бино бояд фармуд. Ва баъд аз итмоми он бино илтимоси иҷтимоӣ бояд намуд [151, с. 43-44].

«… Подшоҳро аз ин сухан хуш омад, бинои он иморат амр кард. Чун он бино ба итмом расид, уламо ва машоихи Ироқ ва Хуросонро талаб намуд аз барои иҷлос. Ва моро бо худ ҳозир оварданд дар он «маҷмаул акобир», пас чаҳорсад муҳаққиқ бар дасти рости подшоҳ нишастанд. Ва уламои номдори олӣ миқдори бисёр бар дасти чапи подшоҳ нишастанд. Ва амир Шаҳобиддин дасти ман бигирифт ва фотиҳа илтимос намуд. Ва ҷамии уламо ва фуқаро, ки дар он маҷлис ҳозир буданд, аз барои ман фотиҳа хонданд. Пас дигарбора илтимос намуд, ки ҳар як аз фуқаро аз барои ин фарзанд ҳадисе нақл фармоянд, то аз роҳи табаррук симоъ намояд. Бино алайҳи аввал ҳазрати Шайх Алоиддавлаи Симнонӣ-қудс бар ман ҳадис хонд ва охир хоҷаи Қутбиддин Яҳёи Нишопурӣ пас чаҳорсад ҳадис бо саодати фотиҳа он иззае ба ман расид дар он маҷмаъ ул акобир» [70, с. 313-318].

Давраи дуюми ҳаёт ва фаъолияти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба давраи сафарҳо ва ҷаҳонгардии мутафаккир рост меояд, ки солҳои 733-753-и ҳиҷриро дар бар мегирад.  Мувофиқ ба нишондодҳо ва гуфтаҳои муҳаққиқон, ӯ ба як қатор кишварҳо, ба монанди Ҳиҷоз, Рум, Шом (Сурия), Ироқи Эрон, Балх, Мовароуннаҳр, минтақаҳои Ҳинду Покистон, Туркистон, Чин ва Сейлон сафар кардааст[68, с. 260]. Сабаби ҳиҷратҳои мутафаккир гоҳо ихтиёран бо мақсади омӯзиши расму оин ва шиносоӣ бо шахсиятҳои барҷастаи давр, аз худ намудани илму дониши замон ва минтақаҳои гуногуни олам сурат гирифтааст. Вале, тавре ки қайд гардид, аз ҷониби дигар сабаби ҳиҷрати мутафаккир ба ноормиҳои маҳалли зисти ӯ алоқаманд буданд. Ҳангоми ин сафарҳо ӯ бо олимону мутафаккирони зиёд вохурда, аз онҳо донишу малакаи зиёд мегирад, ки дар таълифоти худ дар хусуси онҳо маълумоти зиёд додааст.

Ӯ дар хусуси сафарҳояш дар «Авроди фатҳия» чуни қайд мекунад: «Се бор аз Машриқ ба Мағриб сафар кардам, басе аҷиб даҳру деҳ дида шуд ва ҳар боре ба вилояте расидам, расму одати аҳли он мавқеъ тариқи дигар буданд. 1400 авлиёи комилро дарёфтам ва аз ҳар яке нисбати бар гирифтам ва аз он ҷумла 1400-ро дар як маҷлис дарёфтам ва ҳар исме аз исмҳои Аллоҳ, ки кушоиши фатҳи тариқати эшон аз он шуда буд, ба ин заиф ато фармуданд.

Ва аз он баракот бисёр ва баҳраи бешумор баргирифтам. Ва аз натоиҷи ин сафарҳо суҳбат ва муколимаҳо бо одамони шиносои ашколи мухталиф, салтанат ва давлатдории кишварҳои гуногуни оламро хулоса кардам» [53, с. 24].

Дар адабиёт қайд мегардад, ки: «Дигар хидматҳои ориф ва солики роҳи ҳақ ва адолат интиқол ва инкишофи адабу фарҳанги форсиву тоҷикӣ дар Ҳинду Покистон мебошад. Пайкорҳои ӯ дар ин замина, аввалан ба таблиғ ва тарвиҷи ҳунарҳо ва саноеи мардуми форснажод, мисли шолбофӣ, қолибофӣ, сангтарошӣ, меъморӣ ва ғайра марбут шуда, сонияи, саҳми ӯ дар густариши забон ва шеъру адаби форсии тоҷикӣ дар як минтақаи паҳновари ҷаҳон бузург аст» [142, с. 156-157].

Давраи сеюми ҳаёт ва фаъолияти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ солҳои 753-786-и ҳиҷри мутобиқ ба солҳои 1353-1384 милодиро дар бар мегирад. Ин давраи муҳим ва пурмаҳолтарини ҳаёти ӯ ба ҳисоб меравд, чун ба пуррагӣ ба иршоду таблиғ ва талқин бахшида шудааст. Дар ҷараёни ҷаҳонгардӣ ӯ суфияро таблиғу тарвиҷ намуда, дар минтақаҳои гуногуне, ки муносиб медонист, зиндагӣ мекард ва марказҳои маънавӣ ташкил менамуд. Дар ин марказҳо мутафаккир барои тарбияи шогирдон низ машғул гардида, мактаби илмии худро ташкил ва ривоҷ медод ва аслан тавассути онҳо андешаҳои худро паҳн менамуд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ осори бисёр ҷолиб ва арзишмандеро боқӣ гузоштааст, ки дар онҳо масъалаҳои ҳастишиносӣ, маърифати оламу одам, ҳуқуқу манфиатҳои инсон, ташаккул ва инкишофи низоми

ҷомеаи инсонӣ ва низоми давлатдорӣ, усулҳои амалисозии ҳокимият ва монанди инҳо баррасӣ гардидаанд.

Асарҳои Алии Ҳамадониро ҳудудан 200 адад мешуморанд. Таълифоти ӯ аз рисолаҳои ҳаҷман хурд, ки бо забони форсӣ ва қисмати маҳдуди он бо забони арабӣ таълиф шудаанд, иборат мебошанд [151, с. 88]. Ин асарҳо масоили назариявию амалии тасаввур, аз ҷумла, ваҳдати вуҷуд, таназзул ва зинаҳои он, ишқу муҳаббат, муриду муршид, холиқу махлуқ, инсон ва ҳуқуқу манфиатҳои он, такмили худӣ, маърифати ҳақ ва усули воситаҳои он, одобию машоих, қоида ва мақомҳои суфия, футувват ва м.и. -ро фаро мегиранд. Асарҳои пурмазмун ва нодири мутаффакир «Шарҳи асмои ҳусно», «Асрор-ун-нуқта», «Ал-мувадат фил-қурбо ва аҳл-ил-ибо», «Равзат-ул-фирдавс», «Сифат-ул-фуқаро», «Асрор-ун-нуқта», «Рисолаи қуддусия», «Рисолаи вуҷудия», «Рисолаи ҳамадония», «Рисолаи ақлия», «Авроди фатҳия», «Истилоҳоти сӯфия», «Даҳ қоидаи сӯфия», «Ҳалли мушкил», «Рисолаи нафсия», «Одоб-ул-машоҳид», «Рисолаи маномия», «Рисолаи мушайнаи амирия», «Рисолаи саволот», «Чиҳил мақоми сӯфия», «Рисолаи дарвешия», «Рисолаи футувватия», «Машориб-ул-азвоқ», «Рисолаи зикрия», «Ас-сабъин фи фазоили Амирул мӯъминин» ва ғ. ба ҳисоб мераванд [85, с. 11]. Дар баробари он ки онҳо фарогири таълимоти тасаввуфии мутафаккир ҳастанд, ҳамзамон, дар онҳо ақидаҳои давлатию ҳуқуқии вай, ки ифодакунандаи махсусияти андешаҳои муттафакир нмсбат баба масъалаҳои давлатию сиёсӣ ва иҷтимоию ҳуқуқӣ мебошанд, инъикос гардида буданд [111, с. 178-181].

Дар таълимоти худ Алии Ҳамадонӣ ба Ибни Арабӣ[38, с. 98-99] пайравӣ намуда, масъалаи ҳастиро, ки яке аз мавзуъҳои асосии фалсафа ва таълимоти ӯро ташкил менамояд, ба тариқи зайл иброз доштааст: «Назди аҳли кашфу шуҳуд вуҷуди мутлақ яке беш нест ва он вуҷудест, ки вуҷуди ҷамеи мавҷудот бад-он ҳазрат мунтаҳо мешавад ва он мунтаҳои ҳама аст» [74, с. 50-53]. Ин шакли таъбири ҳастӣ, бешубҳа тавҳид буда,

зоҳиран хусусияти тавҳиди динӣ дошта бошад ҳам, моҳиятан тавҳиди тасаввуфӣ мебошад ва Худо табиатан индунёист. Агар вай ондунёӣ бошад, пас, низоми ваҳдати вуҷуд халалдор ва коста мегардад. Сабабаш дар он аст, ки дар тавҳиди ирфонӣ Худо ва инсон моҳиятан яканд, аз ин рӯ, байни онҳо на робитаи холиқу махлуқ, балки робитаи моҳияту зуҳур вуҷуд дорад.

М. Султонзода низ дар ин хусус таъкид кардааст: «...мувофиқи аҳкоми динӣ (исломӣ) ҷараёни офариниш (ибдоъ) аввалу охир дорад, вале дар ҳикмати ирфонӣ ин амал тобиши дигарро молик аст. Ин ҷо вай ҳадди муайяни замонӣ надорад, ҷараёни судур беохир аст» [85, с. 12]. Алии Ҳамадонӣ зери таъсири ҷараёни навафлотуния таъкид мекунад, ки ин олами моддӣ аксу сояи Худо буда, ҳама чиз мутобиқи ҷараёни судур аз моҳияти ӯ зоҳир мешавад, «пас ҳама аз ӯст» ва ин ҳукм бар он қазоват мекунад, ки дар ин сурат низ «ҳама ӯст», зеро агар ӯ ғайри ӯ (Худо) ҳастие дигар вуҷуд надошта бошад ва ҳастии имкон аз ӯ содир шавад, пас хоҳ нохоҳ ҳамаи мавҷудот танҳо ӯст [85, с. 13].

Алии Ҳамадонӣ дар таълимоти худ инсон, мақому манзалат ва ҷойгоҳи ӯро ҳамчун арзишмандтарин махлуқоти офаридаи Худованд мавқеи меҳварӣ додааст. Ба андешаи ӯ инсон аз моҳияти Худо содир шуда, охирин «қавси нузул»-и доираи комили вуҷуд мебошад. Новобаста аз он, ки инсон моҳияти илоҳӣ дорад, лекин байни онҳо тафовути махсус мавҷуд аст [74, с. 53].

Худо воҳиди ғайризид, вале инсон воҳиди таззод аст, зеро ҳастии якум якҷинса, вале ҳастии дуюм зидди он мебошад. Ҷиҳати моддию руҳӣ ҳамчун ду мабдаи тазод дар вуҷуди инсон ҳамеша дар набард қарор доранд. Қобил ба зикр аст, ки ин қувваҳои бо ҳам зид вобаста ба таълимотҳои гуногун бо тарзҳои мухталиф таъбир мешаванд. Масалан, аз нуқтаи назари ахлоқ, ҳуқуқи онҳоро асоси хайру шар меҳисобиданд, аммо суфиён онҳоро мабдаъҳои илоҳӣ ва ҳайвонӣ донистанд [74, с. 54-55]. Яъне инсон аз рӯҳ ва нафс иборат мебошад. Инсон дорои се навъи

нафс - наботӣ, ҳайвонӣ ва нотиқа мебошад. Таносуби нафсу руҳ муносибати мутафаккирро ба чунин масъалаҳои муҳим, ба монанди пайдоиши ҳаёт, таҳаввули камоли ҷисм, мавқеву моҳияти инсон, ҷойгоҳи вай дар ҷомеа, муносибати инсон бо ҷомеа, ахлоқ ва ҳуқуқи инсон, сиёсат ва ғайра ҷалб намуда буд. Дар ин самт таълимоти Алии Ҳамадонӣ бо андешаҳои донишмандоне чун Абӯнасри Форобӣ, Абӯалии Сино, Насируддини Тусӣ ва ғайра умумияти хос дорад [83, с. 149-176].

Тавре қайд намудем, инсон ва арзиши манзалати ӯ, ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои ӯ дар таълимоти Алии Ҳамадонӣ мавқеи меҳвариро ишғол менамояд. Ӯ инсонро аз рӯйи чунин нишонаҳо – ақл, дониш, нутқ, даст ва муҳаббат аз ҳайвон фарқ кардааст. Ин нишонаҳо инсонро на танҳо аз ҳайвон, балки миёни худи одамон фарқ мегузорад, ки сабаби асосии нобаробарӣ дар байни онҳо гардидааст. Мавҷудияти ҳамин нишонаҳо барои расидан ба дараҷаи «инсони комил» замина мегардад, ки дар таълимоти Алии Ҳамадони мавқеи назаррасро ишғол менамояд. Маҳз дар ҳамин асос ӯ асарҳои инсондӯстона ва башардӯстонаро эҷод намудааст. Ин раванд дар ҳалли тамоми масъалаҳо хосатан масъалаҳои ҳуқуқӣ, ки онҳоро дар фаслу бобҳои баъдӣ такмил медиҳем, ҷойи худро дарад. Доир ба инсон ва ахлоқи вай таъкид мекунад, ки мақсади асосии офариниши оламу одам шинохти Худо аст. Вале аз сабаби он ки инсон бо ҷиҳатҳои ҳастии худ бо Худо баробар нест, аз ин рӯ вай бояд ҳастиашро аз олоишҳои моддӣ пок гардонад ва ба ин васила худро такмил диҳад. Дар ин мақом одам ба дараҷаи инсони комил мерасад ва тамоми инсониятро бо як назар менигарад [74, с. 43].

Мувофиқи андешаҳои мутафаккир инсонро барои расидан ба мақсади ниҳоии худ, яъне шинохти худ ва Худо зарур аст, то аввал худро шиносад, зеро заррае аз ҳастии Ҳақ дар дили ӯ ҷойгузин аст. Дар ҳамин асос ӯ қайд мекунад, ки худшиносӣ ба худошиносӣ мебарад. Барои расидан ба ин зина шахс бояд амалҳои зиёдеро дар давоми умри худ анҷом диҳад ва шарту қоидаҳои зиёдеро иҷро намояд. Маҳз роҳу восита

ва усулҳои расидан ба ҳамин зинаи тафаккур ва муносибати инсонӣ дар рисолаҳои «Ҳалли мушкил», «Даҳ қоидаи сӯфия», «Чиҳил мақоми сӯфия» ва «Ихтиёроти амирия» ба пуррагӣ баён гардидаанд [49].

Чи тавре ки Ҳофизи Карбалоӣ овардааст, Алии Ҳамадонӣ дар моҳи зулқаъдаи соли 86 ҳ. аз вилояти Напарӣ барои сафар ба Ҳиҷоз ба роҳ мебарояд. «Чун дар дуди Похли Малик Хизршоҳ расиданд, Малик Хизршоҳ илтимос намуданд, ки ҳазрати Мир мебояд чанд рӯзе инҷо ташриф бидоранд... Ҳазрати Мир қабул мефармоянд. Чун моҳи Зулҳиҷҷа дармеояд бо дарвешон ва ҳам нияти самт ва излати ихтиёр  менамоянд. Дар ҳамон рӯз, баъд аз  намози пешин ҳазрати Амирро малолате рӯй менамояд ва то панҷ рӯзи кашида, дар ин панҷ рӯз ҳеҷ чиз аз таъоми дунё тановул намефармоянд. Агар дар рӯзи охар чанд карат об мехуранд.

Ва чун шаби чоршанбеи шашуми моҳи Зулҳиҷҷа мешавад, вақти намози хуфтан асҳобро талаб мефармоянд ва насиҳат фармуда, васият мефармоянд...

Ва шунида меомад, ки бар забони муборакаш ин азкол ҷорӣ буд ё Аллоҳ, ё Ҳабиб то ними шаб ва пас аз он аз музиқи олами фонӣ ва ба фазои сарои боқӣ реҳлат намудаанд» [68, с. 71].

Абдураҳмони Ҷомӣ ва Қозӣ Нурулло низ ҳамин ҳодисаро дар осори худ овардаанд, ки дар рӯзи  шашуми зулҳиҷҷа соли 786 ҳ. наздик ба вилояти Курд Сур фавт шуд ва аз он ҷо ӯро ба Хатлон нақл карданд.

Баъд аз шаш моҳ тобути Мир Сайид Алии Ҳамадониро ба Хатлон оварда, дар Хонақоҳи сохтори худаш, ки баъзеҳо монеъ шуда буданд, дафн карданд.

Рӯзи чоршанбе, бисту панҷуми моҳи ҷимодул аввали соли 787 мутобиқ ба соли 1385 милодӣ он ҳазратро дар Хатлони имрӯза, шаҳри Кӯлоб ба хок супурданд [68, с. 273]. Аммо сарфи назар аз воқеияти таърихӣ, баъзе намояндагони мардуми Ҳамадон ва муҳаққиқони ин шаҳр ба ин ақидаанд, ки Алии Ҳамадонӣ дар қабристони алавиёни он шаҳр мадфун мебошад. Ба ҳеҷ ваҷҳ ин ақида дуруст нест ва пояе надорад.

Ин нуқтаро низ бояд ёдовар шуд, ки мардумони Шарқ, бахусус эронтаборон на аз боби «мурдапарастӣ»-и фиръавнӣ, балки аз ҷиҳати арҷгузорӣ ба бузургони гузаштаи миллии худ аз дер боз барои онҳо дар кишваре, ки шинохта ва мавриди эҳтироми мардум қарор гирифтанд, мақбара, барпо мекарданд, ки онҳо батадриҷ номи мазор ба худ мегирифтанд. Дар робита ба ин суннати дерина марқаду мазорҳои ҳамноми бисёре дар сартосари хоки Хуросони Мовароуннаҳр ва кишварҳои ҳамсоя мавҷуданд.

Дар мавриди Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ низ ҳамин амал такрор шудааст. Ҳамон тавре, ки барои Боязиди Бастомӣ ва Исои Масеҳ дар Ҳиндустон, барои Алии Абутолиб дар Афғонистон мақбара ва мазори бошукӯҳ барпо намудаанд, барои Алии Ҳамадонӣ низ дар Эрон ва Покистон ва Кӯлоб низ чунин мақбара сохтаанд. Воқеоти зиндагӣ, осори безаволи пурмазмун ва аз ҷиҳати фарҳангу маданият беназири вай барои наслҳои оянда ҳамчун манбаи донишу хирад хидмат хоҳад намуд.

Новобаста аз шароити вазнини зисту зиндагонӣ, мухолифатҳои зиёд барои ибрози андеша, ва махсусан ақидаҳои озоди давлатию сиёсӣ ва ҳуқуқию тарбиявӣ мутафаккирони миллати тоҷик тавонистанд барои замони худ ва наслҳои минбаъда осори пурғановат ва пурарзишеро боқӣ гузоранд. Ақидаҳои бунёдии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ фарогири масъалаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, адолат, ҳимояи манфиатҳои табақаҳои гуногуни аҳолӣ, зарурати ба тамоми шаҳрвандон додани имкониятҳои баробарӣ, ҳуқуқу бомаърифатӣ ва имконоти баробар ва бофарҳангии арбобони давлатӣ, бартарии адли илоҳӣ ва хирад нисбат ба дигар арзишҳои ахлоқӣ ва дигар масъалаҳоиҳуқуқии классикӣ буда, то кунун дар ҷамъият арзиши худро аз даст надодаанд. Кулли осору таълифоти мутафаккир дар бахши ҳуқуқии аҳли ҷомеа на танҳо дар доираи кишварҳо эътирофу омӯзиш гардида, пеш, балки то кунун мубрамияти ахлоқию тарбиявии худро нигоҳ доштаанд. Дар андешаҳои ӯ

проблемаҳои давлатию ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ ва ғайраҳо масъалагузорӣ, баррасӣ ва ҳал гардидаанд, ки дар ташаккули сохтори давлат, таҳкими ҳамзистии осоиштаи аъзои ҷомеа, мустаҳкам намудани поя ва бунёди он аҳаммияти ниҳоят муҳим ва мубрам доранд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши шароити таърихии ташаккул ва инкишофи ҷомеаи асримиёнагии давлатдории тоҷикон ва умуман ҷомеаи миллии мардуми мо, ки саросар аз ҳодисаҳои ҳузнангезу хунрезиҳои миллаткуш иборат буда, дар даврони пуртаззоди имрӯзаи ҷаҳони муосир гурӯҳҳои гуногун, ҳарактҳои сиёсӣ ва инсонҳои дорои нигоҳи экстремистӣ, дини ислом ва эътиқоди одамонро дар аксар ҳолатҳо ба мақсадҳои ғаразнок ва ақидатии худ истифода мебаранд, мубрам аст. Аз ин нуқтаи назар, омӯзиши мероси илмии хусусияти ҳуқуқӣ доштаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва мутафаккирони дигари ин сарзамини маърифатпарвар мубрамият ва муҳимияти худро аз даст надода, таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни илм, махсусан ҳуқуқшиносонро ба худ ҷалб кардааст. Таълимоти давлатию ҳуқуқии мутафаккир метавонад дар мубориза бар зидди андеша ва ақидаҳои гурӯҳҳои экстремистӣ ва ҳизбҳои сиёсии нигоҳи террористидошта яроқи аслии идеологӣ дар фазои кишварҳои тозаистиқлол шавад ва инчунин бо ёрии он метавон шиорҳои сохтаи идеологҳои ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ ва таълимоти хусусияти экстремистию террористӣ ва ҷудоиандоздоштаро қатъиян фош намуда, онҳоро бо шикаст рӯбарӯ намуд. Маҳз дар ин хусус Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд кардаанд: «... таълимоти ӯро ақидаву андешаҳои сулҳпарварона ва таҳаммулгароёна ташкил медиҳанд. ... Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо мардуми гуногун ва мухталифандеша ҳамеша аз роҳи сулҳу салоҳ ва одобу маърифати баланди инсонӣ муносибат карда, пайравони зиёде пайдо кардааст» [146, с. 11-12].

# БОБИ 2. АҚИДАҲОИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ ОИД БА МАФҲУМ ВА АСОСҲОИ ДАВЛАТДОРӢ

## 2.1. Мафҳуми давлат ва ҳокимият дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки донандаи хуби низоми сиёсию ҳуқуқӣ ва маданию иҷтимоии замони худ буд, дар доираи як низоми илмӣ се илми амалии даврони худ – ҳуқуқ, ахлоқ ва сиёсатро, бо ҳам муттаҳид сохта, дар доираи он тамоми масъалаҳои мубрами ҳаёти воқеии даврро мавриди таҳлил қарор додааст. Омилҳои асосии ташаккули ҷаҳонбинӣ ва таълимоти мутафаккир дар хусуси низоми сиёсию давлатӣ ва институтҳои давлатдорӣ, ҳуқуқу ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити ниҳоят барои халқи тоҷику форс мураккаб ва давраи ҳукмронии муғулу темуриён рост омадааст. Афкори иҷтимоию сиёсӣ ва давлатии мутафаккир дар асарҳои «Захират-ул-мулук», «Одоб-ул-машоих», «Макорим-ул-ахлоқ» ва «Рисолаи Фатҳия» дарҷ гардидаанд.

Ҷои шубҳа нест, ки дар ин раванди таҳқиқот зарурати он ба миён меояд, ки бунёди фарҳанги тафаккур ва зеҳнии миллат, халқияти муайян ва ё кишвару минтақаҳои хосса дар иртибот бо шароитҳои мушаххаси таърӣ ва як силсила хусусиятҳои дигари иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ бояд возеҳ ва равшан шавад. Онҳо аз нигоҳи табиату муҳтаво, сатҳи рушду тараққиёт, ғановату ҳувият ҳамеша якрангу якнаво набуда, дорои рамзу хусусияти хеш мебошанд [24, с. 67]. Ин раванд дар ин ё он шакл ба ҷаҳонбинии аҳли ҷомеа, хосатан, уламо, ҳакимон ва дар маҷмуъ, аҳли қалам таъсири худро мегузорад [162].

Дар адабиёт қайд мегардад, ки «... гарчанде, ки Алии Ҳамадонӣ яке аз соликони тасаввуф буд, вале ӯ мисли дигар суфиён дунёбезорӣ ва гӯшанишиниро ихтиёр накарда, ба ҳалли масъалаҳои муҳимми ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ пардохтааст» [112, с. 589].

Дар таълимоти Алии Ҳамадонӣ бевосита ба табиати давлат, ҳокимияти давлатӣ ва механизми ташаккулёбии он боби панҷуми асари «Захират-ул-мулук» бахшида шудааст, ки «Дар аҳкоми салтанат, вилоят ва ва иморат ва ҳуқуқи раоё ва шароити ҳукумат ва хатари ӯҳдаи он ва вуҷуби адл ва эҳсон» [54, с. 110-139] ном дорад. Дар ин осор ҷабҳаҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ, механизмҳо ва роҳҳои ташаккулёбии он, табиат ва намудҳои ҳокимияти сиёсӣ баррасӣ шудаанд [125, с. 43-46].

Ӯ, дар маҷмуъ ҷанбаи мусбат ва манфии ҳокимиятро баррасӣ намуда, таъкид месозад, ки ҳокимият барои ҷамъият ва инсон зарур ва манфиатнок буда, дар баробари ин метавонад дар подшоҳ сифатҳоеро, ба монанди, худпарастию шахсиятпарастӣ, кибру ғурур, такаббур, танпарастию молдӯстӣ, парвариши айши шаҳватпарастӣ ва м.и., ки ба фаъолияти муътадили ҳокимияту давлат зараровар мебошанд, тарбият намояд. Ӯ зарур мешуморад, ки ин ҳолатҳоро ҳоким бояд дар худ зуд пайдо созад, ва вуҷуди хешро аз он пок намояд. Дар ин хусус дар асари машҳури худ «Захират-ул-мулук» қайд менамояд, ки «... фозилтарин ақл баъди имон дӯстӣ кардан аст бо халқ ва некӣ кардан аст бо некон ва бадон» [54, с. 130], ва инро муттаалиқ ба ҳокимон низ медонад. Чунин тарзи андешаро Муҳаммад Ғазолӣ низ ҷонибдорӣ менамояд [162, с. 44-45].

Шарқшиноси олмонӣ Ҳ. Эте қисматҳои панҷуму шашуми «Захират-ул-мулук»-ро асосӣ дониста, чунин менависад: «Дар аввали ин китоб сухан дар бораи эътиқоду дуо меравад, сипас, мубоҳиса доир ба вазифаҳои аъзои оила ва дар бобҳои панҷуму шашум, ки қисматҳои муҳимми асар ба ҳисоб мераванд, дар бораи қонунҳои идоракунии ҳукумат ва мақсаду усулҳои давлати ҷудогона баҳс меравад» [105, с. 3-4].

Доираи андешаҳои мутафаккир хусусияти инсонпарварона дошта, ӯ соҳибони давлат, қудратмандону мансабдорон, хосатан фақеҳони фасодкорро ба риояи ҳуқуқҳои раъият ва ҳифзу нигаҳдории амнияти давлат даъват намудааст [51; 50]. Механизми ҳуқуқмуайянкунии ӯ,

асосан, тавассути ухдадор сохтани мардум ва кулли ҷомеа дар доираи рафтору амалҳои мушаххасу муайян амалӣ мегардад. Зеро дар натиҷаи амалӣ сохтани муносибат ва масъулияти муайян қонунҳои давлат, ҳамзамон ҳуқуқи аъзоёни дигари ҷомеа низ риоя ва ҳифз карда мешаванд [107, с. 48-59].

Дар маҷмуъ, осори Алии Ҳамадонӣ саршор аз масъалаҳои дорои хусусияти ҳуқуқию давлатӣ ва ахлоқӣ буда, дар шакли ягонаи се илм: ҳуқуқ, сиёсат ва ахлоқ баён гаштаанд. Таълимоти ӯ паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоиро фаро гирифта, хоси танзими ҳуқуқии соҳаҳо ва институтҳои гуногуни ҳуқуқии ҷомеа мебошанд [132, с. 110-14].

Таълимоти давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар асоси сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, таърихӣ, динӣ ва адабӣ бунёд ёфтаанд. Ӯ ҳама гуна қарори оқилона, ҳалли мушкилоти ҳуқуқиро бо ёрии муқаррароти адабиёти илмӣ ва таълифоти донишмандони давр асоснок карда, баррасӣ ва ҳал намудааст. Ҳамчунин дар самти таҳқиқи ҳуқуқҳои раият ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқ барои ӯ доктринаи ҳуқуқи мусулмонӣ (иҷма, иҷтиҳод, фатво, қиёс), санадҳои ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ, асарҳои олимону муттафакирони давр ва ғайра хизмат кардаанд. Ӯ меъёрҳои ҳуқуқиеро, ки дар сарчашмаҳои номбурда инъикос ёфтаанд, инчунин ақидаҳои асосгузорони мактабҳои мазҳабию ҳуқуқӣ ва асарҳои дигар фақеҳони исломро дар бораи меъёрҳои ҳуқуқ таҳлил намуда, дар ин асос қоидаҳои рафтори нисбатан мукаммали одамонро коркард намуда, муносибатҳои ҳуқуқии онҳоро асоснок намудааст.

Мутафаккир дар асарҳои худ муқаррароти заминавии ҳуқуқи раъиятро баён карда, проблемаҳои назариявӣ ва амалии фаъолияти давлатро шарҳ додааст, ки онҳо пурра бо масъаалаҳои муосири назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ мувофиқат менамоянд. Низоми ҳуқуқии раият, ки аз ҷониби ин

мутафаккири бузурги Шарқ коркард ва пешниҳод шудааст, ниҳоят ҷолиб мебошад [125, с. 43-46].

Бо мақсади нишон додани асоси ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии раият ӯ амалан ҳама бахшҳои ҳуқуқ ва соҳаҳои он, хусусан, ҳуқуқи давлатӣ, андоз, ҷиноятӣ, граждании, тиҷоратӣ, оилавӣ ва ғайраро таҳлил ва пешниҳод кардааст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мутобиқ ба талаботи низоми ҳуқуқии даврони худ асосҳои назариявии ҳуқуқи раиятро ба низом даровгарда, таъкид намудааст, ки «ҳуқуқи раият ду навъ аст, зеро ки раият ду қисманд: муъмин ва кофир. Ва аҳкоми ҳуқуқи эшон ба ҳасби куфр ва ислом мухталиф мегардад. Аммо раияти мусулмононро бар подшоҳ ва ҳоким бист ҳақ аст. Ва қиём ба адои ин ҳуқуқ бар ҳоким ва подшоҳ воҷиб аст» [54, с. 129].

Вай дар асарҳояш дар бораи мафҳуми давлат, нишонаҳо ва навъҳои он андешаҳои худро баён сохта, давлатро ба мисли чизи зарурӣ ва ногузир дар доираи давлатдории салтанат ва ҳокимияти султон, ки хоси замон буд, қабул менамояд. Дар баробари ин, давлатро одатан бо подшоҳон ва султонҳо,  ки дар дасташон ҳама ҳокимияти динӣ, дунявӣ ва судӣ қарор дошт, двобаста медонад. Дар баёни ин масъалаҳо мутафаккир ба меъёрҳои Қуръон ва Суннат такя намуда, ҳамеша таъкид мекунад, ки сарчашмаи ҳама гуна ҳокимият Худованд мебошад ва дар хизмати раият ва халқ будани онро унсури асосии ҳокимият медонад.

Ба қавли Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ «... тафовути фитрию модарзодӣ, гуногунрангии одамон дар сиришт яке аз омилҳои асосии пайдоиши ҷамъият, давлат ва барқарор гардидани низоми муайяни иҷтимоӣ мегардад. Мутафаккир саҳми омилҳои биологию ахлоқиро минбаъд дар ҷараёни ҳал намудани масъалаҳои давлатию иҷтимоӣ дар ҷойи аввал мегузорад. Пайдоиши давлатро маънидод карда, зикр менамояд, ки омилҳои табиӣ боиси пайдоиши давлат гардидаанд» [112, с. 589].

Чун дигар мутафаккирони замон ӯ низ ҷонибдори давлати шоҳи-монархӣ буд. Зарурияти давлатро ӯ дар он медид, ки танҳо сарвари давлат метавонад онҳоро аз ҷабру зулми якдигар раҳонад ва ҳаёти ҷамъиятро танзиму мураттаб намояд. Ба ин кор танҳо шоҳи одил дастёб шуда метавонад. Ӯ дар афкори сиёсию иҷтимоии хеш аслан ба се рукни асосии ҷамъият – раият, давлат ва шоҳ диққат додааст. Ба андешаи ӯ, ҷамъияти инсонӣ аз мавҷудияти аркони зикршуда иборат буда, зуҳур ва амали онҳо гуногун ва аз ҳам фарққунанда мебошанд. Дар ҷойи аввал вобаста ба муҳимият ӯ раиятро медонад, ки дар пешрафти ҷомеа нақши ҳалкунанда мебозад [118, с. 348-354]. «Маҳз гуногунтабъиву мухталифии қобилияту истеъдоди раият ва гуногунии мизоҷи онҳо зарурияти падид омадани шоҳ ва дастгоҳи идоракунии вай – давлатро ба амал меорад, ки он дар навбати худ дорои тарафҳои муттақобил аст» [136. с. 16-18].

Расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ ва суботи ҷомеа дар сурате имконпазир мегардад, ки баамалбарорандаи он «Инсони комил» бошад. Ба ин шумор мутафаккир, пеш аз ҳама, «ҳокими одил», «анбиё» ва авлиёро ворид намуда, нишонаи асосии онро ахлоқи ҳамида меҳисобад. Ӯ шоҳи одилро инсони комил медонист. Мутафаккир дар рисолаи “Футуҳия” «инсони комил»-ро чунин тасвир кардааст: «Инсони комил он аст, ки ба мардум наздик ва дар миёни эшон бошад ва бо ҳама бандагони ҳақ бо шафқат ва насиҳат ва муваддат ва эҳсон зиндагонӣ кунад»[112, с.590].

Ташаккули «инсони комил»-ро ба мисли пешгузаштагони худ, аз қабили Ибни Сино, Фаридаддини Аттор, Мавлои Балхӣ, Муҳаммад Ғазолӣ дар тай намудани роҳҳои тариқат, маърифат ва ҳақиқат медонад [83, с. 149-176; 16; 112].

Алии Ҳамадонӣ бо ин гуфтаҳои худ мехоҳад таъкид созад, ки мақсад аз таъсис ва ташаккули давлат ин аст, ки поя ва бунёди он ва ҳокимияти давлатӣ дар асоси меъёр ва талаботи адолате, ки барои мардум ва башарият муайян гардидааст ташаккул ёбад. Ин талаботи асосии «давлати комил» ва инсони такомулёфта аст, ба воситаи ду роҳ онро

метавон ба даст овард: а) аз тариқи маърифати куллӣ, шуури баланди ҷамъиятӣ ва тарбияи баланди ахлоқӣ; б) бо роҳи риояи арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ.

Ин ду роҳ башарият ва ҳокимияти давлатиро ба «таҳзиб»-у поксозӣ мебарад, ки асоси онро нияту амали пок ва бидуни манфиатҷӯӣ ташаккул дода, роҳи инсон ва инсоният, аз он ҷумла шоҳону табақаҳои дигари ҳукуматиро барои амалисозии боадолатонаи касб боз мекунад. Масалан, дар раванди маърифати куллӣ подшоҳ, ҳокимон ба хубӣ дарк мекунанд, ки олами ҳастӣ ва умуман кайҳон, дар маҷмӯъ аз низоми ҳакимона ва дар доираи талаботҳои ақле, донише ва ё ҳикмате сурат гирифтааст, ки он дорои маҷмуаи амалҳои ташаккулёфта мебошад. Ин кулл аст, ягонагӣ ва умуман «тавҳид» аст. Ҳар чизеро, ки ҷудо-ҷудо аз якдигар мебинем, ин судури Кайҳон (олами ҳастӣ) аст, ки дар доираи фаъолияту амал, яъне шаклу номи муайян ба вуҷуд омадаанд.

Давлат ва ҳокимият бе халқ (раият) ва шоҳ вуҷуд дошта наметавонад, шоҳигарии султон бе раият маъное надорад. Асоси офариниш некӣ ҳаст, зулмат торикии ақл ва оҷизии шоҳ мебошад. Агар роҳбари давлат дар симои раият на инсонҳои озод, балки ғуломонро бинад, пас, ин худ натанҳо поймол кардани ҳуқуқи инсон, балки беэътиноӣ нисбат ба қонуни офариниш (кайҳон), ҳамоҳангии инсонҳо ва ҳукумат, инсон-шоҳ-Офаридгор ва мизони адолат аст [135, с. 84-93]. Аз сабаби бедонишӣ ва ҷоҳиливу торикии ақл ҳокимон бояд дар симои олимон ва мутафаккирон сарчашмаи тақлиди худро бинанд. Онҳо худ барои мардум идеал ва ё инсони комилу шоиста бошанд, ки мардум бо боварӣ аз думболи онҳо дар ҷомеа фаъолияту зиндагӣ намоянд. Барои исботи ин гуфтаҳо мутафаккир дар «Захират-ул-мулук» чунин ҳолатро аз ҳаёти бузургон овардааст: «Нақл аст, ки чун Умар, разияллоҳу анҳу, ба хилофа бинишаст, иттифоқ карданд, ки нафақаи аёли ӯ аз байтулмол бидиҳанд, қабул накард ва гуфт: Қуввати касб дорам, маро бад-он эҳтиёҷ нест. Чун намози ишроқ бигузоридӣ, ба девон бинишастӣ ва миёни

мусулмонон ҳукумат кардӣ то чошти баланд. Чун аз девон бархостӣ, каланд бардоштӣ ва ба сӯйи Бақеъ берун шудӣ ва он ҷо хишт задӣ. Ва чун вақти намози зуҳр шудӣ, таҳорат кардӣ ва ба масҷид омадӣ ва имомати мусулмонон кардӣ ва боз ба сари кори худ « рафтӣ то вақти намози аср ва қути худ ва аёлони худ аз он ҳосил кардӣ» [54, с. 118].

Аз мисоли овардашуда маълум мегардад, ки Алии Ҳамадонӣ давлат ва ҳукумати ормонӣ ва идеалиро дар симои шоҳи одил, адолатпеша, раиятпарвар ва худотарсу поквиҷдон медид. Вай мехоҳад, ки ҳамчун сарчашмаи тақлид фаъолияти шоҳони одили давлатҳои қадимаи форсу тоҷик, анбиё ва хулафои рошидинро, ки дар ибтидои бавуҷудоӣ ва амалисозии салтанати худ ҳукмронӣ ва зиндагонии одилона намудаанд, баён созад.

Ӯ нишон медиҳад, ки бо вуҷуди қудрат, подшоҳии тӯлонӣ ва дороии зиёд онҳо чӣ гуна бар нафси худ танг мегирифтанд ва дар меҳнати дунё бо сабру таҳаммул зиндагонӣ мекарданд. Сарфи назар аз шафқату эҳсон ба халқ давлати онҳо аз хатарҳо эмин набуда. зеро давлатдорӣ кори азим буда, кор дар ҳукумат хатарнок буд. Он ҳоким ва подшоҳе, ки адлу эҳсон кунад ва дар амалӣ сохтани қонун ва аҳкоми дину адолат амал намояд, дар замин ноиб ва баргузидаи Худованд аз балоҳо эмин хоҳад буд, лекин агар аз адолату эҳсон даст кашида, ба аъзоёни ҷомеа шафқат накунад ва тобеи нафс ва ҳаво шавад, ҳокимияти ӯ ва худи ӯ аз балоҳо эмин нахоҳад монд. Дер ё зуд ӯ аз сари ҳокимият дур гардида, давлаташ ба фано рӯ ба рӯ мегардад [143, с. 62-65].

Маърифати нафс аз мавзуъҳои марказии осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба шумор меравад. Дар асарҳои ҳаҷман фарогири «Захират-ул-мулук» ва рисолаҳои «Нафсия» ва «Дарвешия», ки ҳаҷман хурд ва мазмунан комил мебошанд, нафс басо амиқу равшан таҳлилу тадқиқ мешавад [56, с. 13].

Шайхурраис Абуалӣ Ибни Сино низ ба масъалаи нафс диққати ҷидӣ дода, доир ба ин мавзуъ чанд асари хурду калон, ба монанди «Рисолаи

нафс», «Рисола дар бораи тақсими нуфус» ва «Илм-ун-нафс» таълиф кардааст [121, с. 336-344].

Биниш ва усули давлати ормонии Алии Ҳамадонӣ дар ҷодаи давлату ҳуқуқ ва сиёсат биниши хос аст. Он баёнгари воқеии нигоҳи ӯ дар низоми давлати ормонӣ ва сиёсати иҷтимоии асримиёнагии Шарқ маҳсуб мегардад. Мутафаккир дар самти сиёсат ва давлат ҳам воқеъбин ва ҳам ормонхоҳ аст. Андешаи вай ба унвони андешаи ҷомеашиносии дунёӣ ва давлат комилан зери таъсири қудрати сиёсии ҳоким, султон аст, ки он роҳро барои ғояҳои бузургиву тавоноиҳои салтанат, яъне давлати воқеӣ ва дунявӣ мекушояд. Дар доираи ин андешаҳои худ вай дар атрофи назарияи хилофат ва имомат баҳс намекунад. Мутафаккир вазифаҳои давлатиро дар шакли давлатҳои маҳаллӣ, яъне салтанат муайян ва мушаххас менамояд [136, с. 16-18]. Ӯ султонро вазифадори иҷрои қонуни шариатию дунявӣ медонад. Бо ин усули пешгирифтаи худ Алии Ҳамадонӣ бояд роҳи ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсии давлати худро дарёфт менамуд. Ҳокимият ва қудрат замоне расмӣ ва қонунӣ шуда метавонад, ки халқ ва раият онро ба расмият шинохта бошад.

Мундариҷаи «Захират-ул-мулук»-ро панду насиҳати шоҳону ҳокимон ва дигар табақаи ҷомеаи замон ташкил медиҳад. Ин асар дар пайравӣ ба «Насиҳат-ул-мулук»-и Абуҳомиди Ғазолӣ таълиф гардидааст [30, с. 44-48; 162].

Ҳаққи даҳумро ӯ ба усули меъёрӣ-ахлоқии «Бо дигарон ҳамон кун, ки дуст дорӣ бо ту кунанд» бахшидааст. Ғояи мазкур дар пандномаҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии қариб тамоми низомҳои ҳуқуқию фалсафӣ ва динӣ инъикоси худро ёфта, бо мақсади нишон додани баробарии инсонҳо дар назди қонун пешкаш гардидааст: «Дар мансаби ҳукумат риояти ҳуқуқи инсон ва эҳтироми манофеи инсон кунад. Чунонки инсофи худ аз халқ талаб мекунад, инсофи халқ низ аз нафси худ талаб кунад ва бо мусулмонон чунон муомила кунад, ки агар он муомила бо ӯ кунанд, писандад» [54, с. 132]. «Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ одамонро ба

ростгӯӣ ва покию садоқат ҳидоят карда, кибру ҳасад ва молу ҷоҳпарастиро мазаммат менамояд» [146, с. 14].

Агар, дар маҷмуъ, гирем, моҳияту муҳтавои “Захират-ул-мулук” дар масъалаҳои ҳуқуқ ва сиёсат хеле наздик буда, усули баёни онҳо аз якдигар фарқ доранд. Вай дар баёни вазифаҳои давлатӣ, сифат ва фазилатҳои султон ҳамчун роҳбари воқеии давлат даст ба шеваву услубҳои гуногун зада, он ғояҳоеро, ки ба усулу фиқҳ бахшидааст, дар онҳо маҷмуи усулҳо ва қонунҳои ормонии рафтору кирдор, ҳаёти ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро баён карда, барои фаҳми аслии низоми воқеӣ ҳокимият ва роҳбарии давлатӣ маълумоти хеле маҳдуд меорад.

Алии Ҳамадонӣ ҳуқуқи давлатиро дар доираи низоми давлатдории монархия – салтанат, баён сохта, дар доираи он амру фармони султонҳои даврро ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи давлатӣ пешкаш кардааст. Аз дигар тараф, маҳдудияти донишу фазилати султонҳои аср мутафаккирро маҷбур сохта буд, ки бо усули дигаре, ки содатар бошад, ба баёни моҳияти давлатдорӣ ва шарҳи нақши малику султон бипардозад. Яъне ӯ кӯшидааст баёни вазифаҳои иҷтимоӣ ва давлатдории султонро аз доираи маҳдуди қонунҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ берун бароварда, онҳоро дар доираи меъёрҳои ахлоқӣ танзим созад ва таҳти назорати низом ва фазилатҳои ахлоқӣ қарор диҳад. Ин усул ба вай имкон медод, ки тамоми падидаҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро дар шакли пайваст ва зинда ба давлатдорон ва сиёсатмадорон пешкаш намояд, то онҳоро ба ҳадафи аслии вазифаашон ошно ва наздик созад [160, с. 138-139].

Ин усуле, ки вай истифода намудааст, барои ҳокимони давр ба андозае таъсиргузор буд. Асоси ин усулро барномаи дунявӣ дар бар гирифтааст, мувофиқи он ҳатто хурдтарин фоидаеро, ки барои рушду такомули ҷомеа ва барқарор намудани муносиботи ҳасана байни аҳли ҷомеа ва султон пешбинӣ шудааст, бояд истифода намуд. Мутафаккир бо истифода аз сарчашмаҳо мехоҳад ҳокимони даврро ҳамроҳи худ ба сайри умқи воқеиёти таърихӣ барад ва аз тариқи он, аз як тараф

ногузирии қудрати онҳо ва пайванди ногусастании таърихии наслҳо ва низомҳои сиёсиро баён созад, аз ҷониби дигар салтанати онҳоро дар даврони асримиёнагӣ, ки сарчашмаи худро аз даврони қадим гирифтааст, ошкор созад.

Гарчанде Алии Ҳамадонӣ ба дигар сарчашмаҳои таърихию фалсафӣ рӯй меорад, лекин ибтидову интиҳои ғояҳои ӯ қонуни динӣ буд, чунки дар такя ба он мутафаккир ғайримустақим зулму истибдод, худсарӣ ва риёкорию мунофиқии ҳокимонро нишон медод. Ба қонунҳои динӣ рӯ овардани вай маънои ба муқобили сиёсати ғайриинсонии ҳокимон ва беадолатиҳои онҳо баромад карданро дошт, чунки донистани ин қонунҳо барои ӯ майдони васеъро барои интиқоди истибдод ва зулму кушторҳои инсонҳои бегуноҳ кушода буд [136, 16-18].

Аксарияти мутафаккирони асримиёнагии тоҷик маҳз ба ҳамин тарз ибрози андеша мекарданд ва ҳисси норозигии худро ба амалдорон баён менамуданд. Чунончи, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Абунасри Форобӣ, Муҳаммад Ғазолӣ ва дигарон низ маҳз ҳамин роҳи ақидарониро пеша кардаанд. Кошифӣ бо ифода намудани манфиатҳои табақаҳои осебпазир ва истисморшавандаи аҳолӣ замони зиндагонии худро зери тозиёнаи танқид қарор додааст, ва ин нокомии мардумро аз амалҳои ҳокимон ва мансабдорони давр медид. Бо ибрози андешаҳои худ ӯ андешаи "ҷомеаи ормонӣ" -ро мепарварид, ки дар он адолатро ҳукмрон медид [155, с. 7].

Ин андешаро Абунасри Форобӣ низ пайравӣ намуда, қайд менамояд, ки «... инсон ҷузъи ҷомеа буда, барои расидан ба камолу саодат ниёзманд ба чизҳои зиёд аст, ки онро дар танҳои ҳеҷ гоҳ комилан ба даст оварда наметавонад. Маҳз ҳамбастагӣ ва кушишу ғайрати инсонҳо боиси рушду нумуи ҷомеа гардида онрро дар шакли комил сохтааст. Ӯро зарур аст, ки танҳо баҳри адолату саодатмандӣ кӯшиш намояд» [153, с. 24]. Бинобар ҳамин муқаррароти ҳуқуқи мусулмонӣ низ на танҳо адолатро аз ҳокимону амалдорон талаб менамоянд, балки кулли ҷомеаро барои пешрафти инсоният мехоҳанд адолатпарвар

бинанд. Вале шоҳону ҳокимон барои таъмини адолати иҷтимоӣ ва адолату адолатхоҳӣ дар ҷомеа имконияти бештар доранд ва онҳоро зарур аст, ки барои пойдории давлати хеш баҳри он пайваста кӯшиш намоянд [46, с. 478-479].

Мувофиқи таҳлилҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ҳокимони давр бештар сиёсати идоранамоии хешро дар асоси амалкарди дигар ҳокимони разил ва зулмкор анҷом медоданд, ки ҷанбаи хурофотӣ гирифта буданд. Онҳо ба қонунҳои давлатӣ чандон диққати ҷиддӣ надода, худсариҳои худро ба номи "сиёсат" ёд менамуданд, ки ин аз сиёсати аслии давлатӣ ва муқаррароте, ки қонун барои ҳаёти иҷтимоӣ муайян кардааст, фарсаххо дур буд.

Чуноне ки қаблан зикр кардем, Алии Ҳамадонӣ аз ҳаводис ва рӯзгори ҳокимони адолатпеша мисолҳои зиёде овардааст, ки ҳадаф аз баёни бузургии онҳо ночиз нишон додани сатҳи адолатпешагии ҳокимони давр буд. Онҳо хурофотпарастиҳои хешро тавассути қонунҳои динӣ рӯпуш намуда, бо воқеитарошӣ ва аслнигории шарикдастони идораи давлату ҳукумати худ, ба мисли қозиёни давр ва муттафакирони сохтакори худ, ҳокимияти хешро амалисозии адолати воқеӣ вонамуд месохтанд. Ин шакли баён ба Алии Ҳамадонӣ ва дигар мутафаккирони даврони вай имконият медод, бо ақоиду орзуҳои худро бо либоси куҳнаи таърихӣ баён созанд ва имконоти истифодаи ин насиҳотро тавассути ҳокимони давр фароҳам оваранд [83, с. 149-154]. Ҳадафи мутафаккир аз ин насиҳатҳо баёни рифъату худситоӣ ва ҷоҳталабии ӯ набуда, балки дифоъ аз адолат ва мақоми ҳуқуқӣ ва иҷтимоии инсон ва ҷомеа буд [112, с. 591].

Инчунин мақсади мутафаккир ҳамоҳанг сохтани таносуби нияту амали роҳбари давлат дар асоси риояи меъёрҳои адолат буда, ба муқобили ҳам гузоштани воқеиёти сиёсӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ барои ӯ қобили қабул набуд, чунки ӯ медонист, ки аз ин ҳолат ба ҳуқуқ, сиёсат ва ахлоқ манфиате нест. Сарфи назар аз он ки ҳуқуқ, сиёсат ва

ахлоқ шохаҳои гуногуни як дарахтанд ва мақсади танзиму идораи муносибатҳои ҷамъиятиро доранд, вале дар ҳаёт онҳо бояд ба хотири ҳифзи манфиати умумӣ истифода гарданд.

Аз ҷониби мутафаккир ҳокимияти давлатӣ дар симои ҳоким ва султон ҳамчун шакли махсуси ташкилоти сиёсии ҷамъият, бо як қатор ҷабҳаҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва динӣ алоқаманд карда шудааст, ки бидуни онҳо сифати хосаи давлат ноаён монда мақсади воқеии он дастнорас мегарданд.

Мутафаккир вобаста ба масъалаи ваколатҳои сарвари давлат дар самти идоракунӣ, қонунгузорӣ ва баамалбарории адолати судӣ низ андешаҳои ҷолиберо пешниҳод кардааст. Ӯ махсусан ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, зеро дар замони ӯ асоси ҳуқуқэҷодкуниро подшоҳ - султон амалӣ менамуд, ки дар як вақт ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ дар дасти ӯ муттаҳид шуда буданд.

Меъёр ва усулҳои танзими ҳуқуқӣ бояд шароитҳои ҳаётии инсонҳоро инъикос дода, ба манфиатҳо ва фоидаи аҳли ҷомеа мутобиқат менамуданд. Тавассути урфу одат ва анъанаҳо, эътиқоду риояи меъёрҳои динӣ механизмҳои танзимнамоӣ ва таъминкунии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳифзи манфиатҳои аъзоёни он ба роҳ монда шуда буданд. Ба ҳар сурат асосу пояи чунин механизмҳо ва хусусияти амалисозии онҳоро ҳокимият, яъне султон тавассути қудрат ва маҷбурсозии давлатӣ муайян ва таъмин мекард. Дар он давра мафҳуми ҳокимият ва ё қудрати сиёсӣ ҳама шаклҳои роҳбарӣ, аз он ҷумла таъсири иқтисодӣ ва маънавиро пурра назорат намекард, балки бештар қудрат дар бахши ташкили муносибатҳои иҷтимоӣ ва роҳбарӣ, яъне низоми сарфурудоварӣ, мутобиқ ба иродаи султон дар шакли императивӣ барои раъият ҳатмӣ буд.

Қобили зикр аст, ки дар ҷомеаҳои асримиёнагӣ, ки озодӣ ва ё ғуломии инсон бо низоми мақоми султон пайвандӣ дошт, ба иттиҳоди

аҳли ҷомеа амалҳои дастҷамъии он, аз ҷумла ҷаласаҳои авлодӣ ва қабилавӣ халал ворид намекарданд, чунки ҷанговарон ва бузургони қавм низ дар давлат дорои ҳуқуқҳои худкомагӣ буданд. Фаъолияти чунин ҳокимиятҳо дар доираи асосҳои табиӣ, на ин ки арзишҳои инсонӣ сурат мегирифт ва дар онҳо ҳеҷ гуна фаъолияти ақлгароёна, озод ва рақобатпазир вуҷуд надошт. Ҳокимияти сиёсии давлат аз ҳар нигоҳ яке аз усулҳои пурзӯре дар ҷомеа ба шумор мерафт, ки дорои имконоти васеи қудратӣ ва таъиноти ҳуқуқӣ буд. Ин ҳокимият аз нигоҳи табиати худ барои зӯроварӣ таъсис ёфта буд ва меъёрҳою усулҳои ҳамин низомро таъмин месохт.

Чи тавре мебинем, мутафаккир дар асарҳои худ проблемаҳои фарҳангию ахлоқии инсонро бардоштааст, ки ҳалли ниҳоии худро надоранд. Онҳо ба ҳамаи инсонҳо ва гурӯҳҳои алоҳидаи он дахл доранд, ки имрӯз ба масъалаи ҳуқуқу озодиҳои инсон мубаддал гаштаанд. Вай ҷабҳаҳои гуногуни мустаҳкамнамоии ҳуқуқии имтиёзҳо ва манфиатҳои инсонро баррасӣ намуда, зери мафҳуми «манфиатҳои инсон», дар маҷмуъ низоми арзишҳои умумиинсонии исломиро дар назар доштааст. Дар асл манфиатҳои инсон бо роҳи амалигардонии имкониятҳои онҳо таъмин карда мешаванд, бинобар ин, дар бораи ҳуқуқҳои инсон танҳо баъди ба ҳисоб гирифтани ин муқаррароти муҳим метавон таъкид сохт, ки онҳо аз идеали ҳуқуқӣ ба амалия табдил ёфтанд [143, с. 62-65].

Метавон таъкид кард, ки робита миёни ҳокимияти сиёсии давлат бо ҳуқуқ хусусияти табиӣ пайдо карда, зуҳуроту падидаҳои ҳуқукро ба андозаи хеле маҳдуд таъмин месохт ва онро ҳамчун падидаи воқеӣ дар ҳаёти ҷомеа дар амал татбиқ менамуд. Замоне, ки Алии Ҳамадонӣ ҳамчун шахси мутафаккир ва соҳибэҳтиром шинохта шуд ва мавқею манзалат дар ҷомеа пайдо намуд, дар Шарқи Миёна ва Наздик миёни ҳакимону фақеҳон баҳсҳои зиёде сурат гирифта, осори зиёде низ ба табъ расида буданд, ки аслан ба масъалаҳои давлатию ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва идоранамоӣ алоқаманд буданд [83, с. 145-188]. Ӯ аз ҳама маълумот ва

донишҳои замон истифода намуда, мехост воқеъгароёна ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ворид шуда, ба он дар доираи андешаҳою ақидаҳои хеш баҳогузорӣ намояд. Ба ибораи дигар, мақсади мутафаккир ислоҳи зоҳирӣ набуда, кӯшише барои поягузории донишҳои ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба шумор мерафт. Аз ин рӯ, дар таълимоти худ ӯ ба баррасии масъалаҳои ҳуқуқӣ мепардозад ва ба воқеияти қонун ва сиёсат аз нигоҳи худ даст мезанад.

Дар доираи андешаҳои худ Алии Ҳамадонӣ пайдарпай ба шарҳи рукнҳои асосии низоми қонунгузории замони худ ва институтҳои ҳуқуқию давлатӣ пардохта, дар доираи он ба назарияи хеш доир ба қудрати сиёсии давр ва роҳҳои такмили шакли самараноки амалисозии он замина мегузорад. Ӯ меъёрҳои динӣ ва низоми давлату давлатдории салтанатро дар асоси тақозои сиёсӣ ва ахлоқии замон тафсир намуда, бо баёни намудани ҷанбаҳои гуногуни салтанат, ҳамчун як низоми воҳид дифоъ менамояд ва онро ногузир медонад. Диққати хосса зоҳир намудани мутафаккир ба ин масъала беасос набуд, чун ки пояи қудрати сиёсӣ, ягонагии шохаҳои ҳокимият ва дигар масъалаҳои устувории низоми ҷомеа ва давлат аз сохти дурусти низоми идоракунӣ сарчашма мегиранд [54, с. 122].

Мувофиқи андешаи ӯ, мусулмонон ба роҳбаре, ки намояндаи пайғамбар ва пайрави таълимоти ҳуқуқию ахлоқии он мебошад ниёз доранд. Дар “Захират-ул-мулук” ӯ мавҷудияти чунин роҳбарро воҷиб медонад ва султону салтанатро ҳамчун заруриёти ногузири сиёсӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ таъкид мекунад, чун таъмини амнияти ҳаёту саломатӣ, молумулки одамон ва суботи ҷомеа ба зимаи уст. Риоя нагардидани шакл ва усули роиҷи идоракунӣ боиси бесомонӣ дар ҷомеа мегардад. Дар ин робита мутафаккир қайд менамояд, ки «... дин ва султон аз якдигаранд», онҳо ҷудонопазир нестанд ва дин асосу бунёд буда, султон муҳофизи он ба ҳисоб меравад. Аз нигоҳи ӯ дин қонуни илоҳӣ мебошад. Қудрати сиёсӣ ва ногузир будани султон барои нигоҳ доштани қонун дар

андешаҳои Алии Ҳамадонӣ аз назариёти ҷонибдорони мактаби калом, бахусус Абулҳасани Ашъарӣ, Абулҳасани Мовардӣ, Ҷувайнӣ, Ғазолӣ ва ғайра сарчашма гирифтаанд [156, с. 21-22]. Дар масъалаи заруроти султон ӯ таъкид месозад, ки ҳокимияти султон танҳо дар асоси нишондоди қонун ва ҳақиқат, ки аз Қуръон ва суннати пайғамбар сарчашма мегирифт, бояд ба амал бароварда шавад. Халқ барои ҳифз ва иҷрои қонунҳои амалкунунда ва амалӣ намудани самтҳои алоҳидаи ҳаёти ҷамъиятӣ, ба монанди баамалбарории адолати судӣ, фармондеҳии қувваҳои мусаллаҳ, расидагӣ ба корҳои ятимон ва ғайра ба султон ниёз доранд [55, с. 122-123].

Алии Ҳамадонӣ дар асари худ «Захират-ул-мулук» батафсил дар бораи зарурати султон, масъалаҳои ахлоқ, қонун, корҳои давлатӣ ва вазифаҳои умумӣ, ки бояд дар доираи бандҳои асосии "қонуни идеалӣ"-и даврони пайғамбар сурат гиранд нақл мекунад. Ба ақидаи вай, амалҳои мазкур дар ҳолате ба вуҷуд хоҳанд омад, ки роҳбари ҷомеа султони одил бошад. Дар доираи низоми салтанат (монархия), ба қавли ӯ, асосу манбаъ ва сарчашмаи ҳар гуна қонунмандиҳои сиёсӣ ва ахлоқию иҷтимоӣ роҳбари давлат мебошад. Расмӣ будани мақоми умумии низоми давлат вобаста ба тасдиқ ва мувофиқати вай аст [160, с. 242-24]. Дар сурати қонунӣ набудани ҳолати сарвари давлат ин мақомоти давлатӣ низ асоси қонунии худро аз даст хоҳад дод ва дар ин сурат иҷрои меъёрҳои ҳуқуқию одатӣ ва ахлоқӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои аъзоёни ҷомеа ба тариқи зарурӣ таъмин нагардида, қозиён бе масъулият мемонанд. Ба андешаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳатто ақди никоҳе, ки дар замони набудани низоми қонунӣ баста шудааст, мумкин аст ботил дониста шавад.

## 2.2. Ақидаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба вазъи ҳуқуқии подшоҳон, вазирон ва амалдорон

Тарбияи сиёсии ҷавонон ва нақши тарбия дар идоракунии давлатӣ дар ҳама давру замон яке аз масъалаҳои мубрами илми давлатию сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дониста мешуд. Масъалаҳои мазкур ҳанӯз дар «Авасто»-ву «Шоҳнома», «Сиёсатнома»-ву «Қобуснома», «Марзбоннома»-ву «Бахтиёрнома» барин асарҳои хусусияти сиёсию ҳуқуқидошта аз ҷониби мутафаккирони зиёд баррасӣ гардидаанд. Таҳқиқи сарчашмаҳои таърихӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки афкори сиёсию давлатии Шарқ дар хусуси тарбияи сиёсию идоракунӣ дар се самт инкишоф ёфтааст: 1) дар доираи илми фалсафа; 2) дар доираи таълимоти давлатию ҳуқуқӣ; 3) дар доираи этика ва ахлоқ [149, с. 117-118].

Дар хусуси ваколатҳои султон, қоидаи амал ва шакли рафтори вай Алии Ҳамадонӣ андешаҳои ҷолиберо пешниҳод менамояд, ки мувофиқи он султон бояд барои тарбияту ислоҳи худ ва анҷоми рисолате, ки бар уҳда дорад, қоидаҳои муайянеро истифода намояд. Чунончи, ӯ таъкид менамояд, ки шарти амали дурусти инсон, аз он ҷумла ҳокимон, илм ва илми ба амал пайваста мебошад. Ӯ қайд мекунад, ки султон дар сурате рафтори хубу некӯ ва одилона карда метавонанд, ки ба асли ин масъалаҳо эътиқодманд бошад ва қарорҳои баровардааш асоси илмӣ ва таҷрибавӣ дошта бошанд. Мутафаккир дар ин хусус таъкид месозад, ки «... дар воқеае, ки пеш ояд, подшоҳ ва ҳоким худро яке аз раоё дар он воқеа тасаввур кунад ва дигаре баробари худ ҳоким бинад ва дар он ҳол ҳар ҳукм, ки аз дигаре бар худ раво намедорад, мисли он аз худ бар дигаре раво надорад ва ҳар чӣ бар худ намеписандад, бар ҳеҷ мусулмон написандад» [54, с. 123].

Ба андешаи Алии Ҳамадонӣ, султон дар асоси риоя ва иҷрои даҳ қоида ва истифодаи усулҳои зерин метавонад вазифаҳои худро дуруст ва самаранок ба анҷом расонад. Аввал ин ки, агарчи роҳбари ҳокимият султон бошад ва тамоми манфиатҳои давлат ва воситаҳои зиндагӣ дар

дасти ӯ ҳам бошанд, лекин пеш аз ҳама, худи ӯ аз ҷумлаи «раият» буда, як инсон аст ва дар муносибат бо халқ худро чуноне, ки ҳама назди Худо баробаранд, баробар шуморад. Халқро бояд дӯст дорад ва он чизеро, ки барои худ дӯст медорад, барои дигарон низ раво дорад ва чизеро ки барои худ намепазирад, барои дигарон низ раво надорад [44, с. 178-182].

Дар таълимоти аксарияти мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик таъкид мегардад, ки бояд аъзои ҷомеа ва роҳбари давлат ҳама дорои ҳуқуқи якхела бошанд ва дар вазнинии ҳаёт якҷоя ширкат варзида, барои пешрафти ҷомеа дар якҷоягӣ талош намоянд. Султон бояд ҳамчун роҳбар ва пешво барои халқ манфиатовар бошад. Танҳо дар ҳолати риояи ин нишондодҳо халқ пайрави султон гардида, барои пешрафти давлати раъиятпарвар кӯшиш менамоянд. Дар сурати ғайр халқ метавонанд аз иродаи роҳбари беадолат пайгирӣ насозад [120, с. 51-56].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бар хилофи ақидаи расмии замони худ ҳамаи ҳокимону халифаҳоро сояи Худо дар рӯйи замин намешуморад. Ба ақидаи ӯ, он ҳокимоне, ки аз тариқати адлу эҳсон берун мераванд ва ба бандагони ҳақ шафқат намекунанд ва тобеи нафсу ҳавои худ ҳастанд, душмани Худо ва расули ӯ мебошанд [147, с. 7].

Чи тавре мебинем ӯ шарти аввалини ҳокимияти салтанатро дар доираи арзишҳои волои башарӣ, ки «ҳар чизе, кореро, ки ба худ намеписандӣ ва қабул надорӣ ба дигарон матисанд» баён сохта, бо ин роҳ мехоҳад султонро тавассути арзишҳои ахлоқӣ ба иҷрои қонунҳои расмӣ ва сиёсати давлатдорӣ ворид созад. Бо ибораи дигар, вай бо тасдиқи он ки меъёру дастурамалҳои қонунӣ ва ахлоқӣ ба хотири танзими муносибатҳои иҷтимоии одамон зуҳур намуданд ва барои ҳамаи онҳо ҳатмӣ мебошанд, дар ақидаҳои Алии Ҳамадонӣ мавқеи хос доранд. Вале ин маънеи онро надорад, ки мутафаккир қонун, сиёсат ва ҳаёти воқеиро бо он муқобил мегузорад, баръакс, ӯ мавқеи хоси ахлоқро дар тамоми фаъолиятҳои ҳуқуқӣ ва қонуни инсон арзёбии амиқ намудааст.

Ҳолати дар боло зикргардидаро муҳаққиқони ватанӣ ҳамчун талаботи воқеии даврони асримиёнагии ҷомеаи Шарқӣ ва кишварҳои Осиёи Миёна мешуморанд [28, с. 72].

Алии Ҳамадонӣ қонун ва ахлоқро ҳамчун заминаи асосии муваффақияти султон медонад. Вай пешниҳод менамояд, ки масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқиву сиёсӣ бояд дар доираи се илм - фиқҳ, ахлоқ ва сиёсат баррасӣ ва амалӣ гарданд. Бинобар ин, ӯ шахсияти султонро муаррифӣ намуда, ӯро аввалан ҳамчун донанда ва амаликунандаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ мебинад ва даъват ба сиёсати ахлоқомез менамояд.

Ӯ дар масъалаи мавҷудияти ҳокимияту тобеият ба Абуалӣ Ибни Сино пайравӣ намуда, онро дар ҷомеаи инсонӣ зарур мешуморад. Ин низоми ҳокимияту тобеият эҳтиёҷ ба табақаҳои ҳоким (подшоҳу шаҳриёр) ва тобеъ (ранҷбару коргар, тобею раият) дорад [83, с. 164].

Мутафаккир дар такя ба сарчашмаҳои ҳуқуқию динӣ ва одатию анъанавии замони худ усулҳои пешкашкардаи худро дар самти вазифаҳои давлатии султон асоснок месозад ва кӯшиш менамояд, то як қатор вазифаҳо ва ваколатҳои ӯро доир ба ҳокимият муайян созад.

Вазифаи дуюмини султонро дар таъмин ва расидагӣ намудан ба ҳоҷатҳои мардум мебинад. Чунончи, «... қазои ҳоҷоти мусулмононро афзали тоот шумурдан» [55, с. 123] медонад. Дар пайравӣ ба суннати Пайғамбар ӯ қайд мекунад, ки «... шод кардани дили муъмине баробар аст бо тооти ҳама париён ва одамиён. Пас, шарти подшоҳи мусулмон он аст, ки пайваста мунтазири ҳоҷоти муҳтоҷон бошад ва чун донад, ки мусулмоне бар дари хонаи ӯ мунтазир ва муҳтоҷ аст, то ҳоҷати ӯ кифоят накунад, ба ҳеҷ ибодате машғул нашавад ва ба ҷиҳати роҳати нафси худ эҳмоли ҳоҷоти мусулмонон раво надорад» [97, с. 131].

Мутафаккир ҳатто баровардани ҳоҷати эҳтиёҷмандонро аз тоату ибодат авлотар мешуморад. Аз нигоҳи ӯ, омили инсонӣ аз омили мазҳабӣ болотар аст [147, с. 8]. Дар таълимоти ӯ доир ба ҳуқуқҳои раият ва бист ҳуқуқҳои онҳо нисбат ба роҳбари давлат гуфта мешавад. Ҳаққи

мардум аз роҳбари давлат ва аз талаби адолати иҷтимоӣ иборат мебошад [144, с. 7-10].

Мувофиқ ба гуфтаҳои боло, Алии Ҳамадонӣ дар доираи қоидаи дуюм султонро огоҳ месозад, ки нафъи хеш ва ҳокимиятро ягона нашуморад ва ба эҳтиёҷоти дигарон низ бояд расад. Рӯзгору вазъи иҷтимоии бад, сиёсати нодурусти давлатдорон ва қонеъ гардониданн шаҳвати онҳо халқро саргардон ва муҳтоҷ мегардонад. Роҳбари давлат дар чунин ҳолатҳо бояд бо лутфу марҳамати хеш бо раъият бошад. Мақсади мутафаккир бо баёни ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсати иҷтимоии давлат он аст, ки ҳаёти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқии одамон доимо дар робита буда, ҳадафи он батанзимдарории пурраи муносибатҳои иҷтимоии ҷомеа мебошад. Мутафаккир қайд мекунад, ки тасаввуроти ормонхоҳонаву устувории динӣ–шариатӣ, ки ҷомеаи одамӣ чӣ гуна бошад ва аҳли он ҷомеа чӣ тавр бояд зиндагӣ, амал ва муносибат намоянд, аз ҳаёт ва амалҳои воқеии даврони вай фарсаххо дуранд. Вобаста ба ин, султон ва аҳли ҷомеаро ки тамоюли лаззатҳои нафсӣ онҳоро аз шоҳроҳи мақсад дур андохта буд, ба асли офаринишашон воқеъбинӣ, танзими ҳуқуқӣ ва ахлоқию сиёсӣ даъват менамуд.

Шарти сеюм, ба қавли Алии Ҳамадонӣ, он аст, ки султон «дар хӯрдан ва пӯшидан иқтидо ба сирати хулафои рошидин ва нафсро ба таомҳои хуш хӯрдан ва ҷомаҳои батакаллуф одат накунонад» [55, с. 123]. Барои асоснок намудани пешниҳоди худ ӯ ривояте дар бораи Алӣ меорад, ки он рӯзе ки «ба хилофат нишаст, ба бозор рафт пероҳане харид ба се дирам ва остин ва домани он чӣ аз даст ва шитолинг фурӯд буд, ба корд бибуррид. Гуфтанд: Чаро чунин кардӣ? Гуфт: Ин ба таҳорат наздиктар аст ва ба тавозуъ лоиқтар ва ба иқтидои муъминон сазовортар» [55, с. 123]. Яъне Алӣ сурати худро, зоҳири худро ба аҳли ҷомеа якранг сохта, худро ҷузъи ҷомеа ва ҳамрадифи раият карда буд. Мутафаккир зарурати амнияти иҷтимоиро дар симои султон, ки ахлоқи ҷомеа инъикоси ахлоқи ӯст ва бояд тавассути пахши разилатҳои ахлоқӣ

ба покии сиёсат, адолати қонунӣ ҷомеаро ба низом оварда, ба падидаҳои дигари офариниш ҳамоҳанг созад, ҷалб кардааст. Бо пешниҳоди ин андешаи худ Алии Ҳамадонӣ мехост ҳокимонро даъват намояд, то қодири нафси хеш бошанд. Ӯ ҳуқуқу сиёсатро тобеи ахлоқ дониста, мехоҳад фаъолияти онҳоро ба доираи ахлоқ пайваст кунад ва ба ин роҳ ҷомеаро аз бисёр бадбахтиҳо ва худсариҳои давлатдорони замон раҳоӣ бахшад. Феълу рафтори мардум инъикоси ахлоқи ҳокимон буда, мардум аз таъсири бадкирдории давлатдорон, қонуншикан ва бесарусомон мешаванд. Рафтори ҳар як инсон бо ҷамъият дар пайвастагист ва ба ҷаҳонбиниву ақидаҳояш таъсири амиқ мерасонад. Чунин тарзи баҳогузорӣ ва пешниҳоди одилонаи баамалбарории ҳокимият дар адабиёти дигари таърихию фарҳангии халқи тоҷик аз замонҳои қадим ва асрҳои миёна дида мешаванд [160; 161; 152].

Қоидаи чаҳорум ба масъалаи адолати султон бахшида шудааст. Алии Ҳамадонӣ меорад, ки султон бояд «... дар ҳукм сухан ба мадоро гӯяд ва бе моҷиб дуруштӣ накунад ва аз шунидани ҳуҷҷати бисёр малул нагардад ва аз сухан гуфтан бо заифон ва мискинон нанг надорад» [55, с. 122-123].

Ба қавли мутафаккир, некӣ нишонае аст, ки бар асоси адолати ботинии ҳар фард зуҳур мекунад ва он нишонаи бофазилатии инсон мебошад. Ӯ ҳокимонро ба накукорӣ ва адолатпешагӣ даъват карда, мехоҳад султонро аз зулму истибдод дур созад, чун мақоми ҳокимиятие ки онҳо ишғол намудаанд, дар Қуръон «паймони илоҳӣ» ва мақоми «зиди зулм» дониста шудааст. Дар ин хусус ӯ бо мақсади асоснок кардани пешниҳодҳои худ мисолҳои зиёдеро аз таърихи давлатдорӣ ва бузургону гузаштагон меорад. Султон бояд ҳангоми баррасии масъалаҳои ҳуқуқи шахс, ҳифзи ҳуқуқҳои вай ва пирӯзии адолати иҷтимоӣ далелу ҳуҷҷатҳои кофию лозимиро истифода барад ва аз кибру ғазаб худдорӣ намояд. Дар ин хусус ӯ қиссаеро аз замони ҳукмронии халифа Маъмун, писари халифа Ҳоруннарашшид, ки бисёр шахси

фарҳангпарвар буд, меорад. Нақл аст, ки: «... яке дар айёми Маъмун гуноҳе карда буд ва фирор кард. Бародари ӯро пеши Маъмун оварданд. Маъмун бифармуд, ки бародари худро ҳозир кунад, вагарна ӯро қатл кунанд. Гуфт: Эй амиралмуъминин, агар омили ту хоҳад, ки маро бикушад, ту бад-ӯ нишонӣ фиристӣ, ки фалонро бигузор, он омил маро бигузорад ё не? Гуфт: Бале, бигузорад. Гуфт: Ман ҳукме овардаам аз Ҳазрати Худованд, ки туро бар ҷаҳониён ҳоким гардонидааст, ки: Ва ло тазиру возиратун визра ухро! Маъмун гуфт, ки: Ӯро бигузоред, ки ҳуҷҷати Худой, азза ва ҷалла, ёфтааст» [55, с. 123].

Принсипи адолатнокӣ дар ҳокимиятдорӣ дар эҷодиёти дигар мутафаккирони асримиёнагии тоҷикон низ тараннум гардидааст. Чунончи, Абурайҳони Берунӣ дар навиштани андешаҳои ҳуқуқӣ ва давлатӣ принсипҳои адолатнокӣ, таҳаммулгароӣ, ҳақиқатгӯӣ ва муҳаббат ба поквиҷдониро дар як зина мегузорад. «Ҳамон тавре, ки адолат табиатан эҳтиромро қоим менамояд, аз рӯйи аҳаммияташ муҳаббатро тавлид месозад, бо зебоии маънавияш ақлҳоро мафтун месозад, айнан чунин равишро мо дар муносибат бо ҳақиқат эҳсос менамоем. Бо вай танҳо нафароне дигаргуна муносибат мекунанд, ки лаззати онро начашидаанд ва ё онро фаҳмидаанду ҳимояташро фаҳм накардаанд... Дурӯғгӯ дар асл аз роҳи адолат дур мегардад. Ба зӯрӣ, шаҳодати бардуруғ, шикастани паймон, забти моли бегона бо роҳи фиреб, дуздӣ ва дигар амалҳои носолим, ки дар онҳо вайронии оламу одам аст, даст мезанад» [93, с. 26-27]. Дар назарияи ҷомеасозии Берунӣ, ва умуман мутафаккирони Шарқ адолат мавқеи марказӣ ва тавлидкунандаи дигар неъматҳоро бозӣ мекунад. Неъмати ҳақиқат ва дарки муҳаббат дар заминаи муносибати одилона ва дуруст дарк ва ҳазм мегардад.

Муҳаммад Ғазолӣ низ дар баррасии масъалаи мазкур чунин андеша дошт ва адлу адолатпарварии шоҳону амалдоронро дар муносибатҳои идоракунӣ принсипи асосӣ медонист. Чунончи ӯ дар асари маъруфаш

«Насиҳат-ул-мулук», ки ба ҳукуматдории оқилона, ахлоқи сардори ҳукумат ва мансабдорони он, ахлоқ, сиёсат, назарияи ҳуқуқ ва давлат ва масоили дигари иҷтимоӣ бахшида шудааст, қайд мекунад: «Он ки бад-он қаноат накунад, ки худ аз зулм даст бидорад, валекин ғуломону чокаронва гумоштагону ноибони худро муҳаззаб дорад ва ба зулми эшон ризо надиҳад, ки ӯро аз зулми эшон бипурсанд, чунонки аз зулми вай бипурсанд ва эшонро аз зулми вай бинапурсанд. Ва дар Таврот аст, ки ҳар зулм, ки аз омили султон расид ва ӯ хомуш бошад, зулм ӯ карда бувад ва бад-он гирифтор ва ҷазодида бувад» [30, с. 22-23].

Вазифаи панҷуми султон он аст, ки ӯ ҳангоми тасдиқ ва баровардани ҳукми худ барои ризои халқ боҷуръат бошад ва сустӣ накунад ва «...барои хушнудии ҳар кас мухолифати шаръ ва Ҳақ раво надорад ва бидонад, ки хосияти ҳукумат он аст, ки пайваста нимаи халқ аз ҳоким нохушнуд бошанд, зеро ки ду хасм ба ҳақ хушнуд натвон кард ва ҳусули ризои ҷамеи халқ аз ҳокими одил мумкин нест. Ва чун ҳукми ҳоким бе ғараз ва майл бувад ва дар ҳукм ризои Ҳақ талабад ва аз хашми халқ наандешад, Ҳақ, ҷалла ва ало, аз вай розӣ бошад ва халқро ҳам аз вай розӣ гардонад» [55, с. 124].

Мутафаккир ба сарвар эҳтиёҷ доштани одамонро, пеш аз ҳама, дар гуногун будани онҳо мебинад. Ба қавли ӯ, сарвар онҳоро аз ҷабру зулми якдигар эмин дошта, муносибатҳои байни онҳоро мураттаб менамояд. Мувофиқи дарки мутафаккир чунин шахс танҳо шоҳи одилу оқил шуда метавонад [112, с. 589-590].

Ӯ таъкид мекунад, ки султону раият набояд ба зоҳирфиребии якдигар машғул бошанд. Хушнудие, ки мардум нисбат ба роҳбари давлат баён мекунанд набояд аз тарсу бим бошад, балки аз муҳаббате сар занад, ки воқеиятро нисбат ба давлатдор исбот созад. Ба андешаи ӯ, роҳбари давлат ба мақсади ҷалби ризоияти халқи худ қоидаҳо ва муқаррароти қонунро бояд риоя кунад. Волоияти қонун ҳангоми содир кардани ҳукм бояд таъмин гардад, одилона ва беғараз бошад. Ӯ набояд

ба хушнудӣ ва ё нохушнудии одамон рӯй орад ва агар дар содир намудани қарор ба муҳаббат ва ҷонибдорӣ аз гурӯҳе майл кунад, дер ё зуд амалҳои содиркардааш боиси бесарусомонӣ дар ҷомеа мегарданд. Султон дар содир намудани ҳукм бояд тарзе рафтор кунад, ки аз доираи қонун ва адолат берун набарояд ва барои ризогии халқ аз ризогии Ҳақ даст накашад. Яъне меъёри аслӣ ва ҳадди муайян бояд адолати қонунӣ бошад. Дар ин маврид мутафаккир қайд мекунад, ки «... дӯсттарини мардум назди худои азза ва ҷалла рӯзи қиёмат ва наздиктарини эшон рӯзи қиёмат ҳокими одил аст. Ва душмантарини мардум назди Худои азза ва ҷалла ва гирифтортарини халқ рӯзи қиёмат, ки дар азоби сахт бошад, подшоҳи золим аст» [100, с. 63].

Бисёре аз андешаҳои Алии Ҳамадонӣ бо дигар мутафаккирони тоҷик монанд буда, ӯ низ адолатро ҳамчун заминаи устувори пойдории ҷомеа ва асоси пешрафти ҷамъият медонад. Чунончи, Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар хусуси адолату адолатпешагии роҳбарони давлат ва мансабдорон сухан гуфта қайд менамояд, ки: «... аломати дигари иқболи давлат вобаста ба он аст, ки шахс ба адолат майл намуда, ба зулму ситам нафрати комил дошта бошад... Устувории мулк вобаста ба қонунҳои боадолати ӯ, аз қабили ҳазар кардан аз сустбунёдӣ, вайроншавӣ аз душманону мухолифонва инчунин нисбат ба онҳо эҳтиром доштан мебошад» [98, с. 306].

М.Н. Давлатов қайд менамояд, ки: «Кошифӣ адолатро на танҳо меъёри баҳодиҳии муносибати байни инсонҳо мешуморад, балки ӯ ин категорияро аз аломатҳои асосии пешрафти давлат ҳисобида, ба воситаи он хусусиятҳои т артиботи ҷамъиятӣ, баҳо додан ба фаъолияти давлатӣ, барои муайян кардани сифату мавқеъ ва фаъолияти ҳокимону амалдорон ва дар ниҳояти кор ба воситаи адолат тартибу низоми ҷамъиятиро муайян кардан мехоҳад» [155, с. 35].

Риштаи бисёр устувори давлатдорӣ, ба ақидаи мутафаккир «... хиёнат накардани ҳокимон ва ягонагии қавлу амали онҳост. Роҳбар, ба

қавли он ҳазрат, бояд ба сони мурғони ҳаво зирак, мисли пирони хирадманд дурандеш ва чун соҳибхонаи оқила сарфакор бошад. Ин ҳикмат имрӯз ҳам ба роҳбарони ҳамаи зинаҳои идораи давлатии мо хеле омӯзанда мебошад. Дар даҳ шарте, ки Алии Ҳамадонӣ барои ҳокимияти одилонаву оқилона бар подшоҳону ҳокимон воҷиб мешуморад, асосан, ҳимояи манфиатҳои шахсони алоҳида ё гурӯҳи муайяне не, балки ҳифзи marому мақсад ва манфиатҳои мардуми заҳматкаш ва халқи оддӣ баён гардидаанд» [147, с. 7-8].

Қоидаи шашум ба андешаии Алии Ҳамадонӣ он аст, ки султон бояд ҳукумат ва салтанатро муқаддас шуморад ва онро на ба манфиати шахсӣ ва гурӯҳе истифода барад, балки воситаи саодату некномии худ ва мардумаш бошад. Ӯ қайд мекунад: «... султон аз хатари ҳукумат ва вилоят ғофил набошад ва яқин донад, ки мансаби иморат ва ҳукумат олотест, ки бад-он олот ҳам саодат ва некномии охиратро метавон касб кард ва ҳам шақоват ва бадномӣ ва гирифтории абадӣ бад-он ҳосил мешавад ва бештари мулк ва ҳуккоми рӯзгор аз ин қабиланд, ки ба давлати муқаддари фонӣ мағрур шудаанд ва аз пайи ҳавои нафс дини худро вайрон кардаанд ва аз барои номус имон ба бод дода. Пас, имрӯз, ки зимоми ихтиёр ба дасти ӯст, ҷаҳд кунад, то давлати дунявиро тухми гирифтории ухравӣ насозад ва мусораати манҳаҷи савоб ва мулозимати роҳи маъдалатро ғанимат шумурад. Ва дар хабар аст, ки ҳар рӯз адли ҳокими одилро бо тооти маҷмуи раоё мувозана кунанд, баробар ояд. Пас, бикӯшад, то худро аз ин саодат маҳрум нагардонад» [97, с. 136].

Мутафаккирони тоҷик дар хусуси адолат ва шоҳи одил асарҳои зиёдеро эъҷод намуда, тавассути он ақидаи худро нисбат ба давлат ва ҳукумати ормонӣ баён доштаанд. Назарияҳои илмии пешниҳоднамудаи онҳо нисбат ба идоракунии боадолат ва давлати иҷтимоӣ то кунун барои ба амал баровардани масъулияти мансабдории замони имрӯза мумкин аст истифода гарданд [98, с. 124; 34]. Дар афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии халқи

тоҷик шоҳи одил дар симои бузургмардони давраҳои пешин, ва аксаран асотирҳо тасвир карда мешаванд.

Чунончи, дар асари Абдураҳмони Ҷомӣ “Хираднномаи Искандарӣ” нақши Искандари мақдунӣ [34] аз ҷониби мутафаккирони дигар- Ардашер, Анушервони Одил [67] ва дигарон ҳамчун шоҳи одил пешниҳод гардидааст.

Дар иртибот ба гуфтаҳои боло бояд қайд намоем, ки нигоҳ доштани давлат, ҳифзи он ва дуруст ба роҳ мондани амалинамоии онро хатари зиёд пайгир аст. Аз ин рӯ, мутафаккир талаб менамояд, ки аз ҷониби давлатдорон раҳмати халқ бояд ба ҷо оварда шавад ва онҳо адолатпеша бошанд, аз зулм парҳез карда, ба халқ ва гуфтаҳои хеш содиқ бошанд. Барои ба даст овардани саодати абадӣ бояд пешаи аслии ӯ некӣ кардан бошад, чун некӣ оромӣ ва пояи саодат аст. Дар сурати ғайр «шақовату бадномӣ» ва «гирифтории абадӣ» ҳамсафари абадии чунин султон хоҳад буд. Ба ақидаи Сайид Алии Ҳамадонӣ, «...шоҳи одил бояд дорои хислатҳои ҳамидаи инсонӣ аз қабили ҳалимӣ, сабурӣ, андешамандӣ, диндорӣ ва раиятпарварӣ бошад. Ва агар акси ҳол бошад, худи шоҳ сабабгори рехтани хуни бегуноҳон ва сар задану паҳн гардидани фисқу фуҷур ва ноороми мамлакат мегардад» [97, с. 129].

Алии Ҳамадонӣ қоидаи ҳафтумро «дар зиёрат ва суҳбати уламои дин мебинад ва насиҳати ин қавмро саодат» мешуморад. Ҳамзамон қайд мекунад, ки «... агарчи ин қавм дар ин рӯзгор камёфт ва азизанд”, кӯшиш намояд, то худро «аз сӯҳбати ҷоҳилони даҷҷолсират ва фосиқони солеҳсурат, ки дар ин замон худро ба сурати уламо ва машоих менамоянд ва ҳар хасиси золимро ба тамаи ҳутоми дунё дуо ва сано мегӯянд, эҳтироз кунанд, чи ин тоифа вайронкунандаи динанд, агарчи сурати уламо ва машоих доранд» дур созанд» [55, с. 125].

Қоидаи ҳаштум низ монанд ба қоидаи пешина ба масъалаи эҳтиром ва истифодаи ирода ва дониши олимони давр бахшида шудааст, ки ба андешаи мутафаккир, султон бояд ҳамеша бо олимон ҳамсуҳбат шуда,

насиҳат ва роҳнамоиҳои онҳоро истифода бурда, ба илм ва олимон наздик бошад. Бояд султон аз олимони ҳарис, молу чизи зиёд ва ришва додашуда фосила бигирад. Олимон, асосан, бояд дар пешрафти илм, амалияи идораи давлатдорӣ, таъсиррасонӣ ба тарбияи ҷомеа, тадриси наврасон ва ғ. ҳиссагузор бошанд.

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки Алии Ҳамадонӣ мақому манзалати олимони солимфикрро дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ зарур дониста, нақши онҳоро дар баланд бардоштани сатҳи маърифат ва ахлоқи салотин бузург шуморидааст.

Дар қоидаи ҳаштум қайд мегардад, ки: «... ба сабаби таҷаббур ва такаббур халқро аз худ муставҳиш нагардонад, балки ба адл ва эҳсон ва шафқат бар заифон ва зердастон худро маҳбуби раоё гардонад» [125, с. 126]. Ба қавли вай, дар нақл омадааст, ки «... беҳтарини подшоҳони шумо он касонанд, ки шуморо дӯст медоранд ва шумо эшонро дӯст медоред ва бадтарини ҳокимони шумо он касонанд, ки шуморо душман медоранд ва шумо ҳам эшонро душман медоред» [55].

Мутафаккир бо ин андешаи адолатхоҳонаи худ кӯшиш менамояд дар такя ба идеали ормонӣ ҳақиқатро ҳам нишон диҳад ва ҳам онро талқин намояд. Ӯ ақидаи дигари худро дар хусуси «султони золим» ва моҳияти давлатдории ӯ, ки ба «шарри мутлақ» мебарад мавриди мазаммат қарор додааст. Зулму истибдоде, ки аз сиёсати султон сар мезанад, инъикоси фасод ва ахлоқи пасти султони бефарҳанг ва бевиҷдон аст, ки ҷомеаро ҳамранги худ месозад. Аз ин рӯ, мутафаккир ба султони золим наздик шуданро гуноҳи азим мешуморад ва қайд мекунад, ки ҳар кас ки ба наздики султони фасодзада шуд дар хатари бузург хоҳад афтод. Дар ин замина фазилати нек ва адолати комили иҷтимоӣ, сиёсати одилонаи ҳокимон ҷомеаро метавонад аз зулм ва истибдод озод намуда, боиси рушди адолат маърифати аҳли ҷомеа гардад.

Қоидаи нуҳум идомаи мантиқии шарти пешин аст, ки масъалаи худдорӣ кардани султон ва атрофиёну намояндагони дарборию

маҳаллиро  аз зулму истибдод фарогир мебошад. Агар ба оинаи таърих назар афканем, аслан хиёнатпешагон ва золимони давр дар аксарияти ҳолат на султону амирон, балки атрофиёни онҳо ва намояндагони сохторию маҳаллии онҳо будаанд. Дар ин маврид мутафаккир қайд менамояд, ки: «... аз таҷассуси хиёнати нуввоб ва зулми уммол ғофил набошад ва  гургсиратони золимро  бар раоёи мазлум раҳо накунад. Ва чун зулм ва хиёнати яке зоҳир шавад, ӯро ба муохаза ва уқубат ибрати дигарон гардонад ва дар сиёсати подшоҳӣ мусоҳалат раво надорад ва арбоби давлатро ба насиҳат ва сиёсат муҳаззаб гардонад» [55, 126]. Чунин хусусияти шоҳи одилро дигар мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик низ қайд кардаанд. Чунончи, Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар асасри машҳури худ «Футуватонмаи султонӣ» назари худро дар ин хусус чунин баён доштааст: «Беозорию порсоӣ, саховат, мардумнавозӣ, ростӣ ва дӯстӣ, ҷузъи ҷудонашавандаи адолат сатҳи олии ахлоқи шоҳи одил, мебошад» [98, с. 161].

Дар қоидаи даҳум мутафаккир меорад, ки агар ба роҳбари давлат хашм ғолиб шавад, такаббур ӯро ба интиқом даъват мекунад. Хашм ақлро мешиканад ва ӯ бояд пайваста талош намояд, то авфу бахшиши гуноҳ, караму бурдбориро пеша намуда, кибру ғурур ва хашмро фурӯ нишонад. Бо ин гуфтаҳо ӯ асоснок менамояд, ки танҳо бо роҳи сабру таҳаммул ва ақлгароӣ метавон аз ҳолатҳои бад берун омад, зеро «... фаросат бар ҳоким ва подшоҳ воҷиб аст, ки дар мабонии ҳудуси ҳаводис ва маонии вуқуи вақоеъ  ба имон назар кунад ва дар маҳзари фаҳм ва ақл ҳақиқати ҳар ҳукмро мушаххас гардонад ва ба айни басират дар авомир ва ҳақоиқ ва авориз назар кунад. Пас, агар он аз возеҳоти ҷалийя бувад, ба масоили шаръӣ фасл кунад ва агар аз муъзилоти  хафийя бошад, сари онро ба нури фаросат дарк кунад ва дар ин маънӣ эътимод бар қавли ноқилон накунад, зеро ки ҳудуси ҳаводис ғайримутаноҳӣ аст ва сувари масоили мазкура мутаноҳӣ ва мутаноҳӣ ғайримутаноҳиро вафо натавонад намуд» [98, с. 161].

Дар доираи хулосаҳои даҳгонаи хеш Алии Ҳамадонӣ дар атрофи ғояҳо ва қонунҳои динӣ ва дунявии давр таҳқиқ намуда, қайд менамояд, ки сиёсатмадор бояд дар воқеаҳои замонавию рӯзмарра аз доираи қонун ва меъёрҳои муайяншуда дур наравад ва дар сурати зарурӣ аз қудрати лозима истифода намояд. Мутафаккир ин ақидаҳои худро аз назари ҳадафи олӣ, ки ба Ҳақ муносибат дорад, ҳал менамояд. Ӯ ҳадафи «олӣ»-ро аз низоми оромона ва амнияти давлатдорӣ иборат медонист. Чун дастоварду пешравиҳои ҳокимият ва давлат дар низоми давлатдории салтанат ва ё монархия симои султон ба шумор меравaнд, амалҳои беадолатонаи сарвари давлат низ метавонанд ҷомеа ва давлатро ба нестӣ ва завол бурда расонанд [97, с. 118-119].

Ҳамин гуна андешаро мутафаккирони дигар низ пайравӣ менамуданд. Чунончи, Ҳусайн Воизи Кошифӣ таъмин намудани тартиботи ҷамъиятӣ ва осудаҳолии мардумро вазифаи давлат медонист. Аз ҳамин идоракуниро ба шоҳ ва хидматро ба мардум вобаста медонист. Ӯ тобеиятро ба сарвар тавсия менамуд ва муқобилият карданро ба ҳокими адолатпеша маҳкум менамуд. Ба андешаи ӯ «... давлат дар заминаи ягона бо офариниши олам таъсис меёбад ва заминаи таҷдид ба он хос аст. Аз ин сабаб, сарвари давлат подшоҳ (монарх) аст» [155, с. 77-78].

Ҳамзамон Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар таҳлили масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқиву сиёсӣ ба нақши дугоник будани давлату дин таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст. Ӯ ба чи гуна андешае даст зада бошад ҳамеша султонро ба «ҳайбату сиёсат» аз рӯйи қонун раҳнамун кардааст. Мутафаккир ҳеҷ гоҳ ҳуқуқро аз сиёсат ва ахлоқ ҷудо насохт аст. Ин нуқтаро бояд фаромуш накард, ки аз давраҳои аввали давлатдории асримиёнагии исломӣ қонун фаъолияти «умумии уммат» ба шумор мерафт, чунки он манфиатҳои оммаро дифоъ менамуд, яъне ҳамон асосҳоеро, ки ҳуқуқ дошт ахлоқ ва сиёсат низ бархурдор буданд. Аз ин рӯ дар назария ва амалияи ақоиди ҳуқуқии Алии Ҳамадонӣ масъалаи ба

фаъолияти инсон баҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ додан дар мадди аввал қарор дошт. Амири Кабир бовар дошт, ки сифатҳои зишти ахлоқӣ сарчашмаи адовату душманӣ ва бадбахтиву касодӣ мебошанд. Аз ин рӯ, вай таҳаммулу сабурӣ, қаноатмандиву хоксориро сифат баланди маърифат двониста, пояи мактаби ирфонии худро дар асоси ҳамин хислатҳои наҷиби инсонӣ ташаккул додааст [146, с. 14].

Раванди таърихию иҷтимоие, ки дар замони зиндагонии мутафаккир ҳукмрон буд, ӯро водор мекард, то хатарҳои ба давлату ҷамъият пешомадаро ба сарварони давлат ва ба халқ расонад. Ӯ пеш аз ҳама мехост сарварони давлатро аз хатари дунёхоҳиҳои онҳо, ки оқибати ҳампошии давлатро дар пай дошт ва ҷомеаро ба парокандагию муқобилияти ақидатӣ рӯ ба рӯ месохт, огоҳ созад. Маҳз ҳамин гуна шакли тафаккур ва андешаҳои илмӣ ва раҳнамунсоз дар асарҳои дигари мутафаккирони форсу тоҷик  вомехӯранд, ки омӯзишу истифодаи онҳо барои идораи соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлатию сиёсии замони муосир судманд мебошанд. Чунончи, андешаҳои сиёсию ҳуқуқии «Сиёсатнома», «Шоҳнома», «Баҳористон», «Гулистон» ва дигар асарҳои оламшумул барои осудагию оромии ҷомеа ва самаранокии идораи давлат метавонанд муфид бошанд [77].

Алии Ҳамадонӣ давлату давлатдориро кори саҳл намешуморад ва қайд карда буд, ки: «... вилоят доштан кори бузургест ва хилофат ҳақ аст дар замин чун бар сабили адл бувад ва чун аз адл ва шафкат холӣ бувад хилофати иблис бувад» [97, с. 119]. Ба андешаи мутафаккир агар дар сурати хатари нестии ҷомеа, зулму истодагарии султон ногузир бошад, дар ҳолати бедории халқ адолату инсоф дар баамалбарории ҳокимият ногузир аст. Ҳифзи қудрати қонунӣ ва сиёсӣ ҳадафи асосии султон бояд бошад ва дар ин замина адолат ҳукмфармо мегардад. Дар ин асос ӯ решаҳои аслӣ ва тарҳҳои илмиву амалии масъалаи адлро дар ҷомеа ҷустуҷу мекард, чунки аз баракати қонун дар ҷомеа тухми адолат дар дили мардум кошта мешавад.

Мутафаккир оид ба масъалаҳои пайдоиши ва инкишофи давлат ва институтҳои он, моҳияти иҷтимоии давлат, идоракунии одилона ва санъати идоракунӣ, риоя намудани талаботи қонунҳои давр, тартиби таъйини ҷазо ва иҷрои он, оид ба вазъи ҳуқуқии сарвари давлат, вазирон ва амалдорон ва ғайра нуқтаҳои назари ҷолибро пешниҳод намудааст. Ба андешаи ӯ, давлатро бояд одамони баргузидаи ҷамъият идора намоянд. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки мафҳуми адолат дар таърихи андешаҳои ҳуқуқии мутафаккир ба таври умумӣ ба унвони яке аз масъалаҳои асосӣ аҳаммияти хоса доранд. Ӯ бо таҳлили низоми меъёрии замони худ қайд мекунад, ки низоми ҳастӣ ва офариниш бар адл ва баробарӣ дар ҳуқуқ асос, сарчашма ғояи роҳбарикунанда мебошад. Ӯ ҳадаф дошт, ки дар низоми давлатдорӣ қонун ва ғояи адолат бояд риоя гарданд ва адлу ҳақиқат ба низоми зиндагии башар ҳоким бошад. Ҳудудан 16 оёти Қуръон ба масъалаи адл бахшида шудааст. Вале аксари мутафаккирон такя ба осори юнониён ва шарҳи Афлотун, ки «адолат модари ҳамаи фазилатҳои қонунӣ ва ахлоқист» зиёд пайравӣ намуда, моҳияти сарчашмаҳои таърихию фарҳангӣ, анъанавию динӣ ва фалсафию ҳуқуқиро ба назар намегиранд. Мутаассифона осори Алии Ҳамадонӣ низ аз ин истисно нест.

Ӯ дар асарҳои худ вақте дар хусуси нубувват, шариат ва ҳуқуқ сухан меронад, адолат дар баёни ӯ ҳамчун меъёри қонуншиносӣ шарҳ дода мешавад. Ӯ илми фиқҳ ва усусли мулоҳизотро барои давлатдорон дар радифи Қуръон ва ҳадис ҷузъи манбаи танзими фаъолият медонад. Дар фаъолияти ҳокимон ахлоқ ва фазилатҳои ахлоқӣ робитаи воқеӣ барқарор мекунанд ва мутафаккир адолатро фазилати комил шумурда, ақлро ҳоким бар ғазабу шаҳват медонад. Ба андешаи ӯ, қонун шуҷоат ва фазилатҳоро дифоъ карда, адолати комил дарбаргирандаи муносибати шахс бо аҳли ҷомеа мебошад.

Ба андешаи Алии Ҳамадонӣ, адолат дар шарҳу амалигардии меъёри қонун, шоистагии султону имом, расидани инсон ба орзуву ормон ва

иҷроиши масъулияти иҷтимоии ҳар фард ифода меёбад. Адолат меъёри риоя ва эҳтироми ҳуқуқи одамон нисбат ба якдигар буда, адолати иҷтимоӣ бошад, амалишавӣ ва риояи қонуни ҷамъият мебошад, ки аҳли ҷомеа аз султону имом то ҳар фарди қатории ҷомеа онро муҳтарам шуморанд.

Носеҳи арҷманд ба шоҳону ҳокимони замонаш рӯ оварда, изҳор менамояд, ки «... фарҳангу маърифат сифати олӣ ва мартабаи баланди онон аст. Ободии мулк ва мустаҳкамии салтанат, авалан, дар адлу инсоф ва баъдан, дар маърифатпарварию хирадмандии шоҳону амаирон мебошад. Маҳз ба туфайли донишу хирад ва фаросати баланди шоҳону сарварон පояи мамлакат устувору раият осудаҳол аст. Маърифат чашмаест поку зулол ва бояд амру фармоишоти шоҳону ҳокимон аз ин сарчашмаи нодир бархурдору бонасиб бошад. Салтанати шоҳу дарвеш дар маърифат аст» [97, с. 136-137].

Абунасри Форобӣ низ адолат ва эҳтироми ҳуқуқи одамонро яке аз асосҳои фазилат медонист. Ӯ фазилатро хайру некӣ, покдоманӣ ва аз ҷумлаи амалҳое медонист, ки тавассути онҳо ба саодат расидан мумкин аст. Бадӣ ва номукаммалӣ ҳамчун акси ин амалҳои муфид тавсиф мешаванд. Амалҳои нек, ба андешаи мутафаккир, дар шаҳру давлатҳои муайян зимни амалҳои ҳамагонӣ имконпазиранд. Дар таъмини амалҳои хайр давлат низ саҳми муҳим дошта метавонад. Барои муваффақ гаштан ба ин ҳадаф, пеш аз ҳама барои ташкилу назорати амалҳои хайр сарвари давлат бояд истеъдоди идораи давлатиро дошта, аз санъати идораи давлат бархурдор бошад [83, с. 150-151].

Дар асоси гуфтаҳои боло, адолат дар фаъолияти ҳаррӯза ва иҷроиши масъулияти мансабӣ ба султон ва ҳокимон намоёнгари шараф ва фазилати илму дониши аст. Ӯ қайд менамояд, ки бидуни илму маърифат ва дар амал татбиқ кардани онҳо, султони одил шудан ғайриимкон аст. Камол ва бузургии султон бар асоси дониш ва фазилати

ӯ устувор хоҳад буд. Роҳбар бояд аз одобу оинҳои суннатӣ пайравӣ намояд, то хештанро шиносад ва ҳадафу вазифаи хешро дарк намояд.

Ҳадафи Алии Ҳамадонӣ нисбат ба ҳокимон танҳо аз омӯзиши «ояи маҳкама», «фаризаи одила» ва «суннати пойдор» набуда, балки аз тариқи онҳо мушаххасан омӯзиши илми вилоятдорӣ мебошад, ки он дарбаргирандаи дин, фиқҳ, ҳикмат ва соири илмҳое, ки ба омӯзиши низоми давлату ҷомеа асос ёфтаанд, мебошад. Ба ҳамин тариқ, арзишу қимати ҳокимон ба миқдори маълумот ва маорифи онҳо нисбат ба илмҳо ва бахусус илми вилоятдорӣ мебошад. Ғояҳои мутафаккир аз назарияи ҳуқуқӣ сарчашма гирифта, бо мисолҳои асотирӣ ва воқеияти таърихӣ асоснок гардидаанд. Он ҳолати ҳуқуқӣ ва ахлоқие, ки вай роҳбаронро бар он даъват месозад, ҳолати олии руҳӣ буда, бидуни ихтиёр султон даст ба корҳои хуб мезанад.

Метавон хулоса кард, ки тамоми андешаҳои Алии Ҳамадонӣ дар атрофи як меҳвар давр мехӯранд, ки он беҳтар намудани низоми қонунии ҷомеа ва эҳёи арзишҳои ахлоқӣ аз тариқи камоли султон бо роҳи ақлу боварӣ аст. Оё имкони тағйироти ҷомеа бо ин роҳ вуҷуд дошт? Мутафаккир ба мавқеи фаъоли ҳастӣ такя намуда, воситам амалӣ сохтани онро баён кардааст ва мақоми ақлу бовариро ҳамчун воситаҳои олии ба роҳи дуруст ҳидоятдиҳандаи давлат, қонун ва ҷомеа нишон додаааст.

Қонун, ҷомеа ва давлат ақли таҷассумёфта ва ифодагардида, ягона воқеияте мебошанд, ки аз моҳияти ақлӣ бархурдор будани табиати инсонро дарак медиҳанд. Ҳадафи султон дар ҷомеа зуд муайян хоҳад шуд, чунки орзуву аъмоли ӯ нисбат ба он муносибат ва саодате, ки барои ҷомеаи худ мехоҳад, муайян аст. Саодат барои фарди мушаххас ва давлат монанд мебошанд. Ба ибораи дигар ҳар султоне, ки ҳокимият, мол ва лаззатҳоро саодат мешуморад ва онҳоро аз хушбахтии халқ боло гузошта, манфиатҳои халқро қурбони қувваҳои нафсонии хеш месозад, ӯ ҷомеаи саодатофаринро дар сарвату мол мебинад, ки онҳо бидуни

муносибат ба фаҳму разилатҳо вуҷуд дошта наметавонанд. Аммо султоне, ки фазилату адолат ва саодати мардумро мехоҳад, ӯ ҷонибдори ҷомеаи ором ва бо низому одил мебошад [97, с. 118-119].

Бояд тазаккур дод, ки ақидаҳои Алии Ҳамадонӣ дар хусуси ҳокими фозил, раиси хирадманду олиҳиммати дорои ҳама сифатҳои волои шахсӣ, баробариву озодии комили одамон, мадинаи фарҳангӣ дар робита бо воқеияти давлатию сиёсии замони мутафаккир хислати ормонӣ доранд. Айни замон чунин андешаҳо шакли пешгӯии равандҳои пешрафти ҳаёти сиёсиву давлатӣ мебошанд, ки дар робита бо муайян намудани роҳҳои инкишофи давлатдорӣ иброз гаштаанд. Дар робита бо чунин тарзи таҳлили илмӣ имкони таъмини баробариву озодии мардум, интихоби ҳокими давлат, тарбияи маънавии аҳолӣ ва ғ. пешбинӣ мешавад, ки аз аҳаммият холӣ нест.

Ҳадафи Алии Ҳамадонӣ аз пешниҳод намудани масъалаҳои ҳуқуқӣ дар доираи сиёсат ва ахлоқ аз он иборат аст, ки низоми давлатдорӣ бояд дар асоси адолату фазилатҳои ахлоқӣ ба вуҷуд оянд ва аҳли ҷомеаро ба саодату хушбахтӣ раҳнамуд созанд. Осудагии ҷамъият, зиндагии ором ва бофазилати раият заминаи таъмини садати рӯзгор буда, барои амалигардии воқеии қонун, ахлоқ ва сиёсат шароити мусоид фароҳам меоранд. Амалҳои султони одил дар ҷомеа боиси он мегардад, ки ҷомеа ва аъзоёни он фазилоту дониш ва ахлоқу тарбияро инкишоф бахшида, дар осоиш ва субот зиндагӣ намоянд. Иҷрои бечунучаро ва якхелаи қонунҳои дар ҷомеа амалкунанда, ахлоқ ва амалҳои хубу наку боиси обрую иззати инсон гашта, мояи оромии руҳ, кароматии нафс ва беҳбудии ҳаёти иҷтимоӣ ва муташаккилии он хоҳад гашт.

Таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар соҳаи сиёсат аслан ҷанбаи ахлоқӣ дошта, дар он тамоми нишондодҳое гирд оварда шудаанд, ки ҳар як подшоҳи одил бояд онҳоро иҷро намояд. Бояд тазаккур дод, ки файласуф дар хусуси сохтори ҳукумат, усулҳои мушаххаси идоракунӣ ва низоми он ишорае накардааст. Он шартҳое, ки ӯ дар назди ҳокимон

мегузорад, василае мебошанд барои бунёди ҷомеае, ки дар он танҳо адлу инсоф салтанат меронад.

Барои идораи кишвар ӯ шартҳоеро мегузорад, ки дар онҳо ҳуқуқу манфиатҳои одамон таҳти ҳимоя қарор дода шудаанд ва файласуф иҷроиши ин шартҳоро боиси пойдории давлату осудагии раият ва иҷро нашудани онҳоро боиси фанои давлат ва мусибати раият мешуморад.

### 2.3. Вазъи ҳуқуқии раият дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ

Таълимоти давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар асоси сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, таърихӣ, динӣ ва адабӣ бунёд ёфтаанд. Ӯ ҳама гуна қарори оқилона, ҳалли мушкилоти ҳуқуқиро бо ёрии муқарраროти адабиёти илмӣ ва таълифоти мутафаккирони давр асоснок карда, баррасӣ ва ҳал намудааст. Мутафаккир дар асарҳои худ муқарраротi заминавии ҳуқуқи раиятро баён карда, проблемаҳои назариявӣ ва амалии фаъолияти давлатро шарҳ додааст, ки онҳо пурра бо проблемаҳои муосири назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ мувофиқат менамоянд. Низоми ҳуқуқии раият, ки аз ҷониби ин мутафаккири бузурги Шарқ коркард ва пешниҳод шудааст ниҳоят ҷолиб мебошад [137, с. 205-221].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мутобиқ ба талаботи низоми ҳуқуқии даврони худ асосҳои назариявии ҳуқуқи раъиятро ба низом дароварда, таъкид сохтааст, ки «ҳуқуқи раоё ду навъ аст, зеро ки раият ду қисманд: муъмин ва кофир. Ва аҳкоми ҳуқуқи эшон ба ҳасби куфр ва ислом мухталиф мегардад. Аммо раияти мусулмононро бар подшоҳ ва ҳоким бист ҳақ аст. Ва қиём ба адои ин ҳуқуқ бар ҳоким ва подшоҳ воҷиб аст» [55, с. 129].

Мутафаккир зери мафҳуми «муъмин» шахсони пайравони динеро медонист ва дар иртибот ба мафҳуми «кофир» одамонеро мешинохт, ки ба ҳеҷ дине робита надошта, дар доираи ақидаҳои ҷудогона зиндагӣ менамоянд. Хосатан «раияти мусулмонон», ки мавзуи таҳлили ҳуқуқии

Алии Ҳамадонӣ буд, дорои ҳуқуқҳое мебошанд, ки дар сарчашмаҳои номбурда баён гаштаанд ва сарчашмаи ҳуқуқии мусулмонӣ меъёрҳои рафтори аҳли раият мебошад. Ӯ дар доираи таълифоти хеш дар пайравӣ ба низоми ҳуқуқи исломӣ ва фарҳанги ислом мақом, манзалат, вазъи иҷтимоию ҳуқуқӣ ва доираи ваколату иродаи сокинони ҷомеаи мусулмононро мавриди шарҳу таҳлил қарор додааст.

Ибни Сино низ аъмоли хуби инсонро мутталиқ ба муъминон медонад, яъне онҳое, ки «таҳорати нафси» худро бо «нури илм музайян» намудаанд, «ахлоқи ҳамида» доранд. Зимни ин ақида мавсуф подоши аъмоли инсонро дар робита бо майл ба имон ва ё бо куффор аз ҳам ҷудо мекунад [83, с. 168].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба рушду такомули шуури ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, фаҳмишу (идроки) ҳуқуқӣ, инчунин поён овардани шиддати «нодонии ҳуқуқӣ» (нигилизми ҳуқуқӣ)-и аъзоёни ҷамъият диққати ҷиддӣ зоҳир намудааст.

Аз таълимоти ӯ доир ба ҳуқуқҳои раият ва бист ҳуқуқҳои онҳо нисбат ба роҳбари давлат бо сароҳат маълум мешавад, ки вай ҷонибдори адолати иҷтимоӣ ва судӣ мебошад. Мутафаккир бо баёни ин бист «ҳақ» тамоми андешаҳои худро дар бораи адолати иҷтимоӣ ба адолатнокии подшоҳ, объективии ҳокимияти судӣ ва муносибати беғаразонаи фаъолияти ҳокимияти иҷроия нисбат ба раияти худ бурда мерасонад.

Ҳаққи аввали раият (шаҳрванд) аз он иборат аст, ки «бо ҳама аҳли ҷомеа бо тавозуъ бошад ва ба сабаби ҳукумат ва вилоят бар ҳеҷ мусулмон такаббур накунад ва яқин донад, ки Худованд душман медорад мутакаббиронро» [54, с. 129].

Бо истифода аз фазилатҳои ахлоқӣ ба хотири оромии ҷомеа ва таъмини амнияти шахсӣ Алии Ҳамадонӣ раиятро дар такя ба ҳадисҳо ба фурутанӣ», дур шудан аз «кибр»-у «такаббур», «ғурур», «фахр»-и беҷой ва ғайра, ки инҳо ба ваҳдат ва ягонагии уммат таъсири манфӣ гузошта,

раиятро дар муқобили якдигар ва шикасту фалаҷии низоми қонунӣ мебарнад, даъват менамояд.

Алии Ҳамадонӣ мардумро ба кор баҳри дарёфти ризқу рузии ҳалол ва меҳнати софдилона раҳнамоӣ менамояд. Вай инсонҳоро ба ростгӯӣ ва покию садоқат ҳидоят намуда, аз кибру ҳасад, ҳарисӣ мулу ҷоҳпарастӣ парҳез намуданро таъкид мекард.

Ба ин маънӣ дар шоҳасараш «Захират-ул-мулук» фармудааст, ки ҳар ки такаббуру бухлу ҳасадро пеша кунаду зердастонро ба ноҳақ биозорад, он кас асари раҳмат набинад. Амири Кабир бовар дошт, ки сифатҳои зишти ахлоқӣ сарчашмаи адовату душманӣ ва бадбахтиву касодӣ мебошанд. Ин андешаҳои мутафаккир, бешубҳа, баёнгари ҷиҳатҳои гуногуни башардӯстонаи ӯ мебошанд [147, с. 8].

Ҳуқуқи дуюми раият он аст, ки «сухани аввомро дар ҳаққи якдигар нашнавад, чи охири он ба фитна ва надомат кашад, хосса сухани фосиқонро ва соҳибғаразонро ва ҳасудонро ва таммоонро, зеро ки таммоъ халқеро ба тамаи луқмае биранҷонад ва ҳасуд ҷумлаи ҳунарҳоро айб донад. Ва уламо гуфтаанд: Ҳар ки айби дигаронро ба ту расонад, бешак, айби туро ба дигарон барад» [54, с. 129].

Ҳуқуқи сеюм доир ба масъалаи авф гуноҳи инфиродии ҳар як аъзои ҷомеа буда, ба қавли Алии Ҳамадонӣ, «чун ба ҷиҳати зиллате ё тақсире бар мусулмоне ғазаб кунад ва ваҷҳи имкони афв бошад, аз се рӯз зиёда таъхири афв накунад, магар ғазаб ба ҷиҳати амре карда бошад, ки дар он нуқсони дин бошад. Чун дар ин маънӣ ҳама умр ӯро маҳҷур гардонад, раво бувад. Аммо дар умури дунявӣ афв авлотар» [54, с 129].

Чи тавре мебинем, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ яке аз самтҳои асосии идеологияи замони худро дар инсонпарварӣ, авфи гуноҳони якдигарӣ ва бахшояндагӣ мебинад. Ба хотири амнияти саросарии ҷомеа ва пирӯзии адолати судӣ, роҳбарони давлат, мансабдорон, шахсиятҳои алоҳида ва сохторҳо, институтҳои дахлдорро бе гузашти гуноҳҳои якдигарӣ даъват менамояд. Барои исботи андешаи худ дар масъалаи авф

ва бахшидани гуноҳи якдигарӣ аз ҷониби аҳли ҷомеа, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мисолеро аз Юсуф Пайғамбар овардааст, ки мутобиқи он: «Худованд ваҳй кард ба Юсуф (а) ки: Эй Юсуф, бад-он ки бародарони худ афв кардӣ, номи туро баланд гардонидам» [54, с. 130].

Ин худ як навъ ҳимоя аз манфиатҳои инсонӣ аст. Воқеан, дар тамоми асарҳои мутафаккир манфиатҳои инсон ба назар гирифта шудаанд. Онҳо аз нуқтаи назари инсондӯстӣ, баробарҳуқуқӣ ва адолатнокӣ таҳлилу таҳқиқ гаштаанд. Вай зери мафҳуми манфиатҳои инсон он арзишҳоеро дар назар дорад, ки ҷомеаи исломӣ ва умуман инсон бояд ҳамеша ба он кӯшиш намояд [124, с. 646-647]. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки ӯ манфиатҳои инсонро ба якчанд навъҳо таснифбандӣ намудааст: манфиатҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, динӣ ва ғайра.

Дигар мутафаккирони форсу тоҷик низ дар осори худ дар бораи бунёди ҷомеаи маданию ахлоқӣ, ки манфиатҳои инсон воло дониста мешуданд андешаҳои ҷолиберо пешниҳод намудаанд. Чунончи, ба андешаи Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар саромади ҷомеаи маданӣ - шоҳи бохирад ва донишманд қарор дорад ва ӯст, ки муносибатҳои байниҳамдигарии табақаҳои гуногуни ҷомеаро танзим менамояд ва такомули пайдарпаю доимии ҷомеаро таъмин мекунад. Ҳокими донишманду хирадманд аҳли ҷомеаро тарбия карда, аз паси худ мебарад [98, с. 250].

Ҳаққи чаҳор ба он масъала бахшида шудааст, ки мутобиқи он адолату эҳсони роҳбар бояд ҳам неконро ва ҳам бадонро дар бар гирад: «Ҳаққи чаҳорум он, ки файзи адл ва эҳсон бар ҷамеи раоё ом гардонад ва дар нашри осори эшон миёни аҳл ва ноаҳл тамиз накунад» [98, 250], зеро донотарин ва «фозилтарин ақл баъди имон дӯстӣ кардан аст бо халқ ва некӣ кардан аст бо некон ва бадон» [54, с. 131].

Дар доираи ҳуқуқҳои раият Алии Ҳамадонӣ ба баъзе масъалаҳои муҳиме, ки ба амнияти шахс, молу мулк ва дахлнопазирии манзили ӯ

бахшида шудаанд, диққати хеле муҳим зоҳир кардааст. Масалан, дар бахши ҳуқуқи панҷум овардааст, ки «… ба сабаби таҷаббури ҳукумат ба истило назар дар ҳарами мусулмонон накунад ва бе истизон дар манозил ва махозини раоё наравад». Агар иҷозат доданд̄и, даромад̄и, вагарна бозгашт̄и ва наранҷид̄и». Ин амал худ маънои се бор иҷозат хостанро дошт: «Бори аввал бишнаванд, бори дуюм худро ва ҷойро рост созанд, бори савум, ба ҷиҳати маслаҳат иҷозат диҳанд ё манъ кунанд» [54, с. 131].

Дар ҳамин шакл мутафаккир вазъи ҳуқуқии раиятро бо тартибу мантиқи муайян баён сохта, дар ҳуқуқи шашуми раият таъкид мекунад: «Ҳаққи шашум он, ки мухотаба ва муомала бо аснофи халқ бар қадри маротиб ва дараҷоти ҳар кас бувад. Аз аҷлоф ва авбош иборати латиф чашм надорад ва аз ҷуҳҳоли омма фасоҳат ва балоғат наҷӯяд ва аз кӯҳ̄и ва биёбон̄и адаби маҷлиси ашроф наталабад. Ва таклифи ҳар кас ба қадри ҳоли ӯ кунад ва ҳар қавмро дар мартабаи ӯ маъзур дорад ва аз мувоҷаҳати ҳеҷ кас истинкоф накунад» [54, с. 131].

Алии Ҳамадон̄и дар таълимоти хеш ба омӯзиш ва ҳалли масъалаҳои муҳимми ҷамъият̄и ва иҷтимо̄и пардохтааст. Ӯ дар таълимоти хеш мафҳуми ҷамъиятро ба таври махсус таҳлилу таҳқиқ накардааст, вале ӯ байни ҷамъият ва табиат фарқеро мебинад. Ба андешаи ӯ, миёни инсону ҳайвон умумияте вуҷуд дорад, аммо аз дигар хусусиятҳояшон тафовут дар онҳо ба назар мерасад. Ба андешаи муттафакир, ба ин тафовут ақлу нутқ ва муҳаббатро ворид намудан мумкин аст. Мир Сайид Алии Ҳамадон̄и ба он эътиқод аст, ки тафовути фитрию модарзод̄и, гуногунрангии одамон дар сиришт яке аз омилҳои асосии пайдоиши ҷамъият, давлат ва барқарор гардидани низоми муайяни иҷтимо̄и мегардад. Ӯ саҳми омилҳои биоологию ахлоқиро минбаъд дар ҷараёни ҳал намудани масъалаҳои давлатию иҷтимо̄и дар ҷойи аввал мегузорад. Пайдоиши давлатро маънидод карда, зикр менамояд, ки омилҳои таб̄и боиси пайдоиши давлат гардидаанд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар афкори сиёсӣ- ҳуқуқии хеш, асосан, ба се рукни асосии ҷамъиятӣ – шоҳ, раият ва давлат, диққати ҷиддӣ дода, ақидаҳои худро ба шаклҳои мухталиф дар таълифоташ ҷой додааст. Ба қавли мутафаккир, дар ҷамъияти инсонӣ мавҷудияти шоҳ, раият ва давлат ҳукми зарурат бошад ҳам, вале тартиби зуҳур ва амали онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ гуногун мебошанд. Ӯ раиятро нисбат ба шоҳу давлат рукни муҳимтар меҳисобад, чунки дар ҳаёти иҷтимоӣ нақши ҳалкунандаро иҷро менамояд. Гуногуншаклӣ ва серҷабҳа будани фаъолияти раият ва қобилияту истеъдоди мухталифи онҳо зарурияти пайдо гардидани олоти идоракунии ҷаъмият- давлат, гардид. Ҳолати мазкурро М. Султонов чунин қайд менамояд: «… маҳз гуногунтабъиву мухталифии қобилияту истеъдоди раият ва гуногунии мизоҷи онҳо зарурати падид омадани шоҳ ва олоти идоракунии вай – давлатро ба амал меорад, ки он дар навбати худ дорои тарафҳои мутақобил аст» [136, с. 16-17].

Дар доираи ҳуқуқи ҳафтум Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аҳли раиятро ба он даъват менамояд, ки «дар маҷлис ва маҳозир пиронро ҳурмат ва тифлонро ба чашми шафқат нигаранд», чунки Пайғамбар фармудааст, ки: «он, ки пирони уммати маро ҳурмат надорад ва бар тифлони уммати ман раҳм накунад» [54, с. 131] аз зумраи мо нестанд.

Яке аз ҷанбаҳои алоҳидаи таълимоти мутафаккир дар бораи ҳуқуқҳои инсон ақидаҳои ӯ дар бораи ҳуқуқҳои пирон ва кӯдакон ба ҳисоб меравад, ки дар асарҳояш хеле ҷолиб пешниҳод гардидаанд. Дар онҳо панду ҳикматҳои зиёд дар бораи қоидаҳои рафтор бо калонсолон ва кӯдакон, уҳдадориҳои волидайн нисбат ба фарзандони худ, хешовандон ва калонсолон, дар муносибат бо бародарзодагону хоҳарзодагон ва хурдсолон мавҷуд аст, ки бо мисолҳо мустаҳкам карда шудаанд.

Дар банди ҳаштуми ҳуқуқҳои раият мутафаккир ростӣ ва вафоро дар ҳаёти рӯзмараи мусулмонон дар қатори аввал мегузорад. Вай ба

хотири дастгирии ҳуқуқи аҳли ҷомеа тазаккур додааст, ки «ҳар мусулмонро, ки ба чизе ваъда кунад, он ваъдаро вафо кунад ва хилофи он, албатта, раво надорад». Барои қувват бахшидани мавқеи худ ӯ аз ҳаёти Зулқарнайн мисол меорад, ки вай дар подшоҳӣ ба сабаби се хислат нуфуз ёфт: «Аввал он, ки чун сухан гуфтӣ, рост гуфтӣ ва чун касеро ваъда кардӣ, хилоф накардӣ ва ҳар мол, ки пеши ӯ овардандӣ, дарвақт онро сарф кардӣ ва ба фардо нагузоштӣ ва дар хизонаaниҳодӣ» [54, с. 131].

Ба ибораи дигар, ваъдахилофӣ сабаби беэътибории инсон, ноумед сохтани дигарон, шиддат ёфтани дурӯғ ва фиреб гашта, ба зиддияти аъзоёни ҷомеа мебарад. Дар иртибот ба ин ҳамчун роҳи ҳалли масъала ҳаққи нуҳумро ба масъалаи нексуханӣ бо инсонҳо мебахшад: «… дар ҳукм сухан ба унф нагӯяд ва бо вазеъ ва шариф рӯй кушода дорад ва бо заифон сухан ба вифқ гӯяд» [54, с. 131].

Ҳаққи даҳумро ба усули меъёрӣ-ахлоқии «Бо дигарон ҳамон кун, ки дӯст дорӣ бо ту кунанд» бахшидааст. Ин усул дар пандномаҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии қариб тамоми динҳо инъикоси худро ёфта, бо мақсади нишон додани баъзе баробарии инсонҳо дар назди қонун мебошад: «Дар мансаби ҳукумат риояти инсон кунад. Чунонки инсофи худ аз халқ талаб мекунад, инсофи халқ низ аз нафси худ талаб кунад ва бо мусулмонон чунон муомила кунад, ки агар он муомила бо ӯ кунанд, писандад» [54, 132].

Сулҳ ин пояи мустаҳками давлат ва пешравии ҷомеа аст: «Ҳаққи ёздаҳум он, ки мубодарати ислоҳи зоталбайни бар худ воҷиб донад ва таъхир дар фасли хусумати мусулмонон раво надорад ва дар ҳукми мухосамат чандон таваққуф накунад, ки моддаи ҳиқд ва адоват гардад ва ба фасод анҷомад», зеро ба қавли Пайғамбар, «хабар кунам шуморо аз амале, ки он беҳтар бошад аз рӯза ва намоз ва садақа? Гуфтанд: Бале. Гуфт: Сулҳ кардан миёни ду мусулмон» [54, 132].

Бо истифода аз сарчашмаҳои маъмулӣ Алии Ҳамадонӣ дар ҳимояи ҳуқуқҳои «раияти заъиф» ва «норанҷонидани» аҳли раъият, поён

овардани шиддати хавфу хатар аз ҷониби халқ ва пӯшидани айбҳои онҳо пешниҳод месозад, ки дар бисёр масъалаҳо бояд гузашт карда шавад.

Дар иртибот ба масъалаи дастгирии халқ дар бисёр масъалаҳое, ки ба амнияти омма таъсири бузург намерасонанд, «ҳаққи дувоздаҳум»-ро мебахшад: «Ҳаққи дувоздаҳум он, ки дар истикшофи гуноҳони мусулмонон саъй накунад ва ба ҳар зиллате раияти заифро наранҷонад ва аз ҳафавоти халқ ба қадри имкон таҷовуз кунад ва айбҳои халқро пӯшида дорад» [54, с. 132].

«Ҳақи сездаҳум он, ки ба иртикоби шубаҳот халқро ба маосӣ далер нагардонад ва ба ҷиҳати дафъи райбат аз мавозеи тухмат эҳтироз кунад ва агар аҳёнан ба маъсияте мубтало гардад, онро мастур ва пӯшида дорад, чи оммаи халқ дар салоҳ ва фасод тобеи ҳоким ва подшоҳанд. Агар ҳокимро бар наҳҷи салоҳ бинанд, ҳама дар салоҳ рағбат намоянд ва савоби он ҳама ба девони аъмоли ӯ роҷеъ шавад ва агар аз ӯ фасоде мушоҳида кунанд, яъне он подшоҳ ва ҳоким фосиқ бошанд, ҳама мардумон дар фисқ ва фасод кӯшанд ва он гуноҳ тамом ба девони амали он подшоҳ ва ҳоким бозгардад» [54, 133].

Дар бисёр ҳолатҳо «шафоат» кардани гуноҳ ва ҷиноятҳои содиршуда, инчунин шафоат дар «ҳоҷатҳои халқ» боиси оромии ҷомеа, қатъ гаштани хунрезӣ аз кори бад ва ҷиноятҳои вазнин нигоҳ доштани халқ гардад, ки ин ба ҷомеа ва давлат манфиатҳои бузург меорад. Дар ин самт як «шафоати ҳоким» кифоя ҳаст, ки бузургтарин мушкилиҳои халқ ҳал шаванд: «Ҳаққи чаҳордаҳум он, ки чун қазои ҳоҷоти мусулмоне ба калимаи шафоати ҳоким мавқуф бувад, ба шафоат он муҳим кифоят кунад ва эҳмоли он раво надорад. Ва аз хосияти ҳукумат яке он аст, ки корҳои хатир ва муҳиммоти бузург ба як сухани эшон кифоят шавад ва саодати ин савобро ғанимат шумурад» [54, с. 135].

Баъзе андешаҳои сиёсиву ҳуқуқии Ғаззолӣ, ки дар асарҳояш «Мустазфо», «Иқтисод», «Музтазҳарӣ», «Насиҳат-ул-мулук» баён ёфта, тарафдори офарида шудани ҷамъият ва ҳокимият мебошанд, дар афкори

сиёсию ҳуқуқии дигар мутафаккирони тоҷик инкишоф дода шудаанд. Чунончи, дар таълимоти Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ масъалаи дар заминаи таълимоти динӣ ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ даъват намудани ҳокимони замон таҷрибаи хуби ба адлу адолатнокӣ даъват намудани ҳокимон мебошад. Дар ин таълимот, ҳамзамон нақши шахсият дар рушди ҷомеа ва давлат муҳим арзёбӣ мегардад.

«Ҳаққи понздаҳум он, ки ҷониби масокин ва зуафоро бар ҷониби аҳли дунё, аз ақвиё ва ағниё роҷеҳ дорад ва бештар муҷоласат бо фуқаро ва аҳлуллоҳ дорад ва ҳар рӯз як бор оинаи дили худро бо мавоиз ва насоеҳи сулаҳо ҷило диҳад, чи мубошарати ҳукумат ва ихтилоти халқ дилро торик гардонад. Чун ин ду торикӣ бар дил мустамир гардад, хавфи хатари дин бувад, ки муҷиби гирифтории абадӣ ва ҳирмони сармадист» [54, 135-136].

Алии Ҳамадонӣ «тавонгарон»-ро «мурдагон» ном бурда, аз ҳар ҷиҳат онҳоро маломат мекунад, ки ҳуқуқҳои «мискинон»-ро нодида мегиранд ва бо чашми ҳақорат ба онҳо менигаранд. Ба қавли мутафаккир, «ин ғофилони ҷоҳил», ки «гирифтори азоби абадӣ» гаштаанд, аз зиёдии «зулмоти исрор», ки ҳама шикасти меъёрҳои ахлоқӣ ва қонунҳои давлатӣ мебарад, аз «тақлиди русум ва одат»-и халқи худ даст кашидаанд.

Дар «ҳаққи шонздаҳум», ки ба «аҳволи аҳли фақирон ихтисос дода шудааст, дар доираи талаботи меъёрҳои мавҷуда ӯ пешниҳод месозад, ки «нафақаи ятимон», ҳаққи «фурӯмондагон», ки иҷрои он воҷиб аст бояд аз ҷониби ҳукуматдорон ва ҳамсоягону наздикон саривақтӣ амалӣ шаванд [54, 136].

Масъалаҳои ҳуқуқи раиятро таҳқиқ намуда, мутафаккир дар доираи ҳаққи ҳабдаҳум қайд мекунад, ки «роҳҳои мусулмононро аз хавфи роҳзанон ва duздон ба сатвати сиёсат эмин дорад ва ҳар кас, ки дар роҳе ба изо ва тааҳҳуде мутаарризи мусулмонон шавад, бо уқубат ӯро ибрати

дигарон гардонад ва дар вилоят ҳар ҷо, ки маҳалли хавф бувад, агар имкони иморат бувад, иморат кунад ва агар маҳалли иморат набувад, нигоҳбонон боз дорад» [54, 136].

Ҳаққи ҳаждаҳумро мутафаккир ба сохтмони пул дар ҷойи лозимӣ ва «ҳаққи нуздаҳумро» ба сохтмони масҷиду мадраса бахшида, ин амалҳоро ҳам аз нигоҳи ахлоқи динӣ ва ҳам ҳуқуқи шаҳрвандӣ баҳои бузург додааст. Масалан, «…дар ҳама маҳалҳои мусулмонон масҷиде бино кунад ва имом ва муаззини онро таъин кунад ва асбоби маишати эшонро муҳайё гардонад, ки ба фароғат мувозабати авқоти намоз тавонанд кард ва ба ҷиҳати талаби қут иқомати ин амр ба эшон мутаассир нашавад» [54, 136]. Ин таҷриба дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон истифода мегардад, ки дар рафти танзими муносибатҳои динию иҷтимоӣ хеле натиҷаи хуб расонида истодааст.

Ҳуқуқи бистум масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки мутобиқи он аслу моҳияти дин «насиҳат» кардан аст. Инчунин мутафаккир дар таълимоти ҳуқуқии худ аз аҳкоми шариат асос гирифта, барои таҳқиқ ва ошкор намудани амалҳои иҷозатдодашуда (ҳалол), манъшуда (ҳаром) ва мамнуъшуда (макрӯҳ), амри амалҳои иҷозатдодашуда ва манъи амалҳои манъшуда, дастур дар бораи иҷрои амалҳои иҷозатдодашуда ва боздошти амалҳои манъшуда, муносибатҳои ҷинсии қобили қабул ва манъшуда, итоаткорӣ ва дурӣ ҷустан аз гуноҳ кӯшиш кардааст.

Ба дурустии тарбияи фарзанд таъкид намуда, мутафаккир қайд мекунад, ки «… кӯдак дар аввал оинаест, ки ҳар сурат дар баробари он бидорӣ, акси он сурат дар он зоҳир гардад. Ва агар ӯро дар суҳбати орифи комиле, муҳаққиқе тарбият намоянд валӣ аз авлиёҳои вақт гардад» [20, с. 33].

Ба андешаи мутафаккир, «фарзандро аз хурдӣ ахлоқи нек таълим кунанд ва карнои суъ (бадӣ) нигоҳ доранд. Ба зиннати дунё нафиребанд ва дар аввал неъмати фаровонро одати ӯ насозанд. Луқмаи ҳаром ғизои ӯ насозанд. Ҳар тифл, ки бадани ӯ дар хурдӣ ба шир ва луқмаи ҳаром

тарбият ёбад, табъи ӯро торик ва муқаддар гардонад» [20, с. 84]. Умуман, дар таълимоти ин орифи бузург паҳлуҳои гуногуни давлату ҳокимиятронӣ бо ҷиҳатҳои ахлоқию динӣ инъинкос ёфтаанд. Дар маҷмуъ, новобаста ба баъзе хурдагириҳои динӣ ақидаҳои иҷтимоию сиёсии Алии Ҳамадонӣ характери прогрессивӣ дошта, бештар ғояҳои баланди инсондӯстиро дар бар мегиранд.

# БОБИ 3. ТАЪЛИМОТИ ҲУҚУҚИИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

## 3.1. Шарҳи мухтасари таълимоти ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ

Сарчашмаи асосии таълимоти ҳуқуқии Алии Ҳамадонӣ илми фиқҳ ва шумор меравад, ки манбаи асосии он аз Қуръон ва суннат мебошад. Илми фиқҳ дар ҷаҳони ислом ва улуми исломӣ мақоми хоса дошта, бештар ба масъалаҳои дунявӣ сару кор дорад. Калимаи арабии маънои «фаҳмидан, идрок ва дониш»-ро дошта, дар илмҳои динӣ бештар дар шариат ва усули дин ба кор бурда мешавад. Калимаи «фиқҳ» бошад, ба маънои васеаш «олим» ва “донанда” буда, феъли арабии «фиқҳ» маънои “чизеро хуб фаҳмидан” ва «фақуҳ» маънои «фақеҳ шудан», яъне олим шуданро дорад.

Дар навбати дуюм «фиқҳ» ҳамчун маҷмуи аҳкоми амали шариатӣ мебошад. Сараввал зери мафҳум ва истилоҳи фиқҳ маънои «дониш дар бораи аҳкоми шаръӣ» фаҳмида мешуд, лекин баъдан онро ба маънои дуюм, яъне маҷмуи аҳкоми шаръӣ (ҳуқуқ) ба кор бурдаанд. Аз ин рӯ дар осори ба фиқҳ бахшидашуда ин илмро илме дар боби «аҳкоми амали шаръӣ бо далелҳои он» ном мебаранд [27]. Дар сифати илмии худ фиқҳ аз ҷониби васфкунандаи он, яъне фақеҳ, олим ва донандаи рукнҳои асосии фиқҳ расонида мешавад. Аҳком тамоми қонунҳо ба мақсади ба қонун даровардани зиндагии мардум аз тариқи «амру наҳӣ» ва дар маҷмуъ, барои танзими ҳаёти шахсӣ ва иҷтимоӣ аст.

Фиқҳ дар луғат ба маънои фаҳм, дониш, илм дарёфтан ва донистан тарҷума шуда, аз назари истилоҳӣ дар бораи фуруи амалии аҳкоми қонун баҳс намуда, мақсад аз он ба даст овардани малакаи иқтидор бар иҷрои амалҳои шаръӣ мебошад. Дар иртибот ба ин, аз назари динӣ фақеҳ касеро мегӯянд, ки олим ва мутахассис дар аҳкоми қонун (шариат) бошад. Ба ибораи дигар, фиқҳ як навъе аз улуми шаръӣ буда, паҳлуҳои амалӣ ва меъёрҳои низоми ҳуқуқии шариати исломро омӯхта, бо мақсади

ба низом даровардани фаъолияти амалии мусулмонон аз таркиби шариат маҷмуи муайяни қонунро берун меорад.

Муҷтаҳидон ва фақеҳон дар таърихи тафаккури ислом нақши бузургро бозида, ҳамеша дар судури аҳкоми шаръӣ аз Қуръон ва суннат истифода бурда, барои ниёзи ҷомеа низоми ҳуқуқиеро пешниҳод карданд, ки ҷавобгӯи талаботи онҳо бошад. Миёни онҳо ашхосе пайдо шуданд, ки барои худ усули судури аҳкоми қонуниро бароварданд ва ин усул минбаъд ба илми мустақили усули фиқҳ табдил ёфт ва дар навбати худ риояи усули имконият танзими қонунгузории диниро ба вуҷуд овард. Иҷтиҳод дар қабули қарорҳо ба озодии мутлақ асоснок нашуда, маънои иҷтиҳод он аст, ки олими муҷтаҳид дар ҷустуҷӯи ҳалли оқилонаи масъалаҳое, ки ҷавоби онҳо дар Қуръону Суннат вуҷуд надорад, бояд дар доираи таълимоти динӣ, ғоя ва арзишҳои маънавӣ-ахлоқии он сурат гирад. Самти асосии истифодаи иҷтиҳод барои ҳалли мушкилот ва фаъолияти рӯзмарраи инсон, қонеъ намудани ҳуқуқи манфиати дунявӣ ва кӯшиши сабук намудани бори гарони масъулияти ӯ нигаронида шудааст.

Дар таърихи илми фиқҳ барои содир кардани аҳкоми қонун аз Қуръон ва суннат имомони фақеҳ ё муҷтаҳидин маҷмуи қоидаҳоеро бо номи “Усули фиқҳ” ба вуҷуд оварданд. Ин имомон сараввал ҳар ҳукмеро бо далелҳои қатъӣ аз чаҳор сарчашмаи асосӣ, яъне Қуръон, суннта, иҷмоъ ва қиёс ба даст меоварданд. Фиқҳ роҳест, ки ба моҳияти Қуръон ва суннат, яъне ба маърифати аҳкоми илоҳӣ мебарад. Фақеҳони муҷтаҳид аз ҳамин тариқ фатвои дуруст ва мутобиқ ба моҳияти ҷавҳарии қонунҳои исломӣ медоданд [240, с. 55-62].

Дар адабиёт чунин аломатҳои низоми динии ҳуқуқро ҷудо менамоянд: 1) шаклгирии таърихӣ ва инкишоф дар доираи дини муайян; 2) ба сифати сарчашмаҳои аввалини ҳуқуқ эътироф гардидани китобҳои муқаддас ва тафсирҳо ба он, масалан, иҷтиҳод дар ҳуқуқи мусулмонӣ; 3) ба асоси руҳонӣ-арзишӣ сохта шуда, ба рафтори зоҳирии зиддиҳуқуқӣ ва зиддиахлоқӣ, инчунин ноқисии дохилии руҳонии инсон, ки ӯро ба

кирдорҳои бад талқин мекунад, муқобил меистад; 4) дар ҳуқуқҳои динӣ фарқияти аниқ дар байни низоми соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ, тақсим ба хусусӣ ва умумӣ, моддӣ ва мурофиавӣ мавҷуд нест; 5) новобаста аз мансубияти миллӣ ё маҳалли зист ба тамоми пайравони он татбиқ мегардад ва ғ. [84, с. 43-44]. Табиист, ки инкишофи муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ асоси афзоиш ва инкишофи муассисаҳои таълимӣ гардид. Дар баробари ин дар ин давра асарҳо дар бораи илоҳиёт ва ҳуқуқшиносӣ паҳн гардиданд. Миёни онҳо асарҳои нисбатан машҳур ва татбиқи васеъ доштаро номбар кардан мумкин аст: «Ҳидоя»-и Б. Марғелонӣ, «Гури мирӣ», «Фусули Истаравшанӣ», «Фиқҳи Кайдунӣ», «Ҷоми ур-румуз», «Масбут»-и Муҳаммади Серахсӣ, «Милтакоти Носирӣ»-и Насриддини Самарқандӣ ва «Мухтасар ул-виқоя»-и Убайдулло Садри Шариъа. К.Е. Бендриков зиёда аз 130 асарро оид ба ҳуқуқи мусулмонӣ, ки мутааллиқ ба қонуншиносони Осиёи Марказӣ мебошанд, номбар мекунад, [22, с. 54] ки асоси онҳоро китобҳои дар асри X – XV навишташуда ташкил медиҳанд [26, с. 40-41].

Дар маҷмуъ, Ислом тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мусулмонҳо ва ҷомеаи мусулмониро дар бар мегирифт. Дар он тамоми меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои мусулмонҳо бо Худо, ки ибодат номида мешаванд (қоидаҳои рӯзадорӣ, закот, ҳаҷ ва а.и.), инчунин меъёрҳое, ки тамоми муносибатҳоро байни мусулмонҳо танзим мекунанд – муомилот (сохтори судӣ, муносибатҳои оилаву никоҳ ва а.и.), маҷмуи меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ, ки уқубат ном доранд, мебошанд. Калимаи уқубат маънои ҷазоро дорад, вале дар маънои васеъ ба он инчунин ҷиноят ва ҷазо барои содир кардани он дохил мешавад. Махсусияташ дар он аст, ки уқубат шумораи зиёди меъёрҳои ҷиноятӣ-мурофиавӣ ва ҷиноятӣ-иҷроиро дар бар мегирад [150, с. 14-15].

Пайдоиши Ислом барои бавуҷудоӣ ва рушди шариат асос гардид. Тибқи ақидаи Л.Р. Сюкияйнен: «Шариат роҳест, ки аз ҷониби Аллоҳ тарҳрезӣ шуда, ба он қадам гузошта мусулмони воқеӣ метавонад ба камоли ахлоқӣ, пирӯзии дунёӣ ноил гашта, вориди ҷаннат шавад» [86, с. 65]. Тибқи

муайяннамоии ӯ, шариат аз се қисм – догматикаи динӣ, ахлоқи исломӣ ва меъёрҳои амалии танзимкунандаи ҳаёти ҳаррӯзаи одамон иборат аст [87, с. 69]. Калимаи шариат дар Қуръони карим зиёд вомехӯрад ва аз решаи «ша-ра-а» баромада, маънои «пешбинӣ (муқаррар) кардани чизи ҳатмиро дорад». Дар он меъёрҳои динӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ бо ҳам якҷоя шудаанд ва дар ҳама давраҳои инкишоф онро меъёрҳои дунявӣ ҳамроҳӣ кардаанд ва якҷоя амал намудаанд. Шариат инчунин маҷмуи гуфтори Паёмбари акрам Муҳаммад (с) мебошад, ки ба мардум мурочиат намудааст,. Паёмбар (с) ба пайравони худ ду манбаи аҳкоми илоҳиро гузоштааст: Қуръон – китоби муқаддаси Ислом, ки аз оятҳои Аллоҳ иборат аст ва Суннати Паёмбар (с)– маҷмуи ривоятҳо (ҳадисҳо) оид ба рафтор ва гуфтор Паёмбар [80, с. 20].

Муҳаққиқон тамоми меъёрҳои ҳуқуқии Қуръонро ба меъёрҳои муайянкунандаи «вазъи шахсӣ» (танзимкунандаи муносибатҳои оилавию никоҳӣ, меросӣ ва ғ), меъёрҳои характери гражданӣ-ҳуккуқӣ дошта меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, мурофиавӣ-судӣ, конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ва иқтисодию молиявӣ тақсим менамоянд [33, с 312].

Суннат ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ танзимкунандаи муносибатҳои динӣ ва ҳуқуқии ҷомеаи мусулмонон, сабабҳои хоси бавуҷудоӣ ва шаклгирии худро дорад[94; 95]. Ақидаи мазкурро академик Ф.Т. Тоҳиров низ дастгирӣ менамояд, ва қайд мекунад, ки «талаботи асосие, ки ба шаклгирии Суннат мусулмонӣ боис шудааст, меъёрҳои ҳуқуқӣ буданд» [89, с. 47], зеро онҳо меъёрҳои зиёди ҳуқуқиро дар бар мегиранд ва тамоми паҳлуҳои муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медароранд, чун «Ҳадисҳо дар баробари муқаррароти динӣ-маънавӣ меъёрҳои зиёди ҳуқуқиро дар бар мегиранд» [87, с. 46].

Ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи мусулмонӣ иҷма розигии умумии ҷомеаи муслимин ҳисоб мешавад. Сарчашмаи иҷма бавуҷудоии ақидаҳои бо ҳам мувофиқи фақеҳон-илоҳиётшиносони барҷаста оид ба масъалаҳои бавуҷудомадаи динӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки қоидаи рафтори

характери ҳатмидоштаро пешбинӣ менамоянд [65, с. 362]. Он ақидаи мувофиқашуда ва якдилонаи фақеҳон ва илоҳиётшиносони барҷаста (муҷтаҳидон) асосан, вобаста ба масъалаҳое мебошад, дар Қуръон ва суннат ҳал нашудаанд [154, с. 118]. Ф.Т. Тоҳиров чунин мафҳуми бомазмуни иҷмаро пешниҳод менамояд: «Иҷма ақидаи мувофиқгардонидашудаи фоқеҳон ва илоҳиётшиносони барҷаста оид ба масъалаҳои динӣ–маросимӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки дар Қуръон ва Сунна ба онҳо ҷавоби аниқ дода нашудааст» [89, с. 48].

Сарчашмаи дигари ҳуқуқи мусулмонӣ, ки ба рушди ҳуқуқ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятии ҷомеаи мусулмонон таъсири калон расонидааст, қиёс (аналогия) мебошад. Мактабҳои ҳуқуқии равияи суннӣ қиёсро яке аз сарчашмаҳои ҳуқуқи мусулмонӣ мешуморанд. Он дар вақте истифода бурда мешавад, ки ҳуқуқтатбиққунанда (ҳуқуқшинос, судя, адвокат ва ғ.) меъёри мувофиқи танзимкунандаи масъалаи дахлдорро дар қонунгузорӣ ҳуқуқ намеёбад ва рӯ ба қиёси ҳуқуқ меорад.

Қиёс муқоиса намудани ҳолати нави баррасишавандаи ҳуқуқӣ бо модели ҳолате, ки аллакай дар таҷриба ҳал шудааст мебошад, ки он дар баровардани қарор нисбат ба масъалаи нав аз рӯйи намунаи масъалии пешин асос меёбад [163, с. 14]. Қиёс, ки аз ҷониби олимон ҳамчун асос [48], тарз, усул [89, с. 42], ва сарчашмаи ҳуқуқ эътироф карда мешавад, дар ҳаҷми пурра бо татбиқи васеи он аз ҷониби мактаби ҳуқуқии ҳанафӣ инкишоф ёфтааст.

Дигар гурӯҳи сарчашмаҳои ҳуқуқи мусулмонӣ, ки натиҷаи мавҷудияти ҷомеаи исломӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии кишварҳои исломӣ мебошад, фатво, урф ва одат мебошанд.

Ф.Т. Тоҳиров чунин меҳисобад, ки «фатво мулоҳизаи хаттии обрӯмандони олии дини ислом оид ба қарорҳо вобаста ба масоили ҳаёти иҷтимоӣ, инчунин оид ба тафсири муқаррароти гуногун, ки дар сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи исломӣ дарҷ гардидаанд, вале характери умумӣ доранд, мебошад» [91, с. 40]. Г.С. Азизкулова фатворо ҳамчун қарор, хулосаи муфтиҳо оид ба масоили динӣ ва ҳуқуқӣ меҳисобад.

Қозиҳо ҳуқуқи ҳал намудани масоили диниро надоштанд, инҳо фақат масоили ҳуқуқиро ҳал мекарданд [12, с. 43].

Ба ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ дар осори худ асосҳои фиқҳро дар ҷои холӣ ва бе назардошти сарчашма ва маводи муътамад бунёд нагузоштаст. Ӯ Китоби Худо ва суннати Пайғамбарро комилан аз бар карда, дар умури дину дунё шогирд ва давомдиҳандаи саҳобаву тобеин, фарогирандаи илму мадрасаи фиқҳии онҳо ва уламои фиқҳ буд. Дар робита ба ин метавон таъкид сохт, ки манбаъ ва сарчашмаи фиқҳи Алии Ҳамадонӣ ҳамон асосҳоеанд, ки барои ҳар як фарди мусулмон пешниҳод шудаанд, то тавонад дар такя ба онҳо фикри худро бе мухолифат бо насси Қуръон ё бархӯрд бо мазмуни аҳодиси набавӣ истифода барад.

Мутафаккир ба масъалаҳои ҳуқуқии замони худ рӯ оварда, дар доираи як низоми илмӣ се илми амалии даврони худ – ҳуқуқ (фиқҳ), ахлоқ ва сиёсатро бо ҳам муттаҳид сохта, дар доираи он тамоми масъалаҳоеро, ки хусусияти ҳуқуқӣ доранд, мавриди таҳлил қарор додааст. Чун талаботи ҳаёти воқеи сарчашма ва асоси пайдоиши ҳуқуқ дониста мешавад, омилҳои асосии ташаккули ҷаҳонбинӣ ва таълимоти вай дар бораи давлату давлатдорӣ ва ҳуқуқу ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароите ба вуҷуд омадаанд, ки дар онҳо ҳаёт ва фаъолияти мутафаккир ва ё воқеияти замони ӯ ба вуқуъ пайвастаанд.

Дар таълимоти ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мавқеи асосиро ҳуқуқи давлатӣ ҳамчун маҷмуи меъёрҳои муқарраркунундаи низоми амалисозии ҳокимияти давлатӣ ва механизми ташаккулёбии он ишғол менамояд. Дар асари мутафаккир «Захират-ул-мулук» ва дигар асарҳои ӯ ақидаҳои зиёд ба ин мавзӯъ бахшида шудаанд. Ӯ ҷанбаҳои гуногуни танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳокимияти давлатӣ, механизмҳо, роҳҳои ташкилнамоӣ ва амалисозии он, табиат ва намудҳои ҳокимияти сиёсӣ ва ғайраро баррасӣ намудааст. Ӯ ҷанбаҳои мусбату манфии ҳокимиятро ҳамчун институти асосии давлатӣ баррасӣ намуда,

шаклҳои барои ҷамъият муфидтари онро пешниҳод намудааст. Чунончи, мутафаккир таъкид месозад: «... ҳокимият барои ҷамъият ва инсон зарур ва манфиатнок буда, дар баробари ин метавонад дар подшоҳ сифатҳоеро касб намояд, ки подшоҳ аз онҳо бояд худро пок созад ва парҳез намояд» [54, с. 114]. Ӯ тавассути ривоят ва ҳадисҳо ҳокимонро ба адлу адолатпешагӣ мехонад. Чунончи, «... нест ҳеҷ ҳокиме, ки уҳдаи ҳукумати чизе кунад аз умури мусулмонон, илло оварда шавад рӯзи қиёмат ҳар ду даст дар гардан баста ва ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз дастҳои ӯро накшояд, магар адли ӯ. Пас, ӯро бар пуле аз оташ бидоранд. Пас, он пул бифишонад ӯро афшондане, ки ҳама аъзои ӯ ҷудо шавад. Пас, аъзои ӯро боз ба ҷойи худ баранд. Пас, ӯро ҳисоб кунанд. Агар некӯкор буда бошад, ба некии худ халос ёбад ва агар бадкор ва золим ва фосиқ ва осӣ буда бошад, он пул дарида шавад ва ӯ дар ҷое афтад, ки ҳафтод сол бояд то ӯ ба қаъри он чоҳ расад» [54, с. 115]. Дар ин хусус муттафакир бечунучаро ба фарҳанг ва низоми ҳуқуқии исломӣ такя намуда, сарчашмаи ҳама гуна ҳокимият Худовандро мешуморад. Инро ӯ талаботи асосии «давлати комил» ва инсони такомулёфта медонист, ки онро ба воситаи ду роҳ тариқи маърифати куллӣ ва бо роҳи мушаххаси эҳсосоти динӣ, метавон ба даст овард.

Давлат ва ҳокимият бе халқ (раият) ва шоҳ вуҷуд дошта н. Алии Ҳамадонӣ давлат ва ҳукумати ормонӣ ва идеалии худро дар симои давлати нубуввват – салтанати пайғамбар ва хилофати ҳанифаҳои чаҳоргона медид ва онро ҳамчун далели воқеӣ ва раднашаванда дар таърихи давлатдории исломӣ мепазируфт. Вай мехоҳад, ки ҳамчун сарчашмаи тақлид фаъолияти анбиё ва хулафои рошидинро дар салтанат ва подшоҳӣ баён созад. Мутафаккир нишон медиҳад, ки бо вуҷуди қудрат, подшоҳӣ, хазинаҳои пур онҳо чӣ гуна бар нафси худ танг мегирифтанд ва дар меҳнати дунё бо сабру таҳаммул зиндагонӣ мекарданд. Ба андешаи Алии Ҳамадонӣ, он ҳоким ва подшоҳе, ки адлу эҳсон кунад ва дар амалӣ сохтани қонун ва аҳкоми дин амал намояд, дар

замин ноиби баргузидаи Ҳақ хоҳад буд. Агар дар адолату эҳсон даст кашида, ба аъзоёни ҷомеа шафқат накунад ва тобеи нафс ва ҳаво шавад, вай, ба ҳақиқат, ноиби Даҷҷол ва халифаи шайтон аст [54, с. 115-116].

Мувофиқ ба муҳтавои «Захират-ул-мулук» дар масъалаҳои ҳуқуқ ва идораи давлат, амалӣ сохтани вазифаҳои давлатӣ, сифат ва фазилатҳои султон ҳамчун роҳбари воқеии давлат маҷмуи усулҳо ва қонунҳои ормонии рафтору кирдор пешниҳод гардида, ӯ ҳаёти ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро баён карда, барои фаҳми аслии низоми воқе,ӣ ҳокимият ва роҳбарии давлатӣ маълумоти мушаххас овардааст. Вай ҳуқуқи давлатиро дар доираи низоми давлатдории монархия – салтанат, баён сохта дар доираи он амру фармони султонҳои даврро пешкаш кардааст. Ӯ кӯшидааст баёни вазифаҳои иҷтимоӣ ва давлатдории султонҳоро аз доираи маҳдуди қонунҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ берун бароварда, онҳоро бо қавонини ахлоқӣ пайваст созад ва таҳти назорати низом ва фазилатҳои ахлоқӣ қарор диҳад, зеро ин усул ба вай имкон медод, ки тамоми падидаҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро дар шакли пайваст ва зинда ба давлатдорон ва сиёсатмадорон пешкаш намояд, то онҳоро ба ҳадафи аслии вазифаашон ошно ва наздик созад. Чунин шакли таҳқиқ ва андешаи ирода хоси аксар мутафакиррони асримиёнагии форсу тоҷик ба шумор меравад [160, с. 137].

Давлат ва ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби мутафаккир бо як қатор ҷабҳаҳои динӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ алоқаманд карда шудаанд, ки бидуни онҳо сифатҳои хосаи давлат ошкор намегарданд. Мутафаккир ба масъалаи ҳуқуқэҷодкунӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст, зеро дар замони ӯ асоси ҳуқуқэҷодкуниро подшоҳ амалӣ менамуд, ки дар як вақт ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ дар дасти ӯ муттаҳид шуда буданд.

Танзими меъёрӣ ва усулҳои амалисозии он шароити ҳаёти воқеӣ ва воқеияти ҳаётии инсонҳоро инъикос мекарданд. Бояд онҳо ба манфиати аҳли ҷомеа равона гарданд. Тавассути анъанаҳо ва урфу одатҳо

меъёрҳои динӣ танзими ҳуқуқиро таъмин месохтанд [79]. Асоси амалишавии механизмҳо ва хусусияти онҳоро ҳокимият, яъне қудрат, ҳокимият ва султон муайян мекард, ки дар фаъолияти ҳуқуқэъҷодкунӣ ифода меёфтанд.

Дар доираи ин гуфтаҳо метавон таъкид намуд, ки робитаи байни ҳокимияти сиёсии давлат бо ҳуқуқ хусусияти робитаи органикӣ пайдо карда, зуҳуроту падидаҳои ҳуқукро ба андозаи хеле маҳдуд таъмин месохт ва онро ҳамчун падидаи воқеӣ дар ҳаёти ҷомеа дар амал татбиқ менамуд.

Дар замони зиндагонии Алии Ҳамадонӣ дар Шарқи Миёна ва Наздик миёни ҳакимону фақеҳон баҳсҳои зиёде дар ин замина сурат гирифта, осори зиёде низ ба табъ расида буданд. Вай аз тамоми иттилооти бадастомада истифода намуда, кӯшиш кардааст, то воқеъбинона ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ворид шуда, ба он дар чаҳорчубаи андешаҳои хеш баҳогузорӣ намояд. Ба ибораи дигар, мақсади мутафаккир ислоҳи зоҳирӣ ва суратӣ набуда, балки кӯшише барои поягузории донишҳои ҳуқуқие, ки наздик ба воқеият бошанд, ба шумор мерафт. Ҳамин аст, ки дар таълимоти худ вай он тавре, ки ба таҳлилу баррасии масъалаҳои ҳуқуқӣ мепардозад, аз як раҳнамуди зимнӣ пайравӣ карда, ба воқеияти қонун ва қудрати сиёсӣ низ ба он шакле, ки ба тариқи айнӣ ташаккул меёбад, даст мезанад.

Ҳамин мавқеи пешгирифтаи Алии Ҳамадонӣ дар ҳуқуқ буд, ки вай пайдарпай ба шарҳи рукнҳои асосии низоми қонунгузории замони худ ва омилҳои ҳуқуқии низоми давлатӣ сухан ронда, дар таъсиси назарияи хеш аз андешаи таҳлили қудрати сиёсии давр дурӣ намеҷӯяд. Ӯ қонунҳои динӣ ва низоми давлату давлатдории салтанатро дар асоси тақозои сиёсӣ ва ахлоқии давр мавриди тафсир қарор медиҳад. Бо баёни ҷанбаҳои мухталифи салтанат, ҳамчун як низоми воҳид ва ногузирии мавҷудияти он барои дину дунё дифоъ менамояд [112, с. 591-592]. Вай ба мисли дигар ҳуқуқдонони асримиёнагӣ ҳангоми таваҷҷуҳ ба масъалаи қудрати сиёсӣ

мавҷудияти салтанатро ногузир медонад. Ба ин масъала диққати хосса зоҳир намудани Алии Ҳамадонӣ бесабаб набуд, зеро масъалаҳои пояи қудрати сиёсӣ, ягонагии се шохаи ҳокимият ва ғайраҳо аз ҳамин масъала сарчашма мегиранд.

Мутафаккир қайд мекунад, ки халқ ба роҳбари оқилу доно ва адолатпарваре, ки ба таълимоти ҳуқуқию ахлоқии паёмбар ва фарҳанги исломӣ пайравӣ намояд ниёз дорад. Ӯ мавҷуд будани чунин роҳбарро воҷиб медонист. Мутафаккир дар «Захират-ул-мулук» таъкид мекунад, ки дунё ва таъмини амнияти ҷону моли аҳли ҷомеа бидуни итоати султон ғайриимкон аст, зеро ҳангоми марги султон дар ҷомеа бесару сомонӣ рӯй медиҳад. Ба тавре ки ҳар гоҳ чунин вазъ идома ёбад он шаклҳое, ки барои таъини султони қобили итоат анҷом нагиранд, бесомонӣ давом хоҳад ёфт ва мардум даст ба қатлу куштори якдигар зада, қаҳтӣ рӯй медиҳад. Чорпоён ба ҳалокат мерасанд, ҳунар аз миён рафта, фурсате барои адои ибодат ва таҳсили илм боқӣ намемонад. Дар робита ба ин гуфтаанд, ки «дин ва султон аз якдигаранд», онҳо ҷудонопазир нестанд ва дин асосу бунёд буда, султон муҳофизи он мебошад. Дин дорои қонун аст, ки он қонуни илоҳӣ мебошад. Доир ба қудрати сиёсӣ ва ногузир будани султон барои нигоҳ доштани қонун дар андешаҳои Алии Ҳамадонӣ аз назариёти ҷонибдорони мактаби калом, бахусус Абулҳасани Ашъарӣ, Абулҳасани Мовардӣ, Ҷувайнӣ, Ғазолӣ ва дигарон истифода шудааст. Ҳамадонӣ дар масъалаи заруроти султон зери таъсири ин мутафаккирон таъкид месозад, ки султон танҳо дар асоси ҳукми Қуръон ва суннати пайғамбар зарур аст. Ӯ зикр мекунад, ки мусулмонон барои ҳифз ва иҷрои қонунҳои шариатӣ, иҷрои ҳудуд, фармондеҳии қувваҳои мусаллаҳ, расидагӣ ба корҳои ятимон ва ғайра ба султон ниёз доранд [54, 122-123].

Ӯ дар асари худ «Захират-ул-мулук» ба тафсил дар бораи зарурати султон баҳс мекунад. Дар сурати набудани султони ҳақиқатпеша мақомоти давлатӣ низ асоси қонунӣ ва адолатпешагии худро аз даст

медиҳанд. Иҷрои меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҳимояи манфиатҳои аъзоёни ҷомеа ва қозиён бе масъулият мемонанд. Дар асоси меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои идоракунӣ вазифаҳо ва ҳуқуқу ваколатҳои султон мутафаккир қоидаҳои махсусеро доир ба шакли рафтори вай пешкаш кардааст. Ба қавли вай, султон бояд барои тарбияту ислоҳи худ ва чӣ барои анҷоми рисолате, ки бар уҳда дорад, аз як силсила қоидаҳо истифода намояд. Вай ин қоидаҳоро, бахусус дар «Захират-ул-мулук» баён сохтааст. Сарфи назар аз он, ки Алии Ҳамадонӣ дар китобҳои худ аз шакли баёну усулҳои мухталифи истифода кардааст, вале моҳияти мӯҳтавои онҳо як мебошад. Қоидаҳое, ки дар ин асар омадаанд, хосатан ба султон равона шудаанд. Агар ба шакли умумӣ гирем хитобаҳои вай ба тамоми қудратмандон аз султон шуруъ карда, то поёнтарин соҳибони қудрат, равона шудаанд.

Вай ҳамеша ҳамин нуқтаро таъкид менамояд, ки шарти амали дурусти инсон илм буда, илми беамал бефоида ва бесамар аст. Аъзои бадан ба ҳеҷ амале даст намезанад, магар он ки майл ба он амал, яъне “ҳол” дар дил ҳосил шуда бошад ва «ҳол» фақат бо «маърифат» ба вуҷуд меояд. Султон дар сурате рафтори хубу некӯ ва одилона карда метавонад, ки ба асли ин масъалаҳо эътиқодманд бошад [136, с. 16-18].

Барои исботи назари худ ва ба мақсади дуруст иҷро кардани ин вазифаҳо Алии Ҳамадонӣ шароити ҳокимияти салтанат ва подшоҳиро бар раият чунин пешкаш сохтааст: «... подшоҳ ва ҳоким худро яке аз раоё дар он воқеа тасаввур кунанд ва дигаре баробари худ ҳоким бинад ва дар он ҳол ҳар ҳукм, ки аз дигаре бар худ раво намедорад, мисли он аз худ бар дигаре раво надорад ва ҳар чӣ бар худ намеписандад, бар ҳеҷ мусулмон announced написандад» [54, с. 123].

«Қазои ҳоҷоти мусулмононро афзали тоот шумурдани султон»-ро мутафаккир вазифаи дигари ҳокимон медонист. Ба қавли вай, дар хабар аст, ки пайғамбар фармуд, ки «шод кардани дили муъмине баробар аст бо тооти ҳама париён ва одамиён. Пас, шарти подшоҳи мусулмон он аст,

ки пайваста мунтазири ҳоҷоти муҳтоҷон бошад ва чун донад, ки мусулмоне бар дари хонаи ӯ мунтазир ва муҳтоҷ аст, то ҳоҷати ӯ кифоят накунад, ба ҳеҷ ибодате машғул нашавад ва ба ҷиҳати роҳати нафси худ эҳмоли ҳоҷоти мусулмонон раво надорад» [54, с. 123].

Мутафаккир меорад, ки вай бояд «... дар ҳукм сухан ба мадоро гӯяд ва бе моҷиб дуруштӣ накунад ва аз шунидани ҳуҷҷати бисёр малул нагардад ва аз сухан гуфтан бо заифон ва мискинон нанг надорад» [54, с. 123-124]. Бояд ҳангоми тасдиқ ва баровардани ҳукми худ барои ризои халқ боҷуръат бошад ва сустӣ накунад ва «... барои хушнудии ҳар кас мухолифати  шаръ ва Ҳақ раво надорад ва бидонад, ки хосияти ҳукумат он аст, ки пайваста нимаи халқ аз ҳоким нохушнуд бошанд, зеро ки ду хасм ба ҳақ хушнуд натвон кард ва ҳусули ризои ҷамеи халқ аз ҳокими одил мумкин нест. Ва чун  ҳукми ҳоким бе ғараз ва майл бувад ва дар ҳукм ризои Ҳақ талабад ва аз хашми халқ наандешад, Ҳақ, ҷалла ва ало, аз вай розӣ бошад ва халқро ҳам аз вай розӣ гардонад» [54, с. 124].

Алии Ҳамадонӣ қайд мекунад, ки султон бояд, ки «аз хатари ҳукумат ва вилоят ғофил набошад ва яқин донад, ки мансаби иморат ва ҳукумат олатест, ки бад-он олат ҳам саодат ва некномии охират метавон касб кард ва ҳам шақоват ва бадномӣ ва гирифтории  абадӣ  бад-он ҳосил мешавад ва бештари мулк ва ҳуккоми рӯзгор аз ин қабиланд, ки ба давлати муқаддари фонӣ  мағрур шудаанд ва аз пайи ҳавои нафс дини худро вайрон кардаанд ва аз барои номус имон ба бод дода, илло мо шоаллоҳ. Пас, имрӯз, ки зимоми ихтиёр ба дасти ӯст, ҷаҳд кунад, ки то давлати дуняviро тухми гирифтории ухравӣ насозад ва мусораати манҳаҷи  савоб ва мулозимати роҳи маъдалатро ғанимат шумурад» [54, с. 125].

Алӣ Ҳамадонӣ мақоми олимони солимфикрро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи маърифат ва ахлоқи салотин бузург шуморида, асоси зиндагии онҳоро дар илм, амал, таъсир, тадрис ва ғайра мебинад. Ӯ пешниҳод мекунад, ки «... султон бояд ҳамеша бо

олимон ҳамсӯҳбат шуда, насиҳатҳои онҳоро шунаванд ва ба илм наздик шавад. Худро аз уламои ҳарис ба молу чизи зиёд ва ришва дурӣ ҷӯяд».

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ишора ба принсипи мазкур намуда, дар қоидаи даҳум қайд менамояд, ки агар ба роҳбари давлат хашм ғолиб шавад, такаббур ӯро ба интиқом даъват мекунад. Аслан хашм ақлро мешиканад. Аз ин рӯ вай бояд ҷаҳд кунад, то дар ҳама корҳои худ майл ба ҷониби авф ба бахшандагӣ карда, два караму бурдбориро пеша намояд. Яъне аз кибру ғурур ва хашм касе ба ҷое нахоҳад расид ва агар одамӣ дар хашм бузург мебуд ва ҳадафи офаринишаш ҳамин мешуд , дар ин кор шеру сагро аз вай пурхашмтар намеофарид. Инсон ба роҳи сабру таҳаммул ва ақлгароӣ метавонад аз ҳолатҳои бад берун ояд, зеро «фаросат бар ҳоким ва подшоҳ воҷиб аст, ки дар мабонии ҳудуси ҳаводис ва маонии вуқуи вақоеъ ба имон назар кунад ва дар маҳзари фаҳм ва ақл ҳақиқати ҳар ҳукмро мушаххас гардонад ва ба айни басират дар авомир ва ҳақоиқ ва авориз назар кунад» [54, с. 125].

Ҷойи шубҳа нест, ки хулосаҳои Алии Ҳамадонӣ дар атрофи ғояҳо ва қонунҳои динӣ давр мехӯранд ва дар доираи онҳо сиёсатмадор бояд дар воқеаҳои замонавию рӯзмарра аз доираи қонун ва меъёрҳои муайяншуда дур наравад, мутобиқи тарозуи адолат амал намояд ва дар сурати зарурӣ аз қудрати лозима истифода намояд. Бо ибораи дигар, дар ҳама ҳолат заифӣ маънову моҳияти худро барои сиёсатмадор ва аҳли ҷомеа аз даст медиҳад. Дар робита ба ин вай чунин меорад, ки инро сиёсати давр ва воқеаҳои таърихӣ талаб менамуданд ва султоне, ки мехост ҳокимияти худро нигоҳ дорад, барои ҳама хуб шуда наметавонист, бинобар ин дар ҳадди миёна бояд аз адолати илоҳӣ кор мегирифт, на аз адолати инфиродӣ.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ақидаҳои худро аз назари ҳадафи «олӣ», ки ба Ҳақ муносибат дорад, ҳал менамояд. Барои ӯ ҳадафи «олӣ» аз он иборат аст, ки низоми оромона ва амнияти давлатдорӣ нигоҳ дошта шавад, чунки онро Офаридгор тақозо менамояд ва дифоъ аз

дастовардҳои ҳокимият ва давлат дар симои султон зоҳир мегардад. Ҳамеша дар низоми давлатдорӣ имкони он вуҷуд дорад, ки ҳадафи гурӯҳҳои муайян барои ҳимояи манфиатҳои онҳо зоҳиран «хайрнамо» бошад, вале оқибати он ба чӣ мебарад, муносибати ин «хайр» бо идеали осмонӣ чӣ гуна аст, адли илоҳӣ аз мавқеи ин «хайр» чӣ гуна маълум мегардад ва ғайра.  Аз ин лиҳоз, аз он хайре, ки ҷомеаи одамонро ба марг ҳавола сохта, дар байни мардум низову куштор меорад ва аз фармудаҳои Ҳақро инҳироф менамояд, бояд даст кашид. Мувофиқан ба нишондодҳои ҳуқуқи исломӣ кирдорҳои зидди ҳокимияти қонунӣ амали гунаҳгорона  дониста мешуданд ва кулли сарчашмаҳои динию ҳуқуқии замони амали ҳуқуқи мусулмонӣ онҳоро маҳкум менамуд [14, с. 143].

Мутафаккир дар таҳлили масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқиву сиёсӣ ба нақши пайваст будани давлату дин таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. Ин таваҷҷуҳ бесабаб набуд, чунки ба кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ аввалан давлатдорон ва маъмурон даст зада, ба имконнопазир гардидани амалишавии давлати армонӣ, ки қариб ҳама мутафаккирони асримиёнагӣ онро орзу кардаанд,  оварда мерасонид. Ин амалҳо, қабл аз ҳама, дар ришвахории уламо, мушовирин ва маъмурон дида мешуданд ва баъдан ба кулли ҳаёти иҷтимоӣ реша давонда, ҷомеаро ба ҳолати ғайрисолим мерасониданд. Дар ин асос ӯ ибораи «Чӯби қонунро ба сари султон ва баъд бар сари халқ зад»-ро пайгирӣ менамуд.

Ба ишораи баъзе муҳаққиқон, «... адиб ҳангоми дар Кашмир зиндагӣ карданаш ва муносибати наздик доштан бо зимомдорони вақт як силсила асарҳо, аз қабили «Минҳоҷ-ул-орифин», «Захират-ул-мулук», «Мактуботи амирия», «Рисолаи зикрия», «Даво-ул-қулуб», «Арбаини амирия» ва ғайраҳоро офаридааст. Мавзуи марказии асарҳои номбурда пас аз бахшҳои муқаддимотии ҳамду санову наът имону исломдорӣ, инсону инсондӯстӣ, давлату давлатдорӣ, масъулияти подшоҳ дар назди раият, имону дини зердастон, тарғиби ахлоқи ҳамидаи шоҳу дарвешон,

мазаммати хислатҳои номатлубу нописандидаи зишти мунофиқон ва ба ин монанд мебошад» [14, с. 110].

Ин нуқтаро набояд фаромуш кард, ки аз давраҳои аввали давлатдории асримиёнагии исломӣ қонун манфиатҳои умматро ба пуррагӣ дифоъ менамуд [80, с. 29]. Дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва қоидаҳои дигари ҳокимиятдорӣ муқаррар шуда буд, ки султон ва дигар шахсони мансабдори давлатию ҷамъиятӣ бояд бо истифода аз қонун ва мавқеъ ба зулму ситам даст назананд [102. С. 89-90]. Тавассути ин гуфтаҳо мутафаккир мехост ҳокимонро аз хатари дунёхоҳиҳои онҳо, ки оқибати мантиқии он ба ҳампошии давлат мебурд ва тӯдаҳоро ба парокандагии ақидатӣ рӯбарӯ месохт, огоҳ созад.

Дар дигар ёдгориҳои таърихӣ ва осори мутафаккирони форсу тоҷик низ кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ ва зиддиахлоқӣ маҳкум гардидаанд. Чунончи Р.Ш. Сотиволдиев, андешаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии ёдгории адабии тоҷику форс – «Синдбоднома»-ро таҳқиқ намуда, чор аломати кирдори зиддиҳуқуқӣ ва ҷиноятро номбар менамояд, ки онро аксаран аз ҷониби ҳокимону амалдорон низ содир мегардиданд: 1) зиддиҳуқуқӣ ба маънои вайрон намудани муқарраротии давлатӣ-ҳуқуқӣ; 1) гунаҳкорона ва зиддидинӣ; 3) «норавоӣ» кирдоре, ки маҳкумшаванда буда татбиқи бечунучарои ҷазоро талаб менамояд; 4) зиддиахлоқӣ [77, с. 166-167].

Масъалаи дигаре, ки бояд дар баамалбарории ҳокимият ва бевосита татбитқи ҷавобгарӣ амалӣ карда шавад, риояи меъёру принсипи адолат мебошад, Мафҳуми адолат дар таърихи андешаҳои ҳуқуқӣ ва андешаҳои Алии Ҳамадонӣ ба унвони яке аз мафҳумҳои асосии донишҳои пешина аҳаммияти хос дорад. Ӯ шарҳ медиҳад, ки низоми ҳастӣ ва офариниш бар адл ва баробарӣ дар асоси ҳуқуқ мебошад. Қонунҳои адолат ҳатман бояд риоя гарданд ва адлу ҳақиқат ба низоми зиндагии башар ҳоким бошад. Гарчанде ҳудуди 16 оёти Қуръонӣ ба мазмуни адл бахшида шуда бошад, лекин такя бар қонун дар Шарқи миёна ва наздик баъд аз тарҷумаи осори юнониён ва шарҳи Афлотун, ки «адолат модари ҳамаи

фазилатҳои қонунӣ ва ахлоқист» зиёд густариш ёфт ва осори Алии Ҳамадонӣ низ аз ин истисно нест [149, с. 124-127].

Ба андешаи Алии Ҳамадонӣ, фазилати адолат дар шарҳ ва шинохти меъёри қонун, шоистагии султону имом, орзуву ормони инсонӣ ва масъулияти иҷтимоии ҳар фард ифода меёбад. Адолат талаб менамояд, ки ҳуқуқи одамон нисбат ба якдигар риоя гардад. Маънои адолати иҷтимоӣ чунин адолате аст, ки дар қонуни ҷамъият бояд риоя гардад ва аҳли ҷомеа аз султону имом то ҳар фард онро муҳтарама шуморанд. Ба ибораи дигар, «адли Худо» айни фазл ва саховату олиҳимматии Офаридагор аст.

Ҳадафи Алии Ҳамадонӣ нисбат ба ҳокимон танҳо аз омӯзиши «ояи маҳкама», «фаризаи одила» ва «суннати пойдор» набуда, балки аз тариқи онҳо мушаххасан омӯзиши илми вилоятдорӣ мебошад, ки он дарбаргирандаи дин, фиқҳ, ҳуқук, ҳикмат ва соири илмҳое, ки ба омӯзиши низоми давлату ҷомеа асос ёфтаанд, мебошад. Ба ҳамин тариқ, арзишу қимати ҳокимон ба микдори маълумот ва маорифи онҳо нисбат ба илмҳо ва бахусус илми вилоятдорӣ мебошад.

Тамоми андешаҳои мутафаккир дар атрофи беҳтар намудани низоми қонунии ҷомеа ва эҳёи арзишҳои ахлоқӣ аз тариқи камоли султон бо роҳи ақлу боварӣ аст. Ӯ ба мавқеи фаъоли ҳастӣ такя намуда, воситаи амалӣ сохтани онро баён кардааст ва мақоми ақлу бовариро ҳамчун воситаҳои олии ба роҳи дуруст ҳидояткунандаи давлат, қонун ва ҷомеа нишон додааст.

Абурайҳони Берунӣ низ ҷонибдори назарияи давлати адолатнок буд. Ӯ дар давлати адолатнок масъулияти тарафайни давлат ва мардумро масъалагузорӣ менамояд, ки он ҳоло яке аз принсипҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд маҳсуб мегардад. Ӯ масъалаҳои инсон ва ҷомеаро баррасӣ карда, ишора ба ояти Қуръони карим менамояд ва итоат ба подшоҳро дар қатори итоат ба Худованд ва паёмбарон шарт медонад: «Эй мардум, ки ба Худову паёмбари ӯ ва увлоул-амреро,ки аз худи

Шумо ҳастанд, имон овардаед, фармонбардорӣ кунед» [23, с. 13]. Дар ин навишта А.Берунӣ ишора ба ояти 59 сураи Нисо намудааст: «Эй муъминон, Худоро фармонбардорӣ кунед ва пайғомбару фармонравоёнро аз ҷинси хеш фармонбардорӣ кунед» [43]. Ин масъала дар дидгоҳи давлатсозии асрҳои миёна бисёр муҳим буд. Дар таърихи фиқҳи исломӣ беҳтарин шоҳроҳи ҳамвори онро бо маънидодкунии дурусти ақлонӣ ҳанафиён пешниҳод кардаанд [93, с. 45-46].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба дигар соҳаҳои муносибатҳои дар ҷамъият мавҷудбуда низ аҳаммият дода, оид ба ҳалли проблемаҳои зиёди замон андешаҳои ҷолиберо пешниҳод кардааст. Ӯ оиларо асоси ташаккул ва инкишофу ҷомеаи инсонӣ медонист ва вобаста ба масъалаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ андешаҳои ҷолиберо пешниҳод намудааст. Оила дар доираи вазифаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии худ ягона ниҳоде ҳаст, ки дар он фарзандон  ба воя мерасанд. Тавассути оила аз насл ба насл урф, одат, анъанаҳо ва арзишҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва қавми гузашта, раванди интиқоли иттилооти анъанавӣ аз волидон ба фарзандон сурат мегирад. Ин  раванд ба муттаҳидӣ, дастгирии аъзоёни оила, кумаки ҳамдигарӣ, ҳисси ҳамхунӣ, шабоҳату ягонагӣ ва муҳити хуби иқтисодиву равонӣ  мебарад.

Дар асрҳои миёна дар Шарқи Наздик ва миёна чаҳор усули асосии оиладорӣ – насл, тарбияву таълим ва хоҷагидорӣ, иртибototи иҷтимоӣ (иттиҳоди уммат) ва, дар маҷмуъ, «тадбири манзил» дар доираи талабот ва рукнҳои қонуни шариат сурат мегирифт. Алии Ҳамадонӣ ҳамчун дастпарвари ҳамин давр, ки пояҳои ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии он аз таълимоти «худомеҳварӣ» маншаъ мегирифтанд, кӯшиш кардааст бо истифода аз сарчашмаҳои юнонӣ ва қабл аз исломӣ пиромуни ин се масъалаи зикршуда андешаҳои худро баён созад. Чунин андешаро дигар мутафаккирони асримиёнагии ҳавзаи амали ҳуқуқи исломӣ низ ҷонибдорӣ мекарданд [93, с. 92-98].

Вай ба мақсади рушди пайдарпайи оила ва нигоҳ доштани раванди такроршавии насли солим, амнияти иқтисодӣ ва иҷтимоии оила ҷомеа, ташаккули шахсияти фарзанд, рушди қобилият ва шавқу ҳавасҳои ӯ, тарбияи меҳнатдӯстӣ ва таъсиррасонии доимии тарбиявӣ ба ҳар як аъзои оила дар тӯли ҳаёт, қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа ҳамчун шахсияти ташаккулёфтаи ҷомеа, рушди моҳияти вазифаи тарбиявии оила, тарбияи фарзандон ва мутобиқ сохтани онҳо ба талаботи иҷтимоӣ, инчунин ташаккули ирода ва неруҳои ботини, хосатан тарбияи ахлоқии ӯро ҳамчун раванди муташаккили инкишофи ҷомеа медонад [112, с. 591-592].

Муттафаккир масъулияти марду занро дар доираи қонун нишон дода, масъалаи ҳаққи онҳоро нисбат ба фарзандон ва ҳаққи фарзандонро нисбат ба падару модар баён сохтааст. Ба андешаи ӯ «… фарзанд амонати Ҳақ аст назди модар ва падар ва мутолабаи ҳуқуқи ин амонат дар маҷмаи қиёмат хоҳад буд ва вуҷуди ин амонат оинаест, ки сувари ҷамеи нақоис ва камолотро қобил аст ва ҷавҳари ҳақиқати ӯро ба ҳар чӣ майл диҳанд, бад-он моил гардад. Агар модар ва падар ва устод ва муаллими ӯ аз аҳли хайр ва салоҳ бошанд, осори салоҳи эшон дар вай росих гардад ва издиёди илм ва тақво саҷийяи ӯ шавад ва некбахти ду ҷаҳон гардад ва модар ва падар ва устод ва муаллим дар савоби ӯ шарик бошанд. Ва агар модар ва падар ва устод ва муаллими фосиқ ва ғофил ва ҷоҳил бошанд, осори зулмати фисқ ва зулм ва фитна ва уҷб ва кибр табъи ӯ шавад ва бадбахти ду ҷаҳон гардад ва модар ва падар ва устод ва муаллим ҷумла дар исми ӯ шарик бошанд» [54, с. 94].

Мутафаккир яке аз вазифаҳои муҳими падару модарро ба дунё овардани фарзанди солим ва тарбияи дурусти он мебинад. Аз ин рӯ, вай баъд аз таҳлилу баррасии мақом ва ҷойгоҳи фарзандон дар низоми оиладорӣ ба тарбия ва таълими фарзандон рӯй оварда, аввалин чизе, ки тавсия медиҳад, ин аст, ки ба тарбияи фарзанд аз вақти дар батни модар пайдо шудан бояд шуруъ намуд. Баъдан ба ҳукми шафқат фарзандро дар ҳолати сиғар аз офоти об ва оташ нигоҳ медоранд, то ҳалок нашавад аз

ҳалокати оташи онҷаҳонӣ виқоят кардан то ба ҳалокати абадӣ гирифтор нашавад, авлотар» [54, с. 94].

Мутафаккир мехоҳад ба аҳли ҷомеаи даврони худ расонад, ки барои ташкили ҷомеаи идеалӣ ва қонунӣ шаҳрвандони дорои тарбияи волои ахлоқӣ ва таълиму таалум лозиманд. Ба андешаи ӯ, аъзоёни ҷомеа, ки аз фарзандони оилаҳои гуногун иборатанд, бояд дорои тарбияи хуби ахлоқӣ ва руҳияи баланд бошанд. Танҳо дар чунин ҳолат инсон метавонад уҳдадориҳои шаҳрвандии хешро дуруст иҷро намояд.

Ӯ ба тарбияи дурусти фарзанд таъкид намуда, қайд мекунад, ки «... барои шикасти «нафси баҳиша»-и тифл иловатан зарур аст, ки «...аз пӯшидани ҷомаҳои рангин ва абрешимин манъ кунанд ва ӯро огоҳ кунанд, ки ин пӯшиши занон ва муханнасон аст». Фарзандро «... бояд аз суҳбати кӯдаконе, ки ба ҷомаҳои рангин ва абрешимин пӯшидан ва танаъум одат карда бошанд, албатта, нигоҳ доранд, ки фасоди ахлоқӣ бештари атфол аз ин аст. Ва бад-ин сабаб бештари сифот муҳлика аз дурӯғ ва намима ва ҳасад ва уҷб ва кибр ва ҳирс ва бухл ва макр ва гадр дар ниҳоди кӯдак русух меёбад» [54, с. 94-95]. Проблемаҳои тарбияи фарзанд ва муносибатҳои бо никоҳу оила алоқаманд дар асарҳои зерини Алии Ҳамадонӣ, ба монанди «Захират-ул-мулук», «Рисолаи Қуддусия», «Минҳоҷ-ул-орифин», «Сайр-ул-толибин», «Ғазалиёт» ва м.и. баррасӣ гардидаанд.

Махсусан дар боби чаҳоруми асари барҷастаи ӯ «Захират-ул-мулук», ки унвони «Дар ҳуқуқи волидайн ва завҷ ва завҷа ва авлод ва абид ва ақориб ва асдиқо»-ро дорад, масъалаҳои танзими ҳуқуқии оила, никоҳ, талоқ, муносибатҳои волидайн бо фарзандон ва баръакси он, муносибатҳои хешутаборӣ ва дигар масъалаҳои ба он алоқаманд баррасӣ гардидаанд [54, с. 84-110].

Дар таҳқиқ ва омӯзиши ин масъалаҳо Алии Ҳамадонӣ ба Абуалӣ Ибни Сино пайравӣ намудааст. Ӯ қайд кардааст, ки қабл аз он, ки «бача ба хӯҳои баду одоти зишт ошно гашта, сурати онҳо дар сафҳаи нафсаш

накш бандад, бояд ӯро бо ахлоқи некӯ ва сифоти писандида ва одоти сутуда рӯбарӯ ва мувоҷеҳ сохт ва вуҷудашро ба онҳо биорост. Барои ноил шудан ба ин мақсуд мураббӣ бояд гоҳе таҳдиду гоҳе тарғиб намояд. Ва ҳар як аз ин васоилро дар ҷойи худ ба кор барад» [10, с. 19].

Баъд аз тарбияи ахлоқии фарзанд Алии Ҳамадонӣ пешкаш месозад, ки «… чун ба ҳадди таълим расад, ба ҷиҳати таълими Қуръон устоде талаб кунад, ки ба салоҳ ва тақво мавсуф ва ба илми махориҷ устод бувад. Баъд аз таълими Қуръон ба таълими ахбор ва аҳодис ва мавоиз ва ҳикоёти машоих ва сулаҳо ва авлиё машғул гардонад, то муҳаббати аҳли салоҳ дар ботини ӯ мунғарис гардад. … Ва аз дашном ва фаҳш ва лаънат ва бисёр гуфтан ва хев андохтан ва бисёр хандидан манъ кунанд. Ва дар хидмати пирон ва бузургон ва адаби нишастан ва бархостан ва роҳ рафтан таъкид кунанд» [54, с. 96].

Баъд аз пешниҳод ва шарҳу тафсири масъалаҳои ҳуқуқи фарзандон дар оила ва аз тариқи он дар ҷомеа Алии Ҳамадонӣ зарур мешуморад, ки агар волидайн хоҳанд зиндагии орому осоишта ва обрӯю нуфузи хуб дар ҷомеа дошта бошанд, инчунин фарзандони худро аз авбошиву зӯроварӣ, куштору қатли инсонҳо, маҳбасу зиндон дур созанд, бояд дар доираи барномаи ахлоқӣ-ҳуқуқии пешниҳодкардаи вай, ки аз муҳтавои қонун (шариат) бармеояд, тарбия кунанд ва оилаву ҷомеаи худро аз қонунвайронкуниҳои онҳо эмин доранд: «Чун тифлро аз аввалин нашъат бад-ин тартиб, ки гуфта омад, тарбият кунанд, чун ба ҳадди булуғ расад, баракоти осори он бар зоҳир ва ботини ӯ зуҳур кунад ва ҷуз ба аҳли хайр ва солеҳ унс нагирад ва аз суҳбати аҳли шар ва фасод мутанаффир шавад» [54, с. 96].

Ҳамин тариқ, Алии Ҳамадонӣ оиларо ҳамчун муассисаи қадимӣ ва ниҳоди муҳимтарини иҷтимоӣ дониста, зарур мешуморад, то имрӯз бисёр арзишҳои худро дар доираи ҷомеаи анъанавӣ нигоҳ дорад. Ӯ ба асосгузорони оила – зану мард, мақоми аввал дода, онҳоро ҳамчун асос дар умури оиладорӣ интихоб намудааст, инчунин масъул дар иззату

эҳтиром ва нигоҳубини онҳо будани фарзандонро арзиши олии қонунӣ ва инсонӣ медонад. Вай мардро дар умури оиладорӣ, масъулияти сарварӣ вазифадор месозад ва инро вобаста ба анъанаҳои фарҳангӣ ва низоми оиладории суннатӣ медонад. Мутафаккир ҳуқуқи интихоби занро ба мард муталлиқ медонад. Вале ин маънои маҳдуд будани ҳуқуқи интихоби занро надошта, афзалиятро ба мард додааст. Дар сурати ризоият ва ҳуқуқи баробари марду зан оилаи солим ва муваффақ ташкил меёбад.

Дар мулоқоти худ бо ҷавонон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки: «Дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳое, ки ба назари ман хосияти умумимиллӣ касб намудааст, банақшагирии оила мебошад.

Агар фарзандони мо дар оила тарбияи солим ва одобу ахлоқи хуб гиранд, ба қадри калонсолон, падару модар, Ватан ва қадри меҳнати ҳалол расиданро омӯзанд, ҷамъият низ аз ин бурд мекунад.

Миллат ҳам соҳиби як фарди бедордилу ватандӯст мегардад, давлат дар симои чунин фарзандони мо аъзои фаъоли ҷомеаро муттаҳид намуда, ҳадафҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро амалӣ месозад. Аз ин лиҳоз, танзими оила масъалаи хеле ва хеле муҳим аст

Дар айни замон бояд қайд кард, ки фарзандро ба ғайр аз таваллуд кардан ва хурондану пӯшондан боз таълиму тарбияи замонавӣ додан зарур аст.

Зеро ҷараёни пешрафти олами мутамаддин тақозо мекунад, ки ҳар як хонаводаи мо фарзандони солим ва соҳибмаърифатро тарбия кунад ва ба камол расонад» [127].

Бояд иқрор шуд, ки муносибатҳоеи оилавӣ дар ҳуқуқи мусулмонӣ тавассути як қатор институтҳои «ҳуқуқи мақоми шахс» ба танзим дароварда мешаванд.  Ба таҳқиқгарон маълум аст, ки ин самти ҳуқуқ бо меъёрҳои динӣ ва ахлоқӣ, усулҳову рукнҳои ислом, ҷаҳонбинӣ ва урфу

одатҳо, анъанот ва суннатҳои аҳолии ҷомеа дар робитаи қавӣ ва ногусастанӣ қарор дорад [16; 14; 93].

Алии Ҳамадонӣ ба таври возеҳ дар «ҳикмати амали»-и худ ба таҳлилу баррасии масъалаи оила таваҷҷуҳи махсус додааст. Ҳикмати оиладорӣ ё тадбири манзил аз бахшҳои муҳимми ҳуқуқ ба шумор меравад. Дар таҳлил ва баррасии ин масъала ӯ ба Арасту пайравӣ намудааст, ки дар таълимоташ мавзуи оила ва муносибатҳои ба он алоқамандро хеле васеъ мавриди таҳлил қарор додааст. Вай дар табақабандии илмҳо «сиёсати манзилӣ»-ро ба фалсафаи амалӣ ворид карда, қисмати аввали китоби «Сиёсат»-и худро ба баҳси тадбири манзил ихтисос дода, масъалаҳои муносибати байни зану шавҳар, робитаи байни онҳо, хоҷа ва ғулом, падару фарзанд ва роҳҳои ба даст овардани сармоя ва молу мулкро ба миён гузоштааст. Ба қавли вай, «ҳар шаҳре аз хонаводаҳо фароҳам меояд» [18, с. 29].

Абӯнасри Форобӣ, Ибни Мискавайҳ, Ибни Сино, Муҳаммад Ғазолӣ, Ҷувайнӣ, Мовардӣ, Насриддини Тӯсӣ ва дигарон низ кӯшиш намудаанд, ки мазмун ва моҳияти «тадбири манзил» ва мақоми онро дар ташаккули бонизоми ҷомеа нишон диҳанд. Ин донишмандон доир ба масоили бунёди оила, роҳбарӣ, вазифаҳо, сохтор, таркиб ва ҳуқуқҳои аъзоёни он диққати зарурӣ додаанд.

Алии Ҳамадонӣ дар «Захират-ул-мулук» аз осори мутафаккирон фаровон истифода кардааст. «Тадбири манзил» фарогири ду ибора «тадбир» (чораандешӣ) ва «манзил» (оила) аст, ки тарзу усули ташкил намудан ва пешбурди оила ва муносибатҳои оиладориро дар бар мегирад. Дар он нақш ва мавқеи ҳар як аъзои оила ва шахсони ба он пайвандӣ дошта, аз ҷумла ҳуқуқ ва масъулияти ҳамсарон, фарзандон ва хидматгорон барои анҷоми корҳои хонаводагӣ ифода ёфтаанд. Чунончи, Форобӣ дар асари худ «Фусул-ал-маданӣ» бахши махсусеро бо номи «Раб-ул-манзил» ба масъалаи оиладорӣ бахшидааст. Ӯ дар таълимоти худ «шаҳру кишвар ва оиларо ба бадани инсон монанд мекунад» [60, с.

68-75]. Мискавайҳи Розӣ бошад, дар асараш «Ал-ҳавомил ваш-шавомил» муомилоти иқтисодиро баррасӣ намуда, ҳамзамон масъалаҳои иқтисоди оиларо низ матраҳ кардааст. Ӯ оиларо чун институти танзимкунандаи муносибатҳои иқтисодии одамон донистааст» [60, 346-349]. Дар рисолаи «Ақсоми улуми ақлия»-и Абуалӣ Ибни Сино низ «тадбири манзил» ҷойи хосаро ишғол намудааст. Ба андешаи муттафакир, «… инсон бояд бидонад, ки чӣ гуна сазовор аст, амал кунад ва чӣ гуна тадбири умури манзилро намояд, то иртиботи ӯ бо завҷа ва авлоду хадама ва зердастон ба ваҷҳи неку ва тариқаи уқалоӣ шавад, то боиси саодат ва хушии ӯ гардад» [10, с. 126].

Алии Ҳамадонӣ дар пайравӣ аз мутафаккирон «тадбири манзил»-ро қисми ҷудонопазири ҳикмати амалӣ номида, дар «Захират-ул-мулук» таъкид менамояд, ки «ҳикмати амалӣ», «таҳзиби ахлоқ», «сиёсати манзил» ва «сиёсати мудун» бисёр масъалаҳои ҳуқуқи шаҳрвандиро баррасӣ намудаанд. Ӯ дар таълимоти ҳуқуқи худ аввал инсон ва манфиатҳои ӯ, тарбияву такомули вай ва баъдан ҷамъият ва фаъолиятҳои ҷамъиятии инсонро гузоштааст [128, с. 38-42]. Мутафаккир дар доираи таълимоти худ тартиби дурусти ташкил ва идоракунии оила, инкишофи мусоиду босамари миёни аъзоёни оила, ҳимояи манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии оила, роҳу воситаҳои тарбияи дурусти фарзанд, муносибати муттақобилаи волидон бо фарзандон, муносибатҳои хешутаборӣ ва ғ.-ро пешниҳод намудааст. Ин масъалаҳо барои замони имрӯзаи ҷомеаи Тоҷикистон низ хеле мубраму пурарзиш буда, ҳатто дар сатҳи қонунгузории миллӣ танзим гардидаанд [6].

Ӯ ба Ибни Сино дар хусуси ҳуқуқи моликият ба манзил ҳамандеша буда, нуқтаи назари ӯро дар хусуси ниёзманд будани инсон ба манзил пайравӣ мекунад [10, с. 22]. Хоҷа Насриддин Тӯсӣ низ ин масъаларо монанд шарҳ додааст: «Ба ҳукми он, ки мардум … чун таскини ҷуъу аташ кунад, аз ҳаракат бозистанд ва иқтисори мардум бар миқдори ҳоҷат рӯз ба рӯз чун тартиби он қадар ғизо, ки вазифаи ҳаррӯзӣ бувад, ба

як рӯз сохтан муҳол аст, муҷиби инқитои модда ва ихтилоли маишат бувад. Пас, ба сохтани манзил ҳоҷат омад» [96, с. 62-63].

Алии Ҳамадонӣ низ оиларо «… иттиҳоди одамоне медонад, ки дар асоси муносибатҳои никоҳӣ, хунӣ муттаҳид гардида, аъзои он вазифа ва масъулияти муайянеро бар душ доранд». Яъне, ба андешаи мутафаккир оила институти муҳимтарини ҷамъиятиест, ки дар асоси талаботҳо ва қонуниятҳои хоси худ ташкил ёфта, фарогири муносибатҳои никоҳӣ ва хунӣ мебошад. Он аз гуруҳи муайяни одамон иборат буда, аъзоёни он дорои ҷойгоҳ ва ҳуқуқу манфиатҳо ва уҳдадориҳои хоси худ мебошанд. Ӯ нақши сарвари оиларо низ муҳим арзёбӣ намудааст, ки масъулияти ташкил ва идораи оиларо бар душ дорад. Ӯ андешаҳои худро бо нишондодҳои хоси Қуръон асоснок намудааст: «…эй касоне, ки имон овардаед, ба дӯстӣ мегиред падарон ва модарон ва бародарони худро чун ботилро бар ҳақ ихтиёр кунанд ва аз фармони Ҳақ гарданд бартобиданд. Аммо волидайн чун мутеи фармони Ҳақ бошанд ва мухолифати шаръ раво надоранд, талаби ризои эшон афзали ибодот аст». Чунонки Ҳазрати Рисолат мефармуд: Некӯӣ бо модар ва падар фозилтар аз намоз ва рӯза ва ҳаҷ ва умра ва ғазо аст дар роҳи Худой» [54, с. 87].

Одоби никоҳ, ҳуқуқи зан ба мард ва мард ба зан дар ислом яке аз рукнҳои асосии ҳуқуқи оиладорӣ ва суннат ба шумор рафта, он «аз маҳосини умури дин» ва «сабаби иқбои вуҷуди аном» мебошад. Барои риояи «ҳуқуқи никоҳ» ва донистану амал кардани талаботи он Алии Ҳамадонӣ ҳафт шартро пешкаш месозад: муошират, сиёсат, ғайрат, нафақа, таълим, қисмат, таъдиб [54, с. 87].

Сарфи назар аз он ки ӯ аз аҳли тасаввуф аст, дар масъалаи оиладорӣ бисёр ақидаҳояшон монанд аст. Ба қавли Сино, «зани шоиста ва некӯ шарики мард аст дар мулкаш ва қайими ӯст дар молаш ва ҷонишини вай аст дар хонааш ва амини вай аст дар парваришу тарбияти фарзандонаш. Зани беҳтарин дорои сифоти зайл бошад: хирадманд бошад; диндор бошад; бошарм бошад; зираку бофатонат бошад; дӯстдору бомуҳаббат

бошад; валуд бошад; забондароз набошад; итоаткор бошад; покдилу беғаш бошад; дар пушти сари мард ва ҳоли ғайбати ӯ амин бошад; вазнину сангин  бошад; бовиқор бошад; боҳайбат бошад; дар мақоми хидмат ба шавҳараш такаббур наварзад, балки фурӯтан бошад; тадбири кору кирдорашро хубу некӯ бинамояд; андаки шавҳарашро ба сарфаҷӯйӣ зиёд кунад; гарду ғубори ҳузну андуҳро аз дили шавҳараш  ба василаи ахлоқи некӯ ва забонаш пок кунад ва ҳумуми  шавҳарашро бо лутфи мадорои худ тасаллият диҳад» [10, с. 34].

Новобаста аз баробарҳуқуқии зану шавҳар дар самти вазифаҳо дар оила, Алии Ҳамадонӣ мутобиқ ба қонуни шариат барои мустаҳкам шудани оила ҳуқуқи мардро ба зан болотар мегузорад: «Аммо ҳуқуқи завҷ бар завҷа бисёр аст. Ва дар ҳақиқат, никоҳ навъе аз риққият аст, чи дар шаръ мулк ду навъ аст: яке мулки ямин ва дуюм, мулки никоҳ. Ва, чунончи, тоати сайид бар банда воҷиб аст, тоати завҷ бар завҷа воҷиб аст ва аз ин ҷо буд, ки Расул (а) фармуд: Агар якеро фармудаме, ки саҷдаи касе кунад, ҳароина занро фармудаме, ки саҷдаи шавҳари худ кардӣ аз бузургии ҳаққи шавҳар бар вай» [54, с. 92].

Мутафаккир масъалаи нафақа ва роҳҳои сарф кардани сармояи умумии оилавиро мубрам арзёбӣ намуда қайд мекунад: «Аҳли наҷот ва арбоби дараҷот он касонеанд, ки дар нафақа ҳадди эътидол риоят кунанд ва чунон танг нагиранд, ки ба хиссат ва бухл анҷомад ва чунон исроф накунанд, ки ба ҳадди табзир ва батар аз туғён кашад ва дар таҳсили нафақа ва кисвати аёл аз ҷамъи ҳаром ва шубаҳот эҳтироз кунад ва ҳар чӣ зиёдат аз қадри кифоят бувад, ба мустаҳаққон ва муҳтоҷон эҳсор кунад. Ва агар таҳсили нафақа ва кисват баъзе аз ҳалол муяссар гардад ва баъзе аз шубаҳот мубтало шавад ва аз он чора набошад, ҳалолро дар ваҷҳи қут сарф кунад ва шубҳаро дар ваҷҳи кисват ниҳад, чи ҳар гӯшт, ки аз шубаҳот ва ҳаром раста шавад, мустаҳаққи оташ бувад» [54, с. 89].

Барои асоснок сохтани ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии худ мутафаккир аз сарчашмаҳои ҳуқуқии Қуръон ва ҳадисҳо истифода намудааст. Аз

ҷониби ӯ вазъи ҳуқуқии раият хеле хуб таҳқиқ гардидааст. Ӯ Қуръон ва суннатро ҳамчун сарчашмаҳои асосии ҳуқуқ дар як гурӯҳ дохил намудааст. Дар самти ҳуқуқҳои раият ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқ барои ӯ доктринаи ҳуқуқи мусулмонӣ (иҷма, иҷтиҳод, фатво, қиёс), санадҳои ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ, созишномаҳои байнидавлатӣ ва ғайра хизмат мекарданд. Вай меъёрҳои ҳуқуқиеро, ки дар сарчашмаҳои номбурда инъикос ёфтаанд, инчунин ақидаҳои асосгузорони мактабҳои ҳуқуқӣ ва дигар ҳуқуқшиносони олами исломро дар бораи меъёрҳои ҳуқуқ таҳлил намуда, дар ин асос қоидаҳои рафтори нисбатан мукаммали одамонро коркард намуда, муносибатҳои ҳуқуқии онҳоро асоснок сохтааст.

Дар таълимоти Алии Ҳамадонӣ низоми ҳуқуқии раият ҷолиби диққат мебошад. Ӯ муқаррароти заминавии ҳуқуқи раиятро баён карда, проблемаҳои назариявӣ ва амалии фаъолияти давлатро шарҳ додааст, ки онҳо пурра бо проблемаҳои муосири назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи давлатию идоракунӣ мувофиқат менамоянд. Бо мақсади нишон додани асоси ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии раият вай амалан ҳама бахшҳои ҳуқуқ ва соҳаҳои он, хусусан, ҳуқуқи динӣ, ҳуқуқи давлатӣ, ҳуқуқи андозу молиёт, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи тиҷоратӣ, ҳуқуқи оилавӣ ва ғайраро таҳлил ва пешниҳод кардааст.

Дар таълимоти мутафаккир доир ба ҳуқуқҳои раият ва нисбат ба роҳбари давлат ва ҳокимон маълум мешавад, ки вай ҷонибдори адолати иҷтимоӣ ва адолати судӣ мебошад. Дар ин хусус ӯ қайд мекунад, ки ҳокимонро мебояд: «… бо ҳама аҳли ҷомеа бо тавозуъ бошанд ва ба сабаби ҳукумат ва вилоят бар ҳеҷ мусулмон такаббур накунанд ва яқин донанд, ки Худованд душман медорад мутакаббиронро ва ҷabборонро» [54, с. 129].

Бо ин мақсад дар ҷойи дигаре таъкид мекунад, ки «аз Муҳаммад бинни Каъби Қуразӣ (р) пурсиданд, ки аз хислатҳои подшоҳон кадом накӯҳидатар? Гуфт: Бисёр гуфтан ва сирри мамлакатро бо ҳар кас дар

миён ниҳодан ва сухани ҳар кас шунидан» [54, с. 129]. Ба андешаи Алии Ҳамадонӣ, «… агар подшоҳон ба ҷиҳати зиллате ё тақсире бар мусулмоне ғазаб кунад ва ваҷҳи имкони афв бошад, аз се рӯз зиёда таъхири афв накунад, магар ғазаб ба ҷиҳати амре карда бошад, ки дар он нуқсони дин бошад. Чун дар ин маънӣ ҳама умр ӯро маҳҷур гардонад, раво бувад. Аммо дар умури дунявӣ афв авлотар» [54, с. 129].

Мутафаккир бо ин гуфтаҳо арзишҳои инсонпарварӣ, авфи гуноҳони якдигарӣ ва бахшояндагиро тарғиб намуда, амнияти сартосарии ҷомеа, адолати судӣ, адлу инсофи мансабдорон, шахсиятҳои алоҳида ва сохторҳои давлатию ҷамъиятиро хостор мебошад, ки ин як навъ ҳимоя аз манфиатҳои инсонӣ аст. Ҷойи дигаре ӯ қайд мекунад: «… файзи адл ва эҳсон бар ҷамеи раоё ом гардонад ва дар нашри осори эшон миёни аҳл ва ноаҳл тамиз накунад» [54, с. 129-130], зеро донотарин ва «фозилтарин ақл баъд аз имон дӯстӣ кардан аст бо халқ ва некӣ кардан аст бо некон ва бадон» [54, с. 131].

Мир Саййид Алии Ҳамадонӣ дар қатори Фаридиддуни Аттор, Камолиддин Абдураззоқи Самарқандӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигарон ба талаботи футувват аҳаммияти хосса зоҳир намуда, дар ташаккули назарияи ҷараёни футувват нақши муҳим гузоштааст. Ӯ дар «Рисолаи футувват» ба таҳлили ҳамаҷонибаи ин ҷараён, ки дар замони муаллиф мақому мартабаи хоссаеро сазовор гардида, тарафдорони зиёд пайдо намуда буд, тавозун намудааст. Омӯзиши «Рисолаи футувват» дар даврони истиқлолияти давлатии Тоҷикистон идома ёфт [59].

Ба андешаи К. Қодиров, «Рисолаи Мир Саййид Алии Ҳамадонӣ «Футувватия» масъалаҳои зиёдеро, аз қабили шарҳи мафҳуми «ахӣ», эътиқоди ӯро ба футувват эзоҳ медиҳад. Футувват ё ҷавонмардӣ ба сурати як истилоҳи динӣ, суфиёна ва иҷтимоӣ унвони хос дорад» [44, с. 178-182].

Алии Ҳамадонӣ дар доираи ҳуқуқҳои раият ба баъзе масъалаҳои муҳиме, ки ба амнияти шахс, молу мулк ва озодиҳои вай, аз ҷумла

дахлнопазирии манзил бахшида шудаанд, диққати хеле муҳим зоҳир кардааст. Чунончи, мутафаккир дар ҷое қайд мекунад: «…ба сабаби таҷаббури ҳукумат ба истило назар дар ҳарами мусулмонон накунад ва бе истизон дар манозил ва махозини раоё наравад», зеро ҳатто худи Пайғамбар «бо ҷалолати ҳукми нубувват чун бар дари хонаи мусулмонон шудӣ, се бор овоз додӣ. Агар иҷозат додандӣ, даромадӣ, вагарна бозгаштӣ ва наранҷидӣ». Ин амал худ маънои се бор иҷозат хостан дошт: «Бори аввал, бишнаванд, бори дуюм, худро ва ҷойро рост созанд, бори савум, ба ҷиҳати маслаҳат иҷозат диҳанд ё манъ кунанд» [54, 131].

Ӯ масъулияти эҳтироми пирон ва барҷомондагонро вазифаи ҳокимиятдорон ва оммаи халқ медонад. Мутафаккир аҳли раиятро ба он даъват менамояд, ки «… дар маҷлис ва маҳозир пиронро ҳурмат дор ва хосса пирони мутадаййинро ва тифлонро ба чашми шафқат нигарад», чунки Пайғамбар фармудааст, ки: «он, ки пирони уммати маро ҳурмат надорад ва бар тифлони уммати ман раҳм накунад» [54, с. 131] аз зумраи мо нестанд. Аз ин ҷост, ки яке аз ҷанбаҳои алоҳидаи таълимоти мутафаккирро эҳтиром ва риояи ҳуқуқҳои инсон, махсусан, ҳуқуқҳои пирон ва кӯдакон ташкил медиҳанд. Ӯ ӯҳдадориҳои волидайнро дар таълим ва тарбияи фарзандон, муносибат бо хешовандон, калонсолон ва кӯдакон дар асарҳои худ таҳқиқу баррасӣ намудааст.

Алии Ҳамадонӣ ростӣ ва вафодориро дар ҳаёти рӯзмараи мусулмон дар ҷойи аввал мегузорад. Ин амалро шарти асосии муносибатҳои молумулкӣ ва ҳамзистии мусулмонон дониста, чунин қайд мекунад: «… ҳар мусулмонро, ки ба чизе ваъда кунад, он ваъдаро вафо кунад ва хилофи он, албатта, раво надорад». Барои қувват бахшидани мавқеи худ аз ҳаёти Зулқарнайн мисол меорад, ки вай «подшоҳӣ ба сабаби се хислат ёфт: Аввал он, ки чун сухан гуфтӣ, рост гуфтӣ ва чун касеро ваъда кардӣ, хилоф накардӣ ва ҳар мол, ки пеши ӯ овардандӣ, дарвақт онро сарф кардӣ ва ба фардо нагузоштӣ ва дир хизона naниҳодӣ» [54, с. 131]. Ба

иборааи дигар, ваъдахилофӣ сабаби беэътибории инсон, ноумед сохтани дигарон, шиддат ёфтан, дурӯғ ва фиреб гашта, ба зиддияти аъзоёни ҷомеа мебарад. Алии Ҳамадонӣ масъалаҳои ахлоқиро аз нигоҳи ҳуқуқӣ ва сиёсӣ таҳлил намуда, оромии ҷомеаро вобаста ба амалҳои ахлоқии аҳли ҷамъият вобаста медонад, ки он иҷрои қонунҳо ва аз тариқи қонунҳо амалӣ сохтани идеологияи сиёсии давлатро нишон медиҳад.

Ҳидоят ба накукорӣ, адолату инсоф, пайравии ақоиди ҳамидаи инсонӣ ва дигар хислатҳои нек дар саросари осори мутафаккир вомехӯранд. Ӯ ба такрор таъкид менамояд, ки шоҳону ҳокимон бояд пайваста пайи беҳзистии раият кӯшиш намоянд ва ин салтанати чандрӯза насиб гаштаро сабаби балову офати ухравияшон нагардонанд: «Эй азиз, чун аз ин ҷумла, ки гузашт, маълум кардӣ, ки анбиё ва хулафои рошидин, разиял-Лоҳу анҳум, дар салтанат ва подшоҳӣ чи гуна буданд ва чи гуна зиндагонӣ карданд, бо вуҷуди қудрату подшоҳӣ ва хазоин чи гуна бар нафси худ танг мегирифтанд ва дар меҳнати дунё ба сабр зиндагонӣ мекарданд ва дар нашри осори маъдалату шафқату эҳсонбар халқ мекӯшиданд ва бо ин ҳама аз хатароти вилояту ҳукумат эмин набуданд, то бидонӣ, ки мубошарати вилояти мусулмонон кори азим аст ва ишғол ба ҳукумат  амри хатир аст. Ва ҳокиму подшоҳ чун бар наҳҷи адлу эҳсон бувад ва дар иқомати ҳудуди шаҳр ва нафози аҳкоми дин кушад, дар замин ноби баргузидаи Ҳақ ва сояи Илоҳӣ ва халифаи Раҳмон бошад. Ва чун тариқаи адлу эҳсон бигузораду бар бандагони Ҳақ шафқат накунад ва мутобаати нафсу ҳаво кунад ва эҳмоли иқомати ҳудуди шаръ раво дорад, вай, ба ҳақиқат, ноиби Даҷҷол ва душмани Худой ва Расули Худост ва халифаи шайтон аст. Ва гӯйи саодати абадӣ аз майдони ҳукумат ва салтанат касе барад, ки аз сари инсоф тааммул кунад ва бидонад, ки аз куҷо омадааст ва охир ба куҷо хоҳад рафт ва аз омадани ӯ бад-ин оламмақсуд чист» [151, с. 104].

Чи тавре мебинем, мутафаккир дар асарҳои худ мушкилоти фарҳангию ахлоқии инсонро бардоштааст, ки ҳалли қатъии худро

надоранд. Онҳо ба ҳамаи инсонҳо ва гурӯҳҳои алоҳидаи онҳо дахл доранд, ки имрӯз ба масъалаи ҳуқуқу озодиҳои инсон мубаддал гаштаанд. Вай ҷабҳаҳои гуногуни мустаҳкамнамоии ҳуқуқии имтиёзҳо ва манфиатҳои инсонро баррасӣ намуда, зери мафҳуми «манфиатҳои инсон», дар маҷмуъ, низоми арзишҳои умумиинсонии исломиро дар назар доштааст. Дар асл манфиатҳои инсон бо роҳи амалигардонии имкониятҳои онҳо таъмин карда мешаванд, бинобар ин, дар бораи ҳуқуқҳои инсон танҳо баъди ба ҳисоб гирифтани ин муқаррароти муҳим метавон таъкид сохт, ки онҳо аз идеали ҳуқуқӣ ба амалия табдил ёфтанд [143, с. 62-65].

Ӯ риоя ва эҳтироми ҳуқуқи оммаи халқро ҳатмӣ ҳисобида, иҷрои онро чунин талаб менамояд: «Дар мансаби ҳукумат риояти инсон кунад. Чунонки инсофи худ аз халқ талаб мекунад, инсофи халқ низ аз нафси худ талаб кунад ва бо мусулмонон чунон муомила кунад, ки агар он муомила бо ӯ кунанд, писандад» [54, с. 132]. Ӯ сулҳро пояи мустаҳками давлат ва пешравии ҷомеа хондааст: «... мубодарати ислоҳи зоталбайни бар худ воҷиб донад ва таъхир дар фасли хусумати мусулмонон раво надорад ва дар ҳукми мухосамат чандон таваққуф накунад, ки моддаи ҳиқд ва адоват гардад ва ба фасод анҷомад», зеро ба қавли Пайғамбар, «хабар кунам шуморо аз амале, ки он беҳтар бошад аз рӯза ва намоз ва садақа? Гуфтанд: Бале. Гуфт: Сулҳ кардан миёни ду мусулмон» [54, с. 132].

Алии Ҳамадонӣ хеле хуб медонист, ки масъалаҳои ришва, фасод ва бисёр масъалаҳои дигар, ки ба қонуншиканӣ ва гунаҳкорӣ (маъсият) мебаранд, ба кормандони давлатӣ ва ҳоким марбут буда, халқ дар амалҳои худ аз онҳо тақлид мекунад, зеро «ахлоқи ҷомеа инъикоси ахлоқи байни шоҳ мебошад». Ин амалҳои одамонро ба поймол кардани ҳуқуқҳои якдигар ва меъёрҳои ҳуқуқӣ хоҳад бурд

Дар бисёр ҳолатҳо «авф» кардани гуноҳ ва ҷиноятҳои содиршуда, инчунин авф дар «ҳоҷатҳои халқ» боиси оромии ҷомеа, қатъ гаштани

хунрезӣ аз кори бад ва ҷиноятҳои вазнин нигоҳ доштани халқ мегардад, ки ин ба ҷомеа ва давлат манфиатҳои бузург меорад. Дар ин самт як «шафоати ҳоким» кифоя ҳаст бузургтарин мушкилиҳои халқ ҳал шаванд: «…чун қазои ҳоҷоти мусулмоне ба калимаи шафоати ҳоким мавқуф бувад, ба шафоат он муҳим кифоят кунад ва эҳмоли он раво надорад. Ва аз хосияти ҳукумат яке он аст, ки корҳои хатир ва муҳиммоти бузург ба як сухани эшон кифоят шавад ва саодати ин савобро ғанимат шумурад» [54, с. 135].

Ба андешаи мутафаккир, ҳуқуқ ва вазифаҳои раият бояд дар баъзе ҳолатҳо аз «ақвиё ва ағниё» (дорандагон) ва бо ҳуқуқ ва вазифаҳои дигарон дар ҷамъияти исломӣ мутаносиб бошад. Халқ ҳамеша дар ҷамъият мақоми сазовори худро ишғол менамояд. Мутафаккир ба «аҳволи аҳли фоқа» (фақирон) аҳаммияти хоса дода, дар доираи талаботи меъёрҳои мавҷуда пешниҳод месозад, ки «нафақаи ятимон», ҳаққи «фурумондагон», ки иҷрои он воҷиб аст, бояд аз ҷониби ҳукуматдорон ва ҳамсоягону наздикон саривақтӣ амалӣ шаванд [54, с. 135].

Ӯ ҳифзи ҳуқуқҳои молумулкии мардумро вазифаи давлат ва ҳокимон медонист. Мутафаккир чунин таъкид мекунад: «… роҳҳои мусулмононро аз хавфи роҳзанон ва дуздон ба сатвати сиёсат эмин дорад ва ҳар кас, ки дар роҳе ба изо ва тааҳҳуде мутаарризи мусулмонон шавад, ба накол ва уқубат ӯро ибрати дигарон гардонад ва дар вилоят ҳар ҷо, ки маҳалли хавф бувад, агар имкони иморат бувад, иморат кунад ва агар маҳалли иморат набувад, нигоҳбонон боз дорад» [54, с. 136].

Воқеан, дар тамоми асарҳои мутафаккир манфиатҳои инсон ба назар гирифта шудаанд. Онҳо аз нуқтаи назари инсондӯстӣ, баробарҳуқуқӣ ва адолатнокӣ таҳлилу таҳқиқ гаштаанд. Вай зери мафҳуми манфиатҳои инсон он арзишҳоеро дар назар дорад, ки ҷомеаи исломӣ ва умуман, инсон бояд ҳамеша ба он кӯшиш намояд. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки ӯ манфиатҳои инсонро ба якчанд навъҳо

таснифбандӣ намудааст: ба манфиатҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, динӣ ва ғайра [121, с. 336-344].

Мутафаккир дар таълимоти ҳуқуқии худ, ки аз аҳкоми шариат асос гирифтааст, ошкор намудани амалҳои иҷозатдодашуда (ҳалол), манъшуда (ҳаром) ва мамнуъшуда (макруҳ); амри амалҳои иҷозатдодашуда ва манъи амалҳои манъшуда; дастур дар бораи иҷроиши амалҳои иҷозатдодашуда ва боздошти амалҳои манъшуда; дар бораи муносибатҳои ҷинсии қобили қабул ва манъшуда; дар бораи итоаткорӣ ва дурӣ ҷустан аз гуноҳро вазифаи ҳатмии ҳар шахс медонад. Мутафаккир асосан, ба он истодагарӣ намудааст, ки ҳар як мусулмони ҳамчун инсони итоатгари қонун бояд дар ҳаёти худ талаботҳои қонунгузор (ҳақ)-ро дар худ нигоҳ дошта, меъёрҳои ҳуқуқи мусулмониро риоя намояд.

Дар натиҷаи чунин омӯзишу таҳқиқи меъёрҳои ҳуқуқии шариат Алии Ҳамадонӣ меъёрҳои ҳуқуқии навро коркард намудааст ва онҳо дар навбати худ меъёрҳои ҳуқуқи мусулмониро ғанӣ гардониданд. Дар баробари ин ҳама ҳуқуқҳои раияти «аҳли ислом» ва риояти онҳо дар бораи шариат ва одоби закот низ баъзе андешаҳои худро изҳор доштааст.

Ӯ дар рафти муайян сохтани мақоми институти закот аз таълимоти мактабҳои ҳуқуқии равияи мухталиф васеъ истифода бурда, ба идеяҳои Имоми Абуҳанифа, Имом Шофеӣ, Имом Молик ва Имом Аҳмад ибни Ҳанбал муроҷиат намудааст. Аҳаммият, вазифаҳо ва мақсадҳои закотро ба назар гирифта, кӯшиш кардааст, ки онҳоро дар маҷрои масъалаҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ таҳлилу таҳқиқ намояд. Андешаҳои вай дар боби закот, дар умум масъалаҳои зеринро дар бар гирифтаанд: 1. фаҳми маънии вуҷуби закот; 2. мубодарати адои он пеш аз вақти вуҷуб; 3. риояти асрори хавфи риё; 4. изҳор ба ҷиҳати тарғиби халқ ва иқтидо бад-ӯ; 5. эҳтирози миннат ва изо; 6. истиқфори ато; 7. ихроҷи аҳабб ва аҷвад ва атяб; 8. талаби истеҳқоқ аз атқиё ва сулаҳо [54, с. 49].

Мутафаккир қайд мекунад, ки: «Мубодарати адои закот» ном дошта, дар адои закот ва фоидаи он омадааст: Аввал, «исботи рағбати муаддӣ аст ва дар масъалаҳо имтисоли фармони Худой ва он аломати сиҳҳати имон аст, дуввум, идхоли сурур дар дилҳои мустаҳаққон аз фуқаро ва масокин, ки он беҳтар аз аъмоли сақалайн аст, чунон ки ҳадиси набавӣ бад-он нотиқ аст, ки: Хурсанд гардонидани дили муъмин аз ҳамаи ибодатҳои инсонҳо ва ҷинҳо беҳтар аст, севум, мубодарати мавонеъ ва ҳаводиси рӯзгор, чаҳорум, ибодати даъвати доии хайр, ки он ламмаи малакае аз малоикаи киром аст» [54, с. 52.].

Дар хусуси закот ва андозбандӣ дар баробари ҳамфикрӣ бо андешаҳои асосгузорони мактабҳои ҳуқуқии исломӣ ӯ ҳамеша пайрави Имоми Аъзам Абуҳанифа боқӣ мондааст. Вай закот ва қабули закотро ҳам аз ҷониби закотдиҳанда ва ҳам аз ҷониби қабулкунандаи закот ҳамчун субъектҳои маросими махсуси динӣ баррасӣ намуда, бо ин қувваи ҳуқуқии андозбандиро пурзӯр намудааст. Алии Ҳамадонӣ ҳамчун ҳуқуқшиноси ботаҷриба дар баёни моҳият ва нафъи закот хулосае баровардааст, ки дар ҷамъият барои барпо шудани адолати иҷтимоӣ ҳамчун роҳнамо хизмат менамояд.

## 3.2. Мафҳум, таносуб ва нақши арзишҳои ҳуқуқиву ахлоқӣ дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ

Мақом ва хидмати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар ташаккули фарҳанги тафаккур, аз он ҷумла маърифати ҳуқуқию ахлоқии мардуми Шарқ бузург аст. Ӯ дар таълифоти худ ба масъалаҳои умури давлатдорӣ, сиёсат ва идоракунӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқию ахлоқӣ аҳаммияти хосса додааст. Масъалаҳои ҳуқуқию ахлоқӣ дар осори ин мутафаккир, аз қабили «Захират-ул-мулук», «Даво-ул-кулуб», «Минҳоҷ-ул-орифин», «Чиҳиласрор», «Одоб-ул-машоих» ва ғ. баррасӣ гардидаанд. Дар эҷодиёти ӯ дар баробари фалсафа, илоҳиёт, низоми ҳуқуқию давлатӣ, сиёсати одилонаи идоракунӣ, низоми адолати судӣ,

гиромидошти инсон ва волоияти ҳуқуқҳои ӯ, ташаккули низоми ҳуқуқии позитивӣ низ мавқеи хоссаро ишғол менамоянд. Ӯ дар таълифоти худ ба масъалаҳое рӯ овардааст, ки дар ташаккули давлату давлатдории динӣ-дунявӣ дар шакли “салтанат” (монархия) ва таҳкими асосҳои ҳуқуқии он аҳаммияти басо муҳим доранд.

Чунончи, мутафаккир дар такя ба ғояҳо ва андешаҳои инсонпарваронаи хеш ҳокимон, қудратмандону мансабдорон, хоссатан фақеҳону қозиёни даврро ба риоя ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои раият ва ҳифзу нигаҳдории амнияти давлат даъват намудааст. Ӯ дар ин самт ба механизми ҳуқуқмуайянкунӣ тавассути уҳдадор сохтани ҳар як аъзои ҷомеа оид ба муқаррар ва риоя намудани рафтору амалҳои мушаххасу муайян такя менамуд. Чунки дар натиҷаи амалӣ сохтани масъулияти муайян ва ё амалӣ сохтани амали муайян бояд ҳамзамон қонунҳои давлат ва ҳуқуқу манфиатҳои аъзоёни дигари ҷомеа низ риоя ва ҳифз карда шаванд.

Осори Алии Ҳамадонӣ саршор аз масъалаҳои дорои хусусияти ҳуқуқию давлатӣ мебошанд, ки он зери таъсири таълимот ва низоми ҳуқуқии даврони атиқаи Юнону Рум ва илмҳои ҳуқуқии низомҳо ва таълимотҳои миллии ҳуқуқии ҳудуди Мовароуннаҳру Хуросон ва фиқҳи исломӣ, ба монанди ҳуқуқи даврони Сосониёну Аббосиён ташаккул ёфтааст. Он дар шакли ягонасозии се илм: ҳуқуқ, сиёсат ва ахлоқ баён гашта, паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ-ҳуқуқиро фаро гирифтааст.

Андешаи болозикрро А.А. Шамолов тасдиқ намуда, қайд менамояд, ки «... табақабандии аввалини илмӣ ҳамон тақсимбандии маъруфе мебошад, ки ба мактаби фалсафии Арасту ва ҷонибдорони юнонии вай тааллуқ дорад. Мутобиқи он илмҳо ба ду қисми асосӣ- назарӣ ва амалӣ ҷудо гардида, илмҳои назарӣ бар асоси тааллуқияти худ ба се қисми аслӣ, яъне табииёт, риёзиёт ва илоҳиёт тақсим шудаанд. Илмҳои амалӣ низ ба се қисм ҷудо гардидаанд: ахлоқ, тадбири манзил ва сиёсати мудун» [101, с. 131].

Чунин табақабандии илмҳои назарӣ аввалан аз ҷониби Арасту анҷом дода шуда, тақсимбандии илмҳои амалӣ бошад, пас аз даргузашти вай аз ҷониби пайравонаш анҷом пазируфтааст. Дар ҳамин равияи илмӣ Форобӣ дар «Эҳсо ал-улум» [153], Ибни Сино дар "Ақсому-л-улум ан-ақлия"[161] ва ғайра тақсимбандии худро анҷом додаанд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ низ зери таъсири ҳамин табақабандӣ ва бархурди умумӣ аз илмҳои назарӣ ва амалӣ дар чаҳорчӯбаи як низоми муайян кӯшидааст шакли куллӣ ва паҳлуҳои пайвасти мантиқии байни онҳоро ба як маҳорати хуби олимона пешкаш созад. Вале мутафаккир бо пешниҳоди ин усул ва баррасии умумии он қаноат накарда, минбаъд кӯшиш кардааст, ки таҷзияи ҷузвҳои ин илмҳо, моҳияту хусусият ва ҷову мавқеъ, инчунин нақшу мақоми онҳоро анҷом диҳад. Ӯ хостори амалӣ гардидани талаботҳо ва нишондодҳои фиқҳ ва қонунгузории ҷории замон буд, ки дар асоси меъёри адолат содир мегардиданд. Дар ин замина вай хоссатан аз илми фиқҳ, инҳирофи олимони фақеҳ аз асли мақсад, беэътиноии онҳо ба бунёдҳои динӣ ва ҳуқуқӣ, сӯистифодаи фақеҳон аз мақому мартабаи худ ва ғайраҳо ҷиддан ба ташвиш омада, пайи ислоҳи ин масъалаҳо кӯшиши зиёд намудааст. Аз ин ҷост, ки мутафаккир амали заиф ва сернуқсони илм ва фиқҳро дар ҷомеа дарк карда, барои даъват ва тарбияи аҳли ҷомеа ба пандноманависӣ шуруъ намуд, ки он бо номи «Насиҳат-ул-мулук» ифодаи воқеии худро дарёфт [39; 40]. Дар таърихи адабиёт ва фалсафаи халқҳо чунин асарҳо хеле зиёданд. Дар ин асарҳо султон ва ё шоҳ ҳамчун сарчашмаи инъикоси ахлоқи ҷомеа муаррифӣ гардидаанд. Тавассути рисолаҳои мазкур мутафаккирон ба султон ва амалдорон ва умуман аҳли ҷомеа насиҳат мекарданд.

Аслан дар эҷодиёти мутафаккирон ба ҳайси қаҳрамонони асосӣ Сукрот, Афлотун, Арасту, Анушервони Одил ва дигар шоҳони Эрони қадим тавсиф гардиданд. Муттафакирон аз номи онҳо мушкилиҳои мавҷудаи асри худро дар шакли панду насиҳат баён месохтанд. Бо

истифода аз усули мазкур масъалаҳои мубрами сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқии асрҳои миёна дар иртибот ба ҳокимият ва низоми давлатдорӣ нишон медиҳад. Муқаррар кардани ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳои инсон, ҳолати ҳуқуқӣ ва мавқеи шахс дар миёни қишрҳои мухталифи иҷтимоӣ ва сатҳи некуаҳолии ҷомеа, тартибот ва адолати ҳуқуқӣ дар фаъолияти тоҷирону амлокдорон ва дигар соҳаҳои муомилоти молӣ, риояи ҳуқуқҳо дар масъалаҳои гуноҳ ва сазову ҷазои он, тарзу усули одилонаи идораи ҳокимияти сиёсӣ, риояи ғояҳои инсондӯстӣ дар сатҳи ҳокимият, муносибатҳои оилавӣ-ҳуқуқӣ, таълиму тарбияи фарзанд, мерос ва дигар муносибатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ ин масъалаҳо бояд ҳамчун масъалаҳои доғи ҷомеа тавассути таълимоти хаёлии «ҳокими одил ва оқил, хирадманду накӯкор», ки аслан барои гӯшрас кардани роҳбарони давлат аз масъалаҳои доғи рӯз равона шуда буданд, дар шакли “панду насиҳат” дастрас мегардиданд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ осори худро дар робитаи мутақобилаи байни ҳуқуқ, сиёсат ва ахлоқ таълиф карда, ба воқияти давр на ҳамчун мутахассиси бахши фиқҳ ва ҳуқуқ, балки ба сифати як мутафаккир баҳо додааст. Маҳз робитаи ин се илм заминаи асосӣ ва бунёди таълифоти мутафаккиронро ташкил менамуд, ки он дар бо ҳам овардани шаклҳои идроки фарҳанги ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва сиёсӣ ифода ёфтааст. Ҳолати мазкурро файласуфи бузурги немис Ф.Гегель чунин қайд намудааст: “Қисмати аъзами мутафаккирон ва таҳқиқгарон ҳуқуқро дар доираи андешаи таърихию мантиқӣ ва сиёсиву ахлоқӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додаанд [32, с. 19]. Ҳуқуқ «ҳамчун дониш ва илм метавонад мантиқи ҳуқуқ ва ахлоқу сиёсатро баҳо диҳад» [119, с. 27].

Ҷаҳонбинии ҳуқуқиро муҳаққиқи муосири рус Ю.Я. Басин шарҳ дода, онро тарзи дониши куҳнаи таърихӣ ва ташаккулу инкишофи онро ҳамчун инъикоси “муносиботи воқеии иҷтимоӣ” мешуморад ва таъкид месозад, ки он дар Аврупо ва Шарқи асримиёнагӣ нақшу мақоми хосса

дошт. Ба андешаи мо, « - зикр сохтааст вай - ин се дониши ягона дар мадди аввал хусусияти фалсафӣ ва сиёсию ҳуқуқиро ба сифати дониши бунёдӣ баҳо дода, онро ҳамчун шарҳи ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ баррасӣ менамоянд» [90, с. 83].

Бо назардошти баъзе хусусиёти умумии ин тарзи масъалагузории ҳуқуқӣ, бояд дар назар дошт, ки вай аслан дар доираи се низом – ҳамчун дониши бунёди ахлоқӣ ва фалсафӣ, ба сифати дониши ягона дар самти ахлоқ ва ҳуқуқ, инчунин бо ҳам пайвастани ҳуқуқ ва сиёсат амал мекунад. Дар низомҳои таърихии ҳуқуқи миллӣ аз вахдати ин се бахши дониш илми ҳуқуқ пурра хусусияти қонунмандӣ пайдо менамояд ва ба қавли мутахассисон, танҳо дар чунин ҳолат дониши пурра ва мукаммал зуҳур мекунад.

Тавре, ки дар адабиёти ватанӣ қайд карда мешавад дар таърихи афкори ҳуқуқӣ ва сиёсии халқҳои форсзабон мисоли равшани чунин дарку фаҳмиши ҳуқуқ, сиёсат ва ахлоқ, таълимот ва андешаҳои мутафаккирони мактабҳои калом, машшоия, суфия ва ғайра маҳсуб мегарданд [83, с. 145-149].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар баррасии масъалаҳои мубрами ҳуқуқӣ чун мутафаккирони дигари мактабҳои зикршуда ақидаҳои худро баён намудааст. Аз он ҷумла дар доираи як силсила масъалаҳо ва зуҳуроти мухталифи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ахлоқӣ дар алоқамандӣ ба танзими муносибатҳои ҳуқуқии ҷамъият дар доираи ҷаҳонбинии худ андешаронӣ намудааст.

Дар маҷмӯъ, метавон тарзи баррасии сегонаи баёни масъалаи ҳуқукро дар якҷоягӣ бо сиёсат ва ахлоқ ҳамчун қисми бунёдӣ ва ҷудонопазири тамоми низоми илми ҳуқуқшиносӣ дар марҳилаҳои пешини рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва шароити кунунии рушд шуморид. Ба андешаи В.С. Нерсесянс, «... ин се илм аз мавқеи ягонаи назариявӣ фаъолияти инсонро дар ҷомеа асоснок менамоянд»[66, с. 498]. Ҳамзамон ӯ қайд менамояд, ки: «Дар ҳолате, ки муҳтаво ва мундариҷаи ин се илм

ҳамчун қисми ҷудонопазир ва воҳиди дониши ягона маводи ҳуқуқиро ба вуҷуд меоранд, ин маънои онро дорад, ки дар матни умумии муҳтавои онҳо илми ҳуқуқ мақоми калидӣ ва меҳвариро доро буда, он инъикосдиҳандаи сиёсат ва ахлоқи давлату ҳокимият мебошад». Дар ҷойи дигар ӯ қайд менамояд, ки: «... мафҳуми ҳуқуқ дар се шакл вале дар як маъни ифода меёбад: аввалан, илми ҳуқуқ ҳамчун ҳомии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, сониян, илми ҳуқуқ ҳамчун шакли муайян ва появу бунёди ахлоқ ва баъдан, ҳуқуқ ҳамчун қонуни сиёсат»[66, с. 509-510]. Ба андешаи ӯ, мафҳуми ҳуқуқ, ахлоқ ва сиёсат дар чунин шакли хеле васеъ ва доманадор, ки тамоми самтҳо ва бахшҳои ҳаёти инсон аст, хеле кам истифода мегардид [66, с. 498-510]. В.А. Ойгензихт қайд менамояд, ки: «Миёни баҳогузории ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ фарқи бузург ҷой надорад. Ӯ қонуниятро ифодаи бевоситаи адолат медонад, ки категорияи ахлоқӣ мебошад. Ҳуқуқ бошад ҳамчун танзимгари арзишӣ-меъёрӣ баромад мекунад... Вайрон намудани меъёрҳои ҳуқуқ ҳамчун вайроннамоии меъёри ахлоқ дониста мешавад» [69, с. 118-119].

Дар таърихи афкори сиёсӣ-ҳуқуқии мутафаккирони тоҷик ва Шарқ низоми ҳуқуқӣ дар алоқамандии зичи дин, сиёсат, ҳуқуқ ва давлат таҳлилу таҳқиқ гардидааст. Ин усул ҳанӯз аз давраҳои кuҳан истифода мешуд ва инро дар мисоли даҳҳо асарҳои мутафаккирон ва умуман, эҷодиёти онро дидан мумкина аст. Маҳз дар ҳамин асос мутафаккирони асримиёнагии тоҷик асосу ҷавҳари ҳуқуқу манфиатҳои инсонро, ки дар бунёди илми фалсафа, ҳуқуқ, сиёсат ва ахлоқ нуҳуфтаанд, дар доираи арзиши ақлгароӣ пешкаш кардаанд. Аз ин ҷост, ки ахлоқу сиёсат ва дин ҳамчун асоси ҳуқуқ ҳеҷ гоҳ онро тарк намекунанд ва қисми ҷудонопазири ин низоми танзими меъёрӣ мебошанд. Чи гунае ки Ю.Г. Ершев бо ишораи сарчашмаи динию фалсафӣ ва сиёсию ахлоқии ҳуқуқ қайд мекунад: «... конструксияҳои фикрии дигаре, ки аз раванди воқеии ҳуқуқӣ ва зуҳуроту падидаҳои он дур буданд, сабаби ташаккул ва инкишофи тамоми донишҳои ҳуқуқӣ гардидаанд» [35, с. 9].

Дар асоси ташаккули ҳамин илмҳои сегона Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ низ бо овардани мисолҳои равшани таърихӣ ва низомҳову сохторҳои мухталифи давлат ва ҳокимият дар давлатҳои пешин ба аъзоёни ҷомеа ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқи инсон, адолати иҷтимоӣ, адолати сарварӣ, воқеияти адолати судӣ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқию ахлоқиро нишон дода, амалӣ намудани онҳо ба ухдаи ҷомеа мегузошт. Бо ишора ба ҳуқуқшиносони қадим ӯ ҳуқуқро ҳамчун илм доир ба некӣ ва адолат барои фарқ кардани бадӣ аз некӣ пазируфта, қариб дар ҳама асарҳояш ба дарки он ишора намудааст [14, с. 132].

Дар доираи гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки ҳуқуқ дар таълимоти мутафаккирони асримиёнагӣ, махсусан мутафаккирон форсу тоҷик яке аз бузургтарин дониш ва илмҳои тарбияи ҷомеа, падидаи ҳастии амали инсон ва муносибат маҳсуб меёфт.

Аз даврони ташаккули аввалин ва одитарин шаклҳои танзим, ки аз талаботҳои биологӣ ва иҷтимоии одамон ба вуҷуд омада буданд, илм ва дониши ҳуқуқӣ ба сифати ҳуқуқи табиӣ дар шакли урфу одат ва анъанаҳо зуҳур карда буд. Баъдан дар даврони ташаккули тамаддуни башарият ҳуқуқ тамоми паҳлуҳои муҳимтарини ҳастии инсон ва ҷамъияти инсониро зери танзими худ қарор дод [71, с. 213].

Дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳуқуқ дар чанд маъно- ҳамчун қонун, ҳуқуқи ахлоқӣ, ҳуқуқи сиёсӣ ва маъмулӣ истифода гардидааст. Танҳо дар ҳолати бо ҳам омадани ҳуқуқ, ахлоқ ва сиёсат як мафҳуми умумии ҳуқуқ дар фаҳмиши комили асримиёнагӣ ба вуҷуд хоҳад омад. Сарфи назар аз истифодаи мафҳумҳои гуногун, он падидаи умумие, ки онҳоро муттаҳид месозад, як мафҳуми бунёд ва амиқеро, ки ба тамоми илмҳо пайвастагӣ дорад, ба вуҷуд меорад. Чунин муносибатро метавон дар сохтори таълимоти Алии Ҳамадонӣ дарёфт намуд, ки мутобиқи он ҳуқуқ мафҳуми васеи ҳаёти амалии ҷомеа, қонунӣ будани давлат, амалкарди муайяни инсонҳо, озодии чунин амалҳо ва ғайраро дар бар мегирад. Қонунӣ будани чунин ҷомеа бояд аз тарафи

ҷомеа ба расмият шинохта шавад. Дар чунин ҳолат метавон таъкид кард, ки қонун дар  ин ҷомеа  амалӣ гаштааст ва дар фаъолияти амалии сохторҳои давлатӣ  татбиқ мегардад. Чунин шакли амалисозии қонун дар ҷомеа ҳанӯз аз даврони куҳан дар бисёр манотиқ боқӣ монда, ҳуқуқ дар доираи  мафҳуми хоси худ ҳамчун танзимгари меъёри арзишӣ ва сиёсии амалҳои одамон ташаккул ёфтааст.

Мутаносибияти ахлоқ бо ҳуқуқ дар объект танзимнамоӣ ва хусусиятҳои асосии фарққунандаи одобу ахлоқ аз ҳуқуқ ва сиёсат ифода мегарданд. Дар илми ҳуқуқ ба масъалаҳои ахлоқ, аз қабили фазилатҳои некӣ, шуҷоат, саховат, адолат, неъмат ва ғайра диққати асосӣ дода мешавад, чун дар чаҳорчуби ахлоқ андозаи талаботу таъсири бевоситаи ахлоқии панду насиҳат ва одобомӯзии он баён мегардад, ки барои танзими ҳуқуқӣ низ зарур мебошанд. Маҳз дар асоси андарзҳо, панду насиҳати бузургон ва арзишҳои умумибашарӣ андешаҳои илмии ҳуқуқӣ ташаккул ёфтаанд. Вазифаи калидии ахлоқ низ ҳамчун илм дар он зоҳир мегардад, ки он тавассути фазилату арзишҳои ахлоқӣ дар тафаккури инсон ва ҷомеа бояд шарҳи ҳуқуқии масъалаҳоеро, аз қабили некӣ, инсондӯстӣ, дурӣ ҷустан аз бадӣ, худдорӣ кардан аз расонидани зарар ба дигарон ва ғайраро ташаккул диҳанд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар муҳтавои таълимоти панду насиҳатии худ, ки дар «Захират- ул- мулук» ва дигар асарҳои ӯ инъикос ёфтаанд, тавассути истифодаи усули сегона кушиш намудааст, то аҳли ҷомеаро барои расидан ба саодати комилу абадӣ роҳандозӣ кунад. Мутафаккир кӯшиш кардааст исбот кунад, ки қонуни аслии башарият чист ва ҷойгоҳу мақоми инсон дар амалӣ сохтани он чӣ гуна аст. Ӯ дар эҷодиёти хеш барои муайян кардани доираи амалу  рафтори инсон, ҳадди ин озодӣ, ихтиёрдорӣ намудани ин озодӣ дар доираи талаботу муқаррароти меъёрӣ талош намудааст.

Мутафаккир ба масъалаҳои болозикр дар бобҳои ҳафтум, ҳаштум, нуҳум ва даҳуми «Захират- ул- мулук», ки «вуҷуби амри маъруф ва наҳйи

мункар», фазилатҳои «шукр ва ақсоми он», «сабр ва куш ва ? ҳақиқати он», «тавоҷуъ ва авф», разилатҳои «кибр ва ғазаб» ном доранд, диққати махсус додааст. Ӯ талошҳои зиёде кардааст, ки дар ҷомеаи инсонӣ бояд қонуни аслӣ ва асосие, ки тавассути «қонунгузории» (шореъ) воқеӣ таҳия ва ба ҷомеаи инсонӣ «нузул» карда шуда, он қонуни умумии аҳли башар ва ҷомеаи инсонӣ аст, амалӣ гардад ва он поймол карда нашавад[54, с. 164-1965]. Ба андешаи вай, «қонунгузори мутлақ» ба инсоният аз «се амр» хабар медиҳад: аввал, «вуҷуби амри маъруф ва наҳйи мункар», дуюм «баёни он ки иқомати ин амр аз фурузи кифоят аст, агар дар шаҳре як кас бад-он қиём намояд, ҳараҷ аз дигарон соқит шавад», сеюм «баёни он ки ҳусули саодати халос ва наҷот ва вусул ба дараҷоти фавз ва фалоҳ ба иқомати ин амри шариф ва истеҳкоми аркони ин ҳисни манеъ манут аст» [54, с. 164].

Аз нигоҳи мутафаккир, инсон ҳамчун махлуқ ва офаридаи Худост, ки аз дигар махлуқоти олам бо ақлу хиради хеш фарқ мекунад. Ӯ дар фаъолият ва амали хеш дар доираи ҳудуд ва андозае, ки муқаррар гардидааст, соҳибихтиёр буда, дар амал интихоб дорад. Вале ӯ хулқи инсонро марбут ба хусусияти антропологӣ, яъне майл ба лаззот, манфиати шахсӣ, ки ба нафси рустанӣ ва ҳайвонии инсон дар робитаи мустақим қарор доранд, медид. Мутафаккир таҳияи таълимоти ахлоқии хешро дар такя ба ҳуқуқ, сиёсат, андешаҳои фақеҳони бузург ва ҷараёни навафлотуния дар шаклу таровати ахлоқӣ, талаботи сиёсату ҳуқуқ ва шавқу завқи сӯфиёна пешкаш сохта, аз тариқи оинаи ормонии ахлоқ ва арзишҳои умумибашарӣ онро ба тарзи оммафаҳм шарҳу тафсир додааст [156, с. 29].

Таҳқиқи таърихи таълимоти сиёсӣ ва ҳуқуқии Шарқи асримиёнагӣ нишон медиҳад, ки ҷараёнҳо ва фирқаҳои мухталиф бар зидди ақидаҳои ин гурӯҳи мутафаккирон мубориза мебурданд, вале баъдан худ пойбанди ақидаҳои ғоявии онҳо мегардиданд. Чун ақидаҳои онҳо воқеъбиниро талаб мекард ва асоси илмӣ ва амалӣ доштанд, онро пушти сар кардан

ғайриимкон буд. Бо дарки ин ҳақиқат Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба бисёр ақидаҳои онҳо таровату ҷаззобияти илмӣ, устуворӣ ва динӣ ворид сохта, ба онҳо оҳанги тасаввуфиву ирфонӣ ато бахшид. Чи тавре ки мутафаккир дар пешгуфтори «Захирату-л-мулук»-и хеш зикр сохтааст, ӯ «...роҳи пешгирифтаи дигар одобноманависони форсу тоҷикро идома додааст» [54, 3-5].

Алии Ҳамадонӣ зери таъсири ҳамин сарчашмаҳо таҳлили «ҳусули саодати халос ва наҷот» ва роҳҳову тариқати расидан ба онҳоро тавассути шинохти инсон, ки ба шинохти ҳақ-шореъ мебарад, шурӯъ менамояд. Агар дар осори Афлотун, навафлотуния ва Арасту таълимоти пиромуни саодат бо фазилатҳои ахлоқӣ пайвасту марбут бошад ва саодати мутлақ аз тариқи ба даст овардани фазилатҳо имконпазир бошад, дар осори Алии Ҳамадонӣ ин нокифоя аст. Ягонагие, ки дар таълимоти онҳо ҳаст, дар андешаҳои Алии Ҳамадонӣ ба андозае ба чашм мехӯрад, аниқтараш дар ғояҳои Алии Ҳамадонӣ тавассути саодати абадӣ ва мутлақо, яъне қонун ва сиёсати Ҳақ, ки аз ҷониби қонунгузор нузул шудааст, амалӣ мегардад.

Мутафаккир қайд мекунад, ки инсон бояд пайвастагӣ ва боварӣ ба қонунҳои осмонӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, ӯ бояд дар боварии худ қавӣ бошад ва ба шубҳа ҷой надода, дар доираи қонунҳои ахлоқӣ, ки танзимкунандаи тамоми муносибатҳои инсонӣ ҳастанд, амал намояд.

Гарчанде Алии Ҳамадонӣ дар таълимоти ахлоқии хеш хирадгаро буд, вале аз тариқи ақл расидан ба маърифати «қонунгузор»-ро кори басо душвор медонист. Ба андешаи ӯ, дар ин роҳ «ният ва амал» метавонад ёрирасони инсон бошад ва роҳи ягона роҳи ахлоқии маърифат аст. Дар ин маврид ӯ ба хулосае меояд, ки «ҳар шахс, ки худро дар миёни халқ ба иқомати ин амри шариф мансуб ва машҳур гардонид, ӯро муҳтасиб хонанд ва он амал, ки аз ӯ содир мешавад, эҳтисоб номанд. Ва он шахси маъмурро, ки мустаҳаққи эҳтисоб аст, муҳтасабун алайҳи

гӯянд. Ва он амалро, ки он шахс ба сабаби он мустаҳаққи эҳтисоб гаштааст, муҳтатасабун фиҳӣ хонанд» [54, с. 171].

Мутафаккир ахлоқро пояи қонун медонист. Чунончи, ӯ дар бахши «муҳтасиб» аз иҷрои рукнҳои асосии ахлоқ ҳамчун пояи қонун ба ҳудуди қувваи амалкунии шахс такя карда, кӯдакони хурдсол, одамони девона ва оҷизро аз ҷавобгарӣ дар назди қонун озод медонад. Ҳамзамон, ӯ таъкид мекард, ки аҳли илм бояд гуноҳ ва фасоди ахлоқи ҷомеа ва давлатро ба шоҳу амирон расонанд. Агар дар иҷрои ин вазифаи муқаддаси худ худдорӣ намоянд, онҳоро «фосид» бояд номид. Ба андешаи ӯ, «... фозилтарин ғазо он аст, ки сухани ҳақ назди подшоҳи золим гуфта шавад» [54, с. 171]. Ӯ кӯшиш кардааст, то ин вазифаи худро иҷро намуда, ба воситаи «Насиҳат-ул-мулук» ҳолати фисқу фуҷури ҷомеа, давлат, шахсони мансабдори ҷомеаро ба ҳокимони давр гӯшрас намояд [54, с. 171-172].

Мутафаккир, ба мақсади боз ҳам равшантар сохтани низоми ҳуқуқии даврони худ, дар доираи масъалагузориҳои ҳуқуқӣ «эҳтисоб»-ро ба се навъ ҷудо месозад: 1) эҳтисоби амсон бар амсол; 2) эҳтисоби аъло бар адно; 3) эҳтисоби адно бар аъло.

Эҳтисоби амсон бар амсол, қабл аз ҳама, эҳтисоби ома ба эмом ва хос ба хос мебошад. «Эҳтисоби аъло бар адно» аз нигоҳи қонун «эҳтисоби султон» ба аъзоёни ҷомеа, падару модар ба фарзанд ва шавҳар ба зан шуда метавонад. «Эҳтисоби адно бар аъло» бошад, «эҳтисоби» омма ба султон, шогирд ба устод, фарзанд ба падар, шавҳар ба зан ва ғулом ба хӯҷаин ба шумор меравад. Дар ин навъи эҳтисоб дар мартабаи боло рафтан ва такрор шудан қонун иҷозат медиҳад, ки дашном диҳӣ ва занӣ. Фарзанди бетарбия бо падари фосиқ дар мартабаи аввал ва дуюм, ки таъриф кардан ва ваъз гуфтан аст, «эҳтисоб» зарур мешавад. Дар мартабаи сеюм таҳдид буда, мартабаи панҷум, ки задан аст, ғайриқонунӣ хоҳад буд. Эҳтисоб лозим аст, то падар ба фарзанд таълим диҳад. Фарзанд бояд тоат кунад, таълим гирад, чунки эҳтисоби фарзанд

ба падар сабаби задани падар хоҳад шуд, ки ин мумкин нест, зеро ки дар ҳуқуқи волидайн ба тахсис оёт ва ахбор ворид аст, ки муҷиби истиснои умуми ҳукм мегардад. Ҳатто намояндагони аҳли илм ба он ақидаанд, ки ҷаллод набояд дар ҳадди қасос падари худро қатл кунад. Изо додани фарзанд падари худро ба сабаби ҷинояти собиқи вай ҷоиз нест. Додани изо, ки монеи ҷинояти пештара хоҳад шуд, зарур аст [54, с. 69-70].

Дар доираи низоми таълимоти худ Алии Ҳамадонӣ мехоҳад нишон диҳад, ки сурату сирати инсон ба ҳамоҳангӣ ва ахлоқу одоб зарурат доранд ва ин раванд дар доираи қонуни умумӣ (шаръ) ва талаботи дар ин қонун баёнгаштаи қонунгузор (шореъ) амалӣ мегардад. Агар инсон сурату сират ва нияти худро неку ҳамида гардонад, ӯ дигар ба насиҳат ва назорату танбеҳ ниёз надорад [148, с. 19]. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ қайд менамояд, ки барои расидан ба ин сатҳ инсон ва хоссатан ҳокимону подшоҳон, қабл аз ҳама, бояд дарк намоянд, ки «… се чиз аст, ки ҳар ки дар ӯ аз ин се чиз яке набошад, ҳеҷ чиз аз аъмоли ӯ маҳсуб набувад, яъне ҳеҷ амале аз аъмоли хайр ӯро суд надорад: парҳезгорӣ, ки ӯро аз маъсият боз дорад, ё таҳаммуле, ки сипари ҷаҳли ҷоҳил гардад, ё хулқи нек, ки бад-он дар миёни халқ зиндагонӣ кунад» [54, с. 71].

Барои расидан ба ин се неъмати инсонӣ шахс бояд ҳамеша дар пайи «касб» карданаш кӯшад ва дар ин роҳ ба ӯ «ақл» ва «боварӣ» мададгор хоҳанд буд, зеро «… муруввати ҳар кас ба қадри ақли вай аст, ҳарчанд ақли вай комилтар, мурувват ва эҳсони вай бештар, зеро ки ба камоли ақл медонад, ки ҳар чӣ бар сабили эҳсон базл мекунад, он дар девони саодати абадии ӯ сабт мегардад ва бузургӣ ва шарафи ҳар кас ба қадри хулқи он кас аст. Ҳар ки ба илм ва ҳилм ва тақво ва вафо ва иффат оростатар, дар дилҳои халоиқ мақбултар» [54, с. 71-72].

Аз баракати «хулқи нек» инсон ҳам дар дунё ва ҳам дар охират ба дараҷаҳои бузург мерасад. Дар иртибот ба ҳамин масъалаҳо, мутафаккир ба ҳадисе ишора менамояд: «Гаронтарин чизе, ки дар тарозуи муъмин ниҳода шавад рӯзи қиёмат, ҳусни хулқ аст ва ба дурустӣ,

ки Худой, азза ва ҷалла, душман медорад дуруштгӯи бисёргӯйро» [54, с. 72]. Инчунин дурӯғу фитна ва дуруштӣ боиси ташаккул ёфтани муносибатҳои дигари нисбатан вазнини ҳуқуқӣ мегарданд. Дар ҳадисҳо ва сарчашмаҳои дигари ҳуқуқи мусулмонӣ муҷозотпазирии ҳама кирдорҳои бад баррасӣ гардидаанд. Аз ҳама бештар ва вазнинтар барои амалҳои ҷинояткоронаи ба ғасбу ғорат ва хунрезӣ алоқаманд маҳкум мегарданд. Чунончи, аз Паёмбар омадааст: «Рӯзи қиёмат дар навбати аввал аъмоли шахсоне, ки ба хунрезӣ алоқаманданд, баррасӣ мегарданд» [73, с. 89].

Алии Ҳамадонӣ аҳли ҷомеаро барои амал кардан дар асоси қонуни замон даъват менамояд. Ӯ қайд менамояд, ки «Шариат ҳамчун қонуни қонунҳо роҳҳои «ният ва амали» инсонро муайян намуда, раҳнамои ҳадафи олӣ, яъне саодату хушбахтӣ мегардад. Дар осори хеш мутафаккир қонуну қонунмандиро дар мадди аввал гузошта, ахлоқ ва сиёсатро инъикоси вай медонад. Саодатро муқаррароти хулқи накӯ мешуморад, ки аз ақли инсонӣ берун нест. Саодат барои инсон қувва ва қудрат мебахшад, ки онҳо аҳкоми қонуни илоҳиро иҷро намоянд, то дар ниҳоди инсон илм, ҳикмат, тақво, саховат, шуҷоат, ҳилм, тавозуъ, иноат, иффат ва адолат пойдор ва тазмин гарданд, ки онҳо барои хулқи накӯи фард ногузир мебошанд.

Ба андешаи мутафаккир, инсон бояд дорои ин ду ҳақиқат бошад: «Яке, сурати зоҳир ва дуюм, сирати ботин. Суратро халқ гӯянд ва сиратро хулқ хонанд. Ва ҳар якро аз ин ду ҳақиқат ҳусне ва қубҳе ҳаст. Чунонки ҳусни сурат комил набошад магар ба таносуби ҷамеи аъзо. Зоҳир аз чашм ва абрӯ ва рухсора ва лаб ва даҳон ва даст ва пой ва қомат. Ҳамчунин ҳусни сират, ки онро ҳусни хулқ хонанд, комил наёбад магар ба эътидоли сифоти ҳамида, чун илм ва ҳикмат ва тақво ва саховат ва шуҷоат ва ҳилм ва тавозуъ ва иноят ва иффат ва адл. Ин сифот аз ҳадди ифрот ва тафрит берун аст, зеро ки аз ин сифот ҳар кадом, ки ба ҳадди ифрот ё тафрит расад, қубҳ ва шайни ҷамоли сират гардад» [54, с.

73-74]. Ҳарду ин худ амр, аҳком ва ҳудуди қонун мебошад, ки онро бояд вайрон накард. Радди ин сифатҳоро аз ирфоту тафрит Алии Ҳамадонӣ пешкаш месозад, ки ба воситаи далелҳои «ақлӣ ва нақлӣ» мумкин ва осон аст: «Қуввати шаҳват ва ғазаб, агарчи аз сифоти муҳликаанд, аммо бақои қоидаи банияи инсонӣ ба вуҷуди эшон манут аст. Агар шаҳват набошад, ҷазби ғизо, ки моддаи ҳаёти одамӣ аст, ҳеҷ қуввати дигар мутасаввир нашавад ва агар қуввати ғазаб набошад, дафъи асбоби ҳалок ба ҳеҷ қуввати дигар мумкин нагардад. Вале ин ду қувватро ҳусне ва қубҳе ва салоҳе ва фасоде аст. Қубҳ ва фасоди ин қуво ифрот ва тафрит аст ва ҳусн ва салоҳи ишон ҳадди эътидон аст» [54, с. 74-75].

Мутафаккир қайд менамояд, ки дар инсон ҷавҳаре аст, ки дар асоси тарбияти он метавон аз ӯ шахси маъруфе сохт. Барои расидан ба ин ҳолати камолот инсонҳо ба тарбият дар доираи қонунҳои ахлоқӣ бояд се мартабаро сипарӣ намоянд.

Мартабаи якум, ба замони тифлии вай рост омада, дар ин давра инсон «ҳанӯз ҳақ аз ботил тамиз накарда бошад ва нек аз бад надониста ва оинаи дили ӯ ба ғубори орои фосида ва зулумоти эътиқодоти ботила торик нагашта ва нафси ӯ бар мутобаати шаҳавот мустамир нашуда, дили инчунин кас ба насиҳати носеҳ зуд мутаассир гардад ва иршоди муршид ба осонӣ дар ботини ӯ русух ёбад» [54, с. 75].

Ба андешаи ӯ, кӯдак ба мисли «лавҳи тоза ва пок» аст, ки метавонад ҳар чизро қабул ва ё рад кунад.  Барои расидан ба сатҳи «ормонӣ» зарур аст, ки тифл дар доираи талаботҳои ахлоқ тарбия ёбад, то дар «нафс» ва «вуҷуд»-и вай хабисиҳои инсонӣ роҳ наёбанд, чунки дар ду мартабаи дигар тарбия ба маротиб мушкил хоҳад гашт.

Дар мартабаи дуюм агар вай бадро аз нек ҷудо карда бошад, вале «ба сабаби ғалабаи шаҳавот бар кори хайр мулозимат наметавонад кард ва ранҷи тоат наметавонад кашид, вале ба тақсири худ муътариф аст. Амри ин кас ба як дараҷа мушкилтар аз аввал аст, зеро инро аввал қалъи

моддаи фасод аз ботин мебояд кард, он гоҳ ғарси сифате кард, ки ӯро бар ибодат ва салоҳ машғул гардонад» [54, с. 75].

Чи тавре мебинем, агар инсон хоҳад, ки фарзандҳои нек, оилаи мустаҳкам ва ҷомеаи ором дошта бошад, бояд аз хурдӣ ба тарбияи фарзанд рӯй биёрад ва дар роҳи тарбияи ахлоқи ҳамида ва наку чизе дареғ надорад. Ин амал агар сари вақт сурат нагирад, ранҷу ташвиш ба маротиб зиёд хоҳад шуд.

Дар мартабаи саюм агар шахс дар доираи «эътинодоти ботил» инкишоф ёфта бошад ва он ботилро ҳақ тасаввур карда ва он бадро нек даниста ва ба изҳори шурур муҳобот намуда ва амри ин кас мушкилтарини умур аст ва кӯҳ бо нохун канда ва оҳани сард кӯфтан ба ақл наздиктар аст аз иршод ва ислоҳи инчунин кас» [54, с. 76-77].

Инсони воқеӣ, ба қавли Алии Ҳамадонӣ, он аст, ки дорои «ҳусни хулқ» яъне «нияту амали» нек, зебоии ботиниву зоҳирӣ бошад. Ин аст пояи оромии ҷомеа, бақои инсон ва давлату давлатдорӣ. Ҳамин ҳусни хулқ, сиҳҳати рӯҳ ва дилу тани инсон аст [54, с. 76]. Алии Ҳамадонӣ бо изҳори ин ақидаҳои хеш аз имконоти ҳаёти фазилатноки инсон, ки дар асоси меъёрҳои оқилонаи қонуни инсон будан мавҷуд бошанд, ҷонибдорӣ менамояд ва чунин мешуморад, ки хайрхоҳӣ ва хулқи накӯ мояи рушди хирад ва ҷомеаи инсонӣ ба шумор меравад [148, с. 19]. Ӯ ҳангоми таҳлили фазилатҳои ахлоқӣ ва нақшаи тақсимоти фазилату разилатҳо, ки аз таълимоти ахлоқии Афлотун ва қисман Арасту гирифта шудаанд, талаботҳои ҳуқуқӣ ва сиёсии ҷомеаро пешкаш месозад.

Мутафаккир асосу бунёди инкишоф ва камоли инсонро дар эътидоли сифатҳо ва фазилатҳои даҳгона дида, онҳоро дар робита бо се қисмати нафс: қувваи нотиқа, қувваи ғазаб ва қувваи шаҳват ва талаботҳои ҳуқуқӣ ва меъёрӣ пешкаш месозад. Ҳар яке аз ин қувваҳо ба амал ва фаъолияти инсон таъсир намуда, хусусияти муайян ва ҳадафманд доранд [115, с. 198-204]. Вале мутобиқи моҳияти аслии худ ҳар кадоми онҳо зидди якдигар равона буда, ҳувайдост, ки ба бархурди хоҳишоти

гуногуни шахс хоҳанд расонд. Билохира, яке аз ин қувваҳо бар дигарон ғолиб шуда, бартарияти хешро дар феъл ва амалҳои инсон пойдор месозад. Нисбат ба он ки кадоме аз ин қувваҳо ғолиб мешавад, мутобиқан дар ботини инсон сифатҳои хулқӣ ва меъёриву усулӣ инкишоф меёбанд. Ҳамоҳангии ҳикмат, шуҷоат ва иффат фазилати чаҳорум-адолатро, ба вуҷуд меорад, ки миёни дигар сифатҳои ахлоқ муътадилӣ, баробарӣ, қонунмандӣ ва амнияти ҷомеаро таъмин менамояд. Вазифаи аслии адолат аз нигоҳи ҳуқуқ ва ахлоқ дар ҳамин зоҳир мегардад. Хусусияти аслии ин фазилат мувофиқи ақлу хирад ва аҳкоми қонуну виҷдон назорат намудани қувваи ғазаб ва шаҳват мебошад. Алии Ҳамадонӣ асоси накӯии хулқи инсонро дар маҷмуи ин чаҳор фазилат медид, ки ақидаҳояш аз Рум ва Юнони қадим ва низоми ҳуқуқӣ ва ахлоқии онҳо сарчашма гирифтааст.

Дар осор ва адабиёти мутафаккирони гузашта робитаи мутақобилаи танзими меъёрӣ зиёд баррасӣ гардидааст. Раванди мазкур дар доираи ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, маданӣ-ҳуқуқӣ, ҳуқуқи мерос, никоҳ ва оила сурат мегирифт. Дар ин миён танзими муносибатҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ баррасӣ гардидаанд. Дар муносибатҳои танзимнамоии ҳуқуқӣ кирдорҳои инсон, ки ба таъқиби ҷиноятӣ алоқаманданд, зиёдтар бо ахлоқ иртиботи мутақобила доранд. Воқеияти ҳаёти ҷомеа, зиндагӣ ва фаъолияти инсонҳо, аввалан, тавассути ахлоқи инсон зуҳур мекунанд ва баъдан ба воситаи меъёрҳои ахлоқ танзим карда мешаванд. Дар натиҷаи мураккаб гардидан шакли талаботи меъёрҳои ахлоқ аз ҷониби давлат хусусияти ҳатмиро қабул карда, ба меъёри ҳатмии рафтор – ҳуқуқ табдил меёбанд. Вале қисмати бузурги онҳо ҳамчун меъёри ахлоқӣ боқи мемонанд, ки муносибатҳои фаррохи ҷамъиятиро танзим менамоянд. Ҳуқуқ, ки мустақиман ба давлат тааллуқ дорад, қонун ва шаклҳои дигари ифодаёбии онҳо мутобиқ ба талаботи ахлоқи пазируфташудаи давлатӣ ва манфиатҳои давлатӣ истифода мегарданд. Гарчанде институтҳои иҷтимоии тавассути ҳуқуқ танзимшаванда хусусияти расмӣ ва

маҷбуркунии давлатӣ доранд, набояд фаромӯш кард, ки ҳангоми танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ аз талаботҳои ахлоқ низ фаровон истифода бурда мешавад.

Низоми арзишҳои асримиёнагии ҳуқуқ бояд ба талаботҳои қонуни дар ҳамон замон амалкунанда мувофиқ мебуд. Чунончи, муҳаққиқи масъалаҳои ҳуқуқии асримиёнагӣ В.А.Туманов қайд менамояд: «… ҳуқуқ дар тамоми шаклҳои зуҳури худ ҳамчун маҷмуи меъёрҳо, ки муносибатҳои иҷтимоиро танзим менамуданд, дорои арзишҳои ахлоқӣ буданд. Дар доираи талаботҳои меъёрӣ ва ахлоқ амал кардани ҳуқуқ яке аз шароитҳои зарурии муассир будани вай ба шумор мерафт, ки то кунун чунин талабот амал менамояд» [139, с. 56].

Таҳқиқи осори Алии Ҳамадонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки, воқеан, ин яке аз талаботҳои қонунҳои асримиёнагӣ буд. Лекин қонунҳо на ҳама гуна таълимоти ахлоқиро мепазируфтанд, балки талаботҳои ҳамон ахлоқ ва арзишҳои умумибашариро эътироф мекарданд, ки ба замони пайдоиши фарҳанги зардуштӣ, яҳудия, насронӣ, буддизм ва ислом мутобиқат мекарданд. Талаботҳои фарҳанг ва тамаддунҳои зикршуда дорои низоми меъёрҳои мушаххас ва расмӣ буданд [160, с. 251-252]. Барои мисол, онҳо талаботҳои принсипҳои ахлоқӣ-ҳуқуқии адолат, баробарҳуқуқӣ, озодиро, ки мавҷудияти қонуни одилона ва татбиқи одилонаи онро доранд, пурра пазируфта, дар сарчашмаҳои асосии ҳуқуқии худ мустаҳкам намуда буданд. Дар замони имрӯза низ ҳуқуқ ва ахлоқ аз ҷумлаи меъёрҳои мукаммали иҷтимоие мебошанд, ки доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятиро дар ҳамбастагӣ ба танзим медароранд [103, с. 373-379].

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки таъсири мутақобилаи ахлоқ ва ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии асримиёнагӣ усулан вуҷуд дошт. Ҳуқуқ аз нигоҳи низоми худ ҳамчун падидаи таркибии ахлоқӣ маҳсуб меёфт ва бидуни баҳодиҳии мустақими ахлоқӣ муҳтаво ва ё матни ҳуқуқ таъсири бузург надошт. Дар баробари ин, ҳангоми баҳодиҳии мутаносибияти ҳуқуқ ва ахлоқ набояд

таъсири мутақобилаи ҳуқуқро ба ахлоқ низ фаромӯш кард. Чунончи, мавҷудияти ахлоқи ҳоким ва дигар шахсони мансабдор, ки иштирокчии фаъоли муносибатҳои ҷамъиятиянд, дар бисёр ҳолатҳо аз муассирии меъёрҳои ҳуқуқии мавҷуда шаҳодат медиҳанд. Далелҳои мавҷуда аз таърихи афкори мардуми тоҷик дар асрҳои миёна нишон медиҳад, ки низоми ҳуқуқии он дар рагу пайванди аҳли ҷомеа ҷой гирифтааст, зеро тамоми ҳаёти ҷомеаро фарҳанги исломӣ бо низоми ҳуқуқию ахлоқии он фаро гирифта буд. Таҳқиқи рисолаҳои Алии Ҳамадонӣ нишон медиҳад, ки дар фаҳму идроки мардум усулҳои ахлоқӣ (аз он ҷумла усулҳои ахлоқӣ-динӣ) ва таъсири меъёрҳои ҳуқуқӣ-фиқҳӣ хеле зиёд буданд.

Мутафаккирони дигари форсу тоҷик низ андешаи ҷолиберо дар ҳамбастагии ахлоқу ҳуқуқ ва сиёсати ақлгароӣ изҳор намудаанд. Чунончи, Мискавайҳ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ устувории ақл ва динро эътироф намудааст. Ба андешаи ӯ, «Худованд бо пешниҳоди қонун (шариат) ва дин ба мардум ақлро замина (мабно)» донист ва муқаррар намуд, ки маркази баррасиҳои масоили ҳуқуқи шаръӣ набояд бо масоили ақлӣ дар зиддият бошанд» [60, с. 48].

Ба андешаи Мискавайҳ, «…саодати ҳақиқӣ нисбат ба он касе мешавад, ки аввал ҳуқуқ (шариат)-ро хуб аз бар намуда, тибқи он рафтор карданро омӯзад, худро ба он комилан мутобиқу таслим созад ва тибқи аҳкоми он амал кунад, сипас, замоне, ки ба булуғи ақлӣ ва рушжи комил расид, бояд ҳикматро биомӯзад ва онро хуб дарк кунад» [159, с. 34].

Ин гуфтаҳо ба муҳиммияти риоя ва амали меъёрҳои ҳатмии ахлоқ дар ҷомеаи инсонӣ ишора менамоянд, ки барои ҷамъияти имрӯзаи мо низ ниҳоят зарур мебошанд. Вале, новобаста аз хусусияти идеалӣ ва фавқуниҳоӣ доштани ахлоқ, таъсири мустақими он ба ҷомеа ҳамеша бузург ва муассир хоҳад буд. Вобастагии ахлоқ аз бисёр арзишҳои маънавии ҳуқуқ ва сиёсат ин се донишро бо ҳам пайванд ва ягона сохта, арзишҳои бунёдии хешро дар мадди аввал мегузорад. Дар хусуси тамоюлоти «қонунҳои ахлоқӣ» муҳаққиқи рус Ю.Г. Ершов таъкид

кардааст, ки «тасаввуроти ахлоқӣ доир ба усулҳои ҳуқуқ қодиранд ҳуқуқро ба ҳар гуна андешаҳои мухталифи бо ҳам зид доир ба масъалаҳои адолату беадолатӣ ва ғайра иваз намоянд» [36, с. 30].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ решаи ин масъаларо дар истеъдод, қобилият ва нобаробарии инсонҳо мебинад [54, с. 112]. Аз ҳамин сабаб, талабу мақсад ва ғаразу хоҳиши одамон гуногун буда, қавлу сухан, рафтору ақидаҳо ва арзишҳо дар шаклҳои гуногун, аз он ҷумла «ахлоқи хабиса» (бад) ба мисли ҷабру зулм, ситаму зӯроварӣ, куштору қасдгирӣ, бахиливу ҳасад ва рашку нотавонбинӣ зуҳур мекунанд. Дар ин асос ҳикмати офариниш тақозо мекунад, ки ҳокими одил бояд дар доираи сиёсати адолатхоҳона ва қонунҳои мавҷуда ба халқ роҳбарӣ намояд ва халқро ба роҳи дуруст ҳидоят созад. Ҳамин аст, ки дар ҳадис омадааст: «Дӯсттарини мардум назди Худой… ҳокими одил ва душмантарини мардум назди Худой… подшоҳи золим аст» [54, с. 112].

Таҷрибаи давраҳои мухталифи инкишофи илми ҳуқуқ нишон медиҳад, ки арзишҳои ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ҳамчун арзишҳои классикии фарҳангӣ, агар яке барои ҳифзи манфиатҳои давлат равона гардида бошад, дигаре барои таъмини маънавиёт ва пок сохтани вуҷуди инсон аз разилатҳои ахлоқӣ, яъне поксозии ботини инсонҳо ва ҷомеа равона гардидааст. Дар шароити имрӯзаи рушди низомҳои ҳуқуқӣ арзишҳои ахлоқӣ ба низоми ҳуқуқи позитивии миллӣ роҳ ёфта, ба он таъсири худро расонида истодаанд. Дар созмон додани низоми ҳуқуқи миллӣ аз бисёр арзишҳову усулҳои ахлоқӣ тавассути фалсафаи ҳуқуқ фаровон истифода мебаранд [32].

Дар маҷмуъ, ҳуқуқ, аз он ҷумла сохторҳои қудратии давлат ҳангоми татбиқ намудани муқаррароти ҳуқуқи ҷиноятӣ, маъмурӣ, андозгирию гумрукӣ аз арзишҳои ахлоқӣ ҷонибдорӣ намуда, моҳиятан хусусияти гуманистӣ ва инсонпарварона, аз қабили некӣ, раҳму шафқат, адолат ва амсоли инҳо доштани онҳоро нишон медиҳанд. Аз нигоҳи аввал чунин ба назар мерасад, ки мавҷудияти принсипҳои ахлоқии зикршуда сода ва

назарногиранд, вале анҷом надодан ва риоя накардани моҳияти ин арзишҳо дар низоми ҳуқуқӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ хеле мушкилотро пеш меоранд.

Доир ба масъалаи таносуби ахлоқ ва ҳуқуқ аз ҷониби муҳаққиқони муосир дар доираи адабиёти ҳуқуқӣ ва фалсафӣ-динӣ таҳқиқотҳои мухталиф гузаронида шудааст. Чунончи, Шарофзода Р.Ш. қайд мекунад, ки «Тавсифи ҳуқуқ дар робита бо ахлоқ сурат мегирад, чунки, аз як, тараф ҳуқуқ арзишҳои ахлоқӣ, аз қабили адолат, виҷдон, инсондӯстӣ ва дигарро иъникос менамояд. Аз тарафи дигар, арзишҳои ахлоқӣ тавассути ҳуқуқ хусусияти ҳатмӣ касб мекунанд» [103, с. 373]. Мутафаккири рус В.С.Соловьёв ҳуқуқро асбоби «ахлоқи умум» маҳсуб медонист, ки барои «маҷбуран амалӣ сохтани хурдтарин талаботҳои ахлоқӣ» истифода мегардад [82, с. 382, 502].

Вале хурдтарин майли нодуруст истифода бурдани принсипҳои ахлоқӣ ба авҷ гирифтани зулму беадолатӣ мебарад. Нафси ҳайвонии инсон, ки доир ба он Афлотун, Арасту ва қисмати муайяни мутафаккирони асримиёнагии тоҷику форс, аз он ҷумла Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Насируддини Тусӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ зери таъсири «мадинаи фозилаи» даврони пайғамбар гуфтаанд ва аз онҳо дифоъ кардаанд, фармоиши сиёсии шоҳон ва атрофиёни онҳо буданд, ки ҳадаф нигоҳ доштани қудрати сиёсии худкомаи худ буд, чунки қудрати давлат- ин худ зиндагии ором ва пурайшу нишоти шоҳ ва атрофиёни ӯро таъмин мекард. Иллати фасоду риёкорӣ, зулму ситам ва бемасъулиятии шоҳон ҳамин буд, ки онҳо иҷозат медоданд атрофиён ба ин разилатҳо даст зананд ва ҳамаҷониба аз шоҳ ва манфиатҳои вай ҳимоя намоянд. Ин масъаларо мутафаккир дар образи султони даврони худ … ва амирону фақеҳон ва уламои атрофаш хеле хуб нишон додааст [54, с. 112-113].

Бо назардошти гуфтаҳои боло, дар ҳеҷ як шакл набояд ахлоқро ҷойгузини ҳуқуқ ва сиёсат кард, ҳар кадоми онҳо дар доираи ҳудуди

фаъолияти худ бояд амал намоянд, зеро ин тарзи муносибати ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ барои ҷомеаи демократӣ зарур аст. Дар доираи онҳо бояд арзишҳои ақлгароёна амал намоянд, дар ғайри он мақоми ахлоқ, ҳуқуқ ва сиёсат поймол гардида, бозичаи давлатдорон хоҳанд шуд.

Дар байни онҳо се хусусияти аз якдигар фарққунанда вуҷуд доранд:

Якум, ҳадафи асосии ахлоқ ба он нигаронида шудааст, ки фазилатҳои адолат, некӣ, шуҷоат, иффат ва соири талаботҳои ахлоқӣ аз ботин ба шуур ва олами руҳии инсон тавассути ангезаҳои бошуурона ва андешаи ҷомеа таъсир расонанд. Ҳуқуқ дар навбати худ ангезандаи амалҳои зоҳирии инсон ба шумор рафта, вазифадор аст ба ин амалҳо тавассути меъёрҳои муайяни қонунҳо ва дигар асноди меъёрии ҳатмие, ки аз ҷониби давлат дастгирӣ меёбанд, таъсир расонад.

Дуюм, ҳуқуқ- ҳавзаи шуури «майнаи сар» мебошад, ки дар доираи ҳаёти маънавии инсонҳо маҳдуд гашта, зарурат ба шарҳи айнии китобҳои муқаддаси динӣ надорад.

Сеюм муҳтавои ахлоқ, қабл аз ҳама, дар доираи вазифаҳои инсон, пок сохтани вуҷуди вай аз хабисиҳо ва ҷавобгарии инсонҳо аз амалкарди онҳо маҳдуд гаштааст. Дар сурате, ки ҳуқуқ дар мадди аввал доир ба ҳуқуқҳои инсон ҳарф мезанад ва ба ҳимояи ҳуқуқҳои шахсиятҳои муайян нигаронида шудааст, вазифадор мебошад озодии онҳоро низ таъмин намояд.

Ба ҳамин тариқ метавон хулоса кард, ки ахлоқ ва ҳуқуқ арзишҳои маънавии ба танзим дароварандаи ҷомеа буда, ҳар кадом дорои мавқеи алоҳидаи худ мебошанд.

Сарфи назар аз муносиботи амиқ ва робитаи мутақобила ахлоқ ва ҳуқуқ аз як сарчашмаи иҷтимоӣ реша гирифтаанд ва ҳар ду баробар танзимкунанда ва ҳамоҳангсози меъёрӣ-арзишии ҷомеа мебошанд. Онҳо аз ду низом, услуб ва назму тартиби аз якдигар озоди меъёрӣ кор мегиранд.

## 3.3. Ақидаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба вазъи ҳуқуқии аъзоёни оила

Масъалаи ҷойгоҳ ва мақоми оила, зан, шавҳар, волидайн ва фарзандон дар ҷомеаи исломӣ дар адабиёти ҳуқуқии даврони тошуравӣ [46; 47; 16], шуравӣ [29; 99; 92] ва пасошуравӣ [13; 26; 28] ва қисман таълимотҳои мутафаккирони алоҳидаи тоҷик ба таври васеъ инъикоси худро пайдо кардааст. Вале оид ба масъалаҳои ҳуқуқии ба танзим даровардани муносибатҳои оилавӣ дар ҷомеаи мусулмонӣ, хоссатан дар афкори сиёсию ҳуқуқии мутафаккирони асрҳои миёна таҳқиқотҳои кофии монгорафӣ қахеле каманд [113, с. 92-105; 41; 75; 99, с. 104-127; 102, с. 47-69]. Баъзе таҳқиқотҳои диссертатсионию монографӣ дар солҳои охир анҷом дода шудаанд [160; 158; 157; 162; 155; 159].

Воқеан, оила ҳамчун поя, бунёд ва асоси низоми ташаккул ва инкишофу тараққиёти ҷомеаи инсонӣ ба шумор рафта, манбаи аслии инъикоскунандаи тағйиротҳо дар ин ё он ҷомеа аст. Оила дар доираи вазифаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии худ ягона ниҳоде ҳаст, ки дар он фарзандон таваллуд мешаванд ва ба воя мерасанд. Тавассути оила аз насл ба насл урф, одат, анъанаҳо ва арзишҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва қавмӣ гузашта, раванди интиқоли иттилооти анъанавӣ аз волидон ба фарзандон сурат мегирад. Аз ин рӯ, муҳиммияти оиларо ба инобат гирифта, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар моддаи 33 пешбинӣ намудааст, ки: «Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад. Мардон ва занон, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона ақду никоҳ банданд. Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақду никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд» [1, с. 9]. «Низоми дурусти оила ва иҷрои аъзоёни он талаботи қонунии ҷомеа, ҳолати осуда ва осоиштаи онро ифода намуда, амалу фаъолияти аъзоёни он аз таъсири ангезаҳои номатлуби иҷтимоӣ ҳифз мешаванд. Ин қабил оилаҳо, фикру андеша ва муносибати аъзоёни он ба усулҳои ташаккул додани фаъолияти якҷоя бо ҳам мувофиқ мешаванд» [61, с. 23]. Он раванд ба муттаҳидӣ, дастгирии

аъзоёни оила, кумаки ҳамдигарӣ, ҳисси ҳамхунӣ, шабоҳату ягонагӣ ва муҳити хуби иқтисодиву равонӣ мебарад. Ин дар навбати худ ба солимии ҷомеа, руҳу равони солиму ороми он, рушду инкишофи ҷомеа ва зиндагии рушдёфта асосо меёбад. О.У. Усмонов никоҳро «... иттифоқи ихтиёрии озоданаи марду зан медонист, ки он ба меҳру муҳаббати пок, дӯстиву ҳурмати тарафайн асос ёфта, мақсади барпо намудани оила, тавлиди фарзандон ва тарбияи онҳо» мебошад [92, с. 52]. Муҳаққиқи дигари ватанӣ низ никоҳро «... иттифоқи ихтиёрӣ, озоду баробарҳуқуқ ва абадии зану мард меҳисобад, ки мақсади барпо намудани оила тавлид ва тарбияи фарзанд дар руҳияи ахлоқиро дорад» [108, с. 85]. Ба мафҳумҳои зикршуда нишонаҳои меҳру муҳаббати тарафайн, эҳтиром ва дӯстии ҳамсарон, дастгирии моддӣ, маънавӣ ва тарбияи якҷояи фарзандонро, илова менамод. Аксарияти нишонаҳои никоҳ ва оила, ки дар андешаҳои муҳаққиқони замони муосири тоҷик дида мешаванд, аз фарҳангу тамаддуми миллии халқи тоҷик, аз он ҷумла мутафаккирони асримиёнагӣ, ба монанди Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дигарон, ки дар давраҳои гуногуни таърихӣ ташаккулу инкишоф ёфтаанд, сарчашма мегиранд.

Мутобиқи назарияи дигар мафҳуми никоҳ ба маънои маҳдуду васеъ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ карда шудааст. «Аз нигоҳи иҷтимоӣ никоҳ як падидаи гуногунҷанба буда, ҷанбаҳои физиологӣ, маънавӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва баъзан диниро фаро мегирад. Барои илми ҳуқуқ ҷанбаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ муҳиманд, ки, пеш аз ҳама, дар муносибатҳои махсуси моликияти байни зану шавҳар таҷассум меёбанд. Ба маънои маҳдуд никоҳ танҳо иттиҳоди зану мард мебошад, ки дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайд гирифта шудааст ва боиси ба вуҷуд омадани ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва амволӣ мегардад» [81, с. 34].

Муносибати оилавӣ дар даврони амали ҳуқуқи мусулмонӣ тавассути як қатор институтҳои «мақоми ҳуқуқии шахс» ба танзим даровarда

мешуд [21, с. 34-35]. Дар танзими муносибатҳои никоҳу оила меъёрҳои динӣ ва ахлоқӣ, усулҳову рукнҳои ислом, ҷаҳонбинӣ ва урфу одатҳо, анъана ва суннатҳои мардумӣ дар робитаи қавӣ ва ногусастанӣ истифода мегардиданд [75, 27-28; 80; 87].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба мақсади шарҳи муҳтавои ҳуқуқи мусулмонӣ дар бахши оила, аъзоёни он, оиладорӣ, ҷойгоҳ ва мақоми оила дар ҷомеаи исломӣ дар такя бо сарчашмаҳои муътамади юнонӣ, ки бо забонҳои суриёӣ ва форсии миёна тарҷума шуда буданд, инчунин осору таълифоти мутафаккирону ҳакимони форсу тоҷик ва араб андешаҳои худро пешкаш кардааст. Вай ба таври возеҳ дар «ҳикмати амали»-и худ ба таҳлилу баррасии масъалаи оила, ҳамчун сохтори таркибии ҷомеа таваҷҷуҳи махсус додааст.

Муҳаққиқони ватанӣ дар таълифоти худ оиларо ҳамчун институти иҷтимоӣ номида, нақши онро дар бунёд ва ташаккули ҷомеа, тарбияи инсон, камолоти вай, муқаррар ва таъмин намудани ҳуқуқҳои аъзоёни он, ҷою мақоми онҳо дар ҷомеа бузург мешуморанд, ки дар давраҳои гуногуни таърихӣ дар ин шакл ташаккул ёфтааст [16; 26]. Воқеан, аҳли башар таҳаввулоти арзишҳоеро офаридааст, ки дар ташаккули бонизоми ҷомеа ва камолоти инсон нақши босазо гузоштаанд ва дар он мақоми оила бузург аст. Дар иртибот ба ин, муҳаққиқон оиларо ба сифати гуруҳи хурди иҷтимоӣ, ниҳоди нахустин ва муҳимтарини иҷтимоӣ нишон додаанд. Бидуни шак, оила ба сифати заминаи бунёдии ҷомеаи инсонӣ ва инкишофи шахсияти аъзоёни он маҳсуб мегардад [99, с. 9].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар муқаррар намудани мафҳуми «оила», ҳаққу ҳуқуқи аъзои он, эҳтироми волидайн, муносибати ҳамсарон ва таъсири он ба инкишофи оилаи солим, тарбияи фарзандон ва ҳуқуқу ухдадориҳои онҳо, муносибатҳои амволии аъзоёни оила, ҳаққи мерос ва ҳолатҳои дигари ба он вобаста андешаҳои ҷолиберо дар асарҳои худ пешниҳод намудааст [29, с. 67].

Масъалаҳои марбут ба оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ дар осору таълифоти мутафаккирони тоҷику форс ҷойгоҳи хоссаро ишғол менамоянд. Мутафаккирони бузурги тоҷик Абӯнасри Форобӣ, Ибни Мискавайҳ, Абуалӣ ибни Сино, Муҳаммад Ғазолӣ, Ҷувайнӣ, Мовардӣ, Насируддини Тӯсӣ кӯшиш намудаанд доир ба масоили бунёди оила, роҳбарӣ, вазифаҳо, сохтор, таркиб ва ҳуқуқҳои аъзоёни он диққати зарурӣ диҳанд. Алии Ҳамадонӣ дар «Захират-ул-мулук» аз осори ин ва дигар мутафаккирон хеле фаровон истифода кардааст.

Дар «Захират-ул-мулук» «ҳикмати амалӣ», «таҳзиби ахлоқ», «сиёсати манзил» ва «сиёсати мудун» қисматҳои асосиро ташкил дода, дарбаргирандаи бисёр масъалаҳои ҳуқуқи маданӣ мебошанд. Аз таҳлили масъалаҳои зикршуда бармеояд, ки дар таълимоти ҳуқуқии мутафаккир фаъолияти инсон дар доираи қонунҳои мавҷудаи даврони ӯ тавассути се институти асосии иҷтимоӣ- ахлоқ, фиқҳ ва сиёсат, танзим карда мешаванд, ки онҳо ба дигар институтҳои иҷтимоӣ, аз қабили илм, фарҳанг, иқтисод, тандурустӣ, амният, сиёсати хориҷӣ ва ғайра таъсир мерасонанд. Маҳз ҳамин институтҳои итҷтимоӣ бунёди ташаккули ҷомеаро бар дӯш дошта, раванди батадриҷи иҷтимоикунонии шахс ва ба ҷомеа ворид шудани онро дар доираи қонунҳои шариат ба танзим медароранд. Ҳамоҳангии ахлоқ, сиёсат, ҳуқуқ ва оила барои ба низом даровардани фаъолияти шахсиву ҷамъиятии инсон дар такя ба санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ муҳим мебошад.

Мутафаккир дар таълимоти ҳуқуқии худ ба масъалаи мавқеи манфиатҳои ҳифзшавандаи ҳуқуқӣ аҳаммияти калон дода дар қисмати аввал, инсон ва ҳуқуқу манфиатҳои ӯ, ҳимоя ва тарбияи ахлоқию ҳуқуқии ӯро мегузорад. Дар қисмати дуюм ҷамъият ва фаъолияти ҷамъиятии инсонро, ки, дар маҷмуъ, ба пешравии ҷамъият ва суботи он, оромию пешрафти низоми идоракунӣ ва умуман, ба ташаккули ҷомеаи солим бурда мерасонад, таҳқиқ намудааст. Дар ин замина ӯ ба хотири оромии ҷомеа ва таъмини амнияти аъзоёни он дар доираи қонун ва

ҳуқуқҳои муайяншуда, ба масъалаҳои идоракунии оила, чораандешӣ нисбати тақвияти он, машварат бо аъзои оила, дарёфти роҳу воситаҳои муҳим ҳангоми таҳлили масъалаҳои қонунӣ будани оила, ҳимояи ҳамсар, тарбияи фарзанд, муносибат бо волидон, хешу ақрабо ва ғ. рӯй меорад. Ӯ оиларо рукни асосии ҷомеа медонад, ва иброз медорад, ки масъалаҳои рушди оилаи солим дар ибтидо ба инкишофи ҷомеаи солим ва баъдан барои дар сатҳи зарурӣ амалӣ гардидани қонун, сиёсат, иҷтимоиёт, иқтисод ва идоракунӣ мусоидат менамоянд. Дар сурате, ки оила ва аъзоёни он вазифаҳои ба душдоштаи худро иҷро карда наметавонанд, ҳамчун институти асосии иҷтимоӣ аз умури умумии оиладорӣ сар карда, аз қабили омода намудани хӯроку пӯшок, дар ҳолати покӣ ва бонизом нигаҳ доштани хонаву манзил, ба дунё овардани насл, ба масоили ҳуқуқии аъзоёни он то ба масъалаҳои мубрамтарин, ба монанди хиёнат ба ватану ҷомеаи худ ва рушди дигар намуди ҷинояткории вазнин дар ҷомеа оварда мерасонад [149, с. 166-202].

Дар пайравӣ ба Афлотун [72, с. 644] Алии Ҳамадонӣ дар бахши оила мақсад дошт назарияи «шаҳрванди идеалӣ»-ро дар ҷомеаи исломӣ амалӣ созад. Аз ин рӯ, вай дар пайравӣ ба Арасту [17, с. 7], шогирди тавонои Афлотун оиларо бо ахлоқ ва тавассути ахлоқ ба ҳуқуқ (қонун) ва сиёсат пайваст месозад. Вай хуб медонист, ки дар фарҳанги юнониҳо мафҳуми «сиёсати манзил», «ҳукумати манзилӣ» ва ё «тадбири манзил» бо мафҳуми «эйкономия» (аз калимаи «экос» ба маънои «хона» ва «номос»-ба маънои қонун) ҳамоҳангӣ дошта, бо ҳам пайвасти ногусастанӣ доранд.

Аз даврони куҳан оила ҳамчун асос ва пояи ташкили ҷомеа ва давлат, макone, ки инсон ба он ниёзманд буда, ҳоҷатҳои он бароварда мешаванд, шинохта мешуд. Мутафаккир барои бунёд кардани оилаи хуб шарти асосӣ боақлу боҳаё ва поктинат будани аъзоёни оиларо медонист. Ӯ меъёру талаботҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқиро бо тинат ва сиришти инсон алоқаманд дониста, аз мансубияти динию мазҳабӣ берун меорад.

Ҳангоми ташкил намудани оила меъёрҳои ахлоқии умумиинсонӣ, донишу маърифат, иффату покдоманиро ба инобат гирифта, мақсад дошт оиларо комил ва дар иҷрои вазифаҳои иҷтимоии худ муваффақ намояд [97, с. 138-145].

Алии Ҳамадонӣ талқин мекард, ки ҳуқуқу озодиҳои аъзоёни оила бояд комил бошанд ва вазифаҳои баробари аъзоён таъмин карда шаванд, зеро дар маҳфуз нигоҳ доштани оила, мустаҳкамии он, таъмини амнияти иҷтимоӣ ва иқтисодии он, инчунин аз тариқи амнияти оила таъмини амнияти ҷомеа он метавонад таъсири мусбӣ расонад. Оила паноҳгоҳи ҳар шахс маҳсуб ёфта, маконест, ки аъзоёни он ба мақсади баровардани ҳоҷатҳои худ маҳз ба он умед мебанданд [97, с. 144-145]. Дар ин хусус Абуалӣ Ибни Сино дар рисолаи «Тадбири манзил» чунин менависад: «Инсон ниёзманд аст ба макону ҷое, ки он чиро ба даст овардааст, дар он ҷамъу захира карда, барои ҳангоми ҳоҷаташ нигоҳ бидорад. Пас, бинобар ин, инсон муҳтоҷ аст ба ин ки барои худ манзилу маскане иттиҳоз кунад» [10, с. 22]. Таъкид кардан лозим аст, ки андешаҳои мутафаккир ба таълимоти машшоиёни шарқӣ, алалхусус Абунасри Форобӣ, Абуалӣ Сино ва Насируддини Тусӣ қаробати муайяне доранд [62, с. 16].

Аз назари Алии Ҳамадонӣ, оила сохтори мураккаб аз иттиҳоде мебошад, ки фарогири муносибатҳои никоҳӣ ва хунӣ буда, ҳар кадоме аз аъзои он дар иҷрои вазифаҳои худ масъул мебошад. Сохтори оила аз волидайн, зану шавҳар, фарзандон, хоҳару бародарон, муносибатҳои молиявӣ ва хидматгор (ғулом) ташкил меёбад, ки моҳияти онро ҳамчун ниҳоди бунёдии ҷомеа ошкор месозад. Ба андешаи мутафаккир, марди хона масъули аҳли оила, инчунин зану фарзандонаш буда, завҷа низ масъули хонаи шавҳар ва фарзандони худ мебошад. Ҳар яки онҳо масъуланд, то аз раияти худ пуштибонӣ намоянд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ вазъи ҳуқуқии ҳар як аъзоёни оиларо дар доираи муқарроти шариат, меъёрҳои ахлоқ, одату анъанаҳои миллӣ

муайян сохта, бо иқтибосҳои зиёде аз Қуръон, суннати пайғамбар, гуфтаҳои Мусо, Яъқуб, Юсуф, Луқмони Ҳаким ва дигарон ба таълимоти худ тақвият бахшидааст [54, с. 84].

Ӯ дар «Захират-ул-мулук» чунин таъкид месозад: «Ҳаким бинни Ҳизом гуфт: Аз Ҳазрати Расул (а) пурсидам, ки бо кӣ некӣ кунам? Гуфт: Бо модар. Гуфтам: Пас аз он бо кӣ? Гуфт: Бо модар. Гуфтам: Пас аз он бо кӣ? Гуфт: Бо модар. Гуфтам: Пас аз он бо кӣ? Гуфт: Бо падар. Чун ба далоили шаръи ҳуқуқи қаробат ва раҳм мутаакид аст ба зарурат ҳарчанд нисбат ба ихтисос наздиктар, ҳуқуқи он мутаакидтар. Ва ахасси нисбати вилодат аст, лоҷарам, раҷҳони ҳуқуқи ӯ аз ҳама бештар омадааст. Ва чун бо вуҷуди заъф ва аҷзи волида машаққати ҳамл ва разоат ва тарбият ва шафқат ва муҳаббат аз ҷиҳати бештар аст, ҳароина ҳуқуқи ӯ бар ҳуқуқи волид мутазоиф бувад» [54, с. 86-87].

Мутафаккир дар шакли хеле дастрас ҳуқуқи падару модарро нисбат ба фарзандон дар таъриф, насиҳат, манъ кардани рафторҳои (феъли) ношоям, дашном ва «зарб», яъне задан мебинад. Падару модар қабл аз ҳама барои поймол накардани ҳуқуқи фарзандони худ баъд аз содир кардани кирдоре аввал бояд ба воситаи таъриф ӯро аз корҳои ношоям дур созанд. Дар ҳолати ислоҳ нашудан даст ба насиҳат ва амри маъруф зананд, агар ин ҳам фоида набахшид, амали ӯро манъ созанд. Дар сурати таъсир набахшидани ин корҳо аввал ӯро дашном дода, баъд волидайн ҳақ доранд ӯро зарб зананд.

Алии Ҳамадонӣ қадами аввал барои ташкили оила ва хусусияти қонунӣ пайдо кардани он зарурати никоҳи байни зану мардро медонад. Ба қавли мутафаккир, «ҳар ки зан хоҳад барои Худой, то дини худро дар ҳисор орад ва нафси худро аз иртикоби ҳаром маҳфуз дорад, ё духтар ва хоҳари худро ба мусулмони мутадаййин диҳад барои Худой, то дини эшон маҳфуз монад, он кас мустаҳаққи қурбат ва дӯстии Ҳазрати Самадият гардад» [54, с. 87].

Одоби никоҳ, ҳуқуқу уҳдадории зан нисбат ба мард ва масъулияту ҳуқуқи мард ба зан яке аз рукнҳои асосии ҳуқуқи оиладорӣ ва суннат дар ислом ба шумор рафта, он «аз маҳосини умури дин» ва «сababи иқбои вуҷуди аном» мебошад, ки дар сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ дақиқан муқаррар гардидаанд [46, с. 127-141].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ кӯшиш намудааст, то кушоду равшан моҳияти никоҳ ва оиларо дар ҳаёти инсон шарҳ диҳад. Аз ҷониби дигар, ӯ ҳатмӣ мешуморад, то маросими никоҳ аз ҷониби марду зан барпо карда шавад, то бе содир намудани маросими никоҳ ва барпо намудани оила шахс метавонад муртакиби ҳар гуноҳе гардида бошад. Инчунин ӯ шахсонеро, ки бастани ақди никоҳро рад менамоянд гунаҳгор меҳисобад [157, с. 34]. Дар ин хусус мутафаккир аз ҳадиси Паёмбар чунин ривоят мекунад: «Расул, алайҳиссалом, фармуд, ки ҳар ки аз суннати ман рӯй тобад, аз манест ва никоҳ суннати ман аст, ҳар ки маро дӯст медорад, гӯй, бар суннати ман собит бош» [54, с. 88].

Мутафаккир волидонро масъули омода сохтани ҷавонон барои ҳаёти оилавӣ медонад. Ба андешаи ӯ, падару модар вазифадоранд ҳамаҷониба фарзандони худро барои пешбурди ҳаёти мустаҳкилонаи оилавӣ омода созанд. Барои расидан ба ин мақсадҳо онҳоро зарур аст, то аз насиҳату тарбият истифода баранд. Онҳоро ақлу заковат ва ҳунарҳои хонаводагӣ омӯзанд [157, с. 35-36].

Барои риояи «ҳуқуқи никоҳ» ва донистану амал кардани талаботи он Алии Ҳамадонӣ ҳафт шартро пешкаш месозад: муоширaт, сиёсат, ғайрат, нафақа, таълим, қисмат ва таъдиб:

Алии Ҳамадонӣ дар хусуси риоя ва иҷрои шарти аввал- «муоширaт» аз Қуръон чунин иқтибос меорад, ки мардон бояд бо занони худ «зиндагӣ кунанд ба некӣ ва хулқи хеш» [43]. Вай аз гуфтаҳои Пайғамбар иқтибос оварда, таъкид месозад, ки: «… ҳуқуқи занонро риоя кунад, ки эшон асиронанд дар дастҳои шумо», яъне пас аз «ҳуқуқи муоширати аҳл бар мард яке он аст, ки аҳли худро ба хушунати қавл ва феъл изо

нарасонад, балки бадхӯӣ ва сабукӣ ва афъоли ноқисаи эшонро ба қуввати ҳилм ва сабр таҳаммул кунад ва туршрӯй набошад» [54, с. 88].

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эҷодиёти мутафаккирро дастоварди бузурги миллат дониста, қайд менамоянд, ки: «Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ нахустин зинаи давлатдорӣ ва муҳимтарин пояи суботи ҷомеаро дар осоишу иттифоқи оила мебинад… У мақоми падарро дар оила муқаддам дониста, мартабаи эҳтироми модарро муқаддас мепиндорад ва доир ба ин масъала ривояту ҳадисҳои зиёдеро ёдовар шуда, мақоми волидайнро дар ҷомеа дуруст муайян мегардонад.

Ба андешаи Амири Кабир, таълиму тарбияи фарзанд аз ҷониби падару модар шарти муҳим буда, он муҷиби дуруст ба камол расидани фарзанд мегардад. Ин мутафаккир доир ба эҳтироми зан, нақши вай дар оила, муносибати зану мард, вазифаҳои ҳамдигарии онҳо ва босавод гардонидани зан низ фикрҳои ҷолиб баён кардааст, ки то ба имрӯз аҳаммияти онҳо кам нашудааст» [146, с. 14].

Дар ҳамин маврид зарур мешуморем чунин насиҳати таъсирбахшро ба фарзандон аз ҳаёти гузаштагони хеш ба ёд орем, ки дар замони имрӯзаи рушди ҷомеаи мо бо мушкилоти кандашавии оилаҳои ҷавон рӯбарӯ аст: «Насиҳати модар ба духтари хеш пеш аз издивоҷ: Зан қабл аз маросими издивоҷи духтараш бо шоҳписар Ҳорис ибни Амри Кандӣ чунин насиҳат намуд: «Духтарам! Агар духтари сарватманд ба шавҳар эҳтиёҷ надошт, ман сарватмандтарин зани дунё мебудам. Вале, мо, занҳо барои мардон офарида шудаем ва мардон низ барои мо офарида шудаанд. Духтарам, ту Ватани худ, манзил ва макони худро тарк намуда, дар хонае зиндагӣ мекунӣ, ки бо он ту ошно нестӣ ва бо одамоне зиндагӣ менамоӣ, ки онҳоро намешиносӣ. Вале, шавҳари ту султони ту ва ту ғуломи ӯ мегардӣ. Агар ту бо риояи ин насиҳатҳои ман амал намоӣ, пас, ӯ бандаву асири ту мегардад. Ин даҳ хислатро, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаи ту лозим мегардад, доимӣ дар хотир дошта бош: 1. Бо андак қаноат кун, чун дар он осоиши ҷон ва афкор аст. 2. Ба суханони шавҳар гӯш бидеҳ,

тобеи ӯ бош, ки инро Офаридгор мехоҳад. 3. Кӯшиш намо, то дар нигоҳи шавҳар зебо бошӣ ва аз ту адри хуш биояд. 4. Аз сурма ва гулоб истифода бар, чун сурма ва гулоб нишонаи зебоӣ ва хушбӯйист. 5. Ба шавҳар сари вақт таом бидеҳ, чун алангаи гуруснагӣ ӯро ба хашм наорад. 6. Замоне, ки шавҳар хоб аст, оромии хонаро таъмин намо, чун нооромии мард дар хоб боиси ғазаби ӯ мегардад. 7. Хона ва амволи шавҳарро эҳтиёт кун, чун ҳифзи молу амволи шавҳар ин худ хушбахтист. 8. Бо фарзандони худ меҳрубон ва ғамхор бош ва дар тарбияти онҳо ҷиддӣ муносибат намо. 9. Сирри шавҳарро ифшо насоз, агар онро ифшо намудӣ, пас бидон, аъмолат баробар ба ҷиноят аст. 10. Нофармонӣ бо он оварда мерасонад, ки шавҳар аз ту дилсард мегардад, ва чи қадаре ки боэҳтиром бо ӯ муносибат менамоӣ, ҳамон қадар ӯ бо ту муносибати гарму боэҳтиром менамояд. Чи андозае ба ӯ тобеъ мегардӣ, ҳамон андоза ӯ бо ту меҳрубон мегардад. Ту ҳеҷ гоҳ ба муваффақият ноил намегардӣ, агар хоҳиш ва иродаи шавҳарро аз хоҳиш ва иродаи худ боло нагузорӣ ва хушнудии ӯро аз хушнудии хеш боло напазирӣ» [157, с. 35-36].

Тибқи андешаи мутафаккир, оила ба идоракунии оқилона ва бонизом ниёз дорад ва ин масъулият ба касе бояд гузошта шавад, ки аз ҳар ҷиҳат нерӯманд бошад. Яъне ин сарвар низоми муайяни оиладориро тадвин, вазифа ва уҳдадориҳои аъзоёни оиларо назорат, молу сарвати хонадонро ҳифз ва афзун намояд. Аз ин рӯ, мард (сарвари оила) бояд санъати сиёсату идоракуниро ба таври лозима дошта бошад. Сарвари хонадон, пеш аз ҳама, бояд шахси хирадманду ботадбир, инсони оқилу бофаросат бошад, то ҳамоҳангии байни аъзоёни оила ва аз тариқи он аъзоёни ҷомеаро ба вуҷуд оварда, ин ниҳодро ба ҳайси заминаи бунёдии ҷомеа табдил диҳад [149, с. 166].

Дар ин маврид ӯ қайд мекунад, ки: «… ҳуқуқи никоҳ аз донистан ва амал кардан бад-он пора нест, ҳафт шарт аст. Шарти аввал-муоширaт,

шарти дуюм-сиёсат, сеюм-ғайрат, чаҳорум- нафақа, панҷум- таълим, шашум-қисмат, ҳафтум таъдиб (адабомӯзӣ)» [54, с. 77].

Шарти дуюм, ки Алии Ҳамадонӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ пешниҳод месозад, ин аст, ки сарвари оила бояд ғаюр бошад ва «дар эҳтимол ва ҳусни хулқ мутобаати ҳавои эшон накунад ва инбисот бо эшон ба ҳадде нарасонад, ки ба фасод анҷомад ва ҳайбат аз дили эшон бияфтад ва эшонро ба густохӣ кашад. Ва ҳар гоҳ ки чизе номашруъ аз эшон бинад, дар заҷр ва таҳдид ва адаб тақсир раво надорад ва эшонро ба қуввати сиёсат ва савлати ҳамийят мақҳур ва зердасти худ гардонад ва маъмури эшон нагардад, хоссатан дар умури дин ба мушоварати эшон кор накунад, чи дар хабар аст, ки: Бо эшон мушоварат кунед, то дилҳои эшон бад-он хуш гардад, пас мухолифати райи эшон кунед, то дилҳои эшон бад-он хуш гардад, пас мухолифати райи эшон кунед, ки баракат дар хилофи раъйи  эшон аст» [54, с. 89]. Сарвари оила дар баробари соҳиби ахлоқи нек ва муносибату муоширати нек будан бояд барои риоя гардидани ахлоқи ҷомеа дар сатҳи оила муваззер бошад. Ӯ вазифадор аст фарзандон ва аҳли оилаи худро дар рӯҳияи эҳтиром ба меъёрҳои ахлоқии анъанавӣ тарбия намояд [19, с. 303-310].

Мутафаккир шарти сеюмро ғайрат мешуморад, зеро агар мард ғаюр набошад, «ақли ӯ нагунсор аст» [19, с. 309]. Ба андешаи ӯ, ғайрат ва ё ғаюрии марди муъмин он аст, ки «духули ғайримаҳрам дар ҳарами худ раво надорад ва ҳарами худро аз зиёрати гӯристон ва масоҷид ва маҷолиси валоим ва мағозӣ, ки занон ва мардон дар як маҷлис ҷамъ шаванд, манъ кунад ва бо вуҷуди ин бадгумонӣ дар ҳаққи эшон аз ҳад дарнагузаронад ва дар таҷассуси ахбори ниҳонии эшон муболиға накунад ва айбҳои эшонро наҷӯяд. Расул (а) фармуд: Зан ҳамчун устухони паҳлуст. Агар хоҳӣ, ки аз ӯ таматтуъ гирӣ, бо кажии ӯ аз ӯ таматтуъ гир ва агар хоҳӣ, ки ӯро рост кунӣ, шикаста шавад. Ишорат бад-он аст, ки оқилро бояд, ки аз нуқсони афъол ва ақволи эшон ба қадри имкон тағофул кунад ва ба талаттуф ва мадоро ва насиҳат эшонро

роғиб гардонад. Ва, чунончи, аз гирифтории охират дар халоси нафси худ мекӯшад, дар халоси эшон ҳам кӯшиш намояд ва эшонро аз хатарҳои онҷаҳонӣ огоҳ гардонад» [19, с. 303-310].

Мутафаккир мақоми зан-ҳамсарро дар низоми сиёсати оиладорӣ муҳим меҳисобид ва дар баъзе мавридҳо масъулияти бар душ доштаи уро дар оила баробар ба мард медонист. Зан масъули нигоҳдории хонадон, шавҳар ва фарзандон мебошад. Аз ин хотир, мардро зарур аст, ки ҳангоми бунёди оила якчанд сифатҳоро ба инобат гирад, то оилаи солим бунёд намояд. Яъне, қабл аз ҳама ихтиёри зан аз насаби бохайру салоҳ бошад, дуруст ва нафси худро дошта тавонад, дорои ақли солим бошад, чунки касеро ки ақл набошад, аз ӯ умеди хайр кардан номумкин аст. Беҳудагарду бекора набошад.

Аз андешаҳои мутафаккир маълум мегардад, ки барои сазовори унвони зани шоиста ва неку будан на боигарӣ ва зебоӣ, балки чунин сифатҳои беҳтарини зан, ба монанди ақл, иффат ва ҳаё доштан лозим аст. Алии Ҳамадонӣ занро ҳамсафари зиндагии мард медонист ва зӯроварӣ нисбат ба занро аз зумраи кирдорҳои мудҳиш нисбат ба оила мешуморид. Зӯроварии ҷисмонӣ ва фишори равонию ҷабрро нисбат ба зан дар раванди муносибатҳои оиладорӣ мавриди танқид қарор дода, натиҷаи амали мазкурро сабаби асосии ноустувор гардидани оила медонад. Вай на танҳо зӯроварӣ ва озори ҷисмонӣ, балки фишори равониро низ дар муносибатҳои оиладорӣ ғайримумкин шуморида, муносибати мувофиқи заношавҳариро дар риояи ҳама меъёр ва қоидаҳои ахлоқию иҷтимоӣ ва ҳуқуқие, ки ба таъмини хайри фардиву иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, медонад.

Новобаста аз гуфтаҳои боло, Алии Ҳамадонӣ аз муқаррароти баробарҳуқуқии зану шавҳар дар самти вазифаҳо дар оила ҷонибдорӣ намуда, барои мустаҳкам гардидани оила ҳуқуқи мардро нисбат ба зан болотар мегузорад: «Аммо ҳуқуқи завҷ бар завҷа бисёр аст. Ва дар ҳақиқат, никоҳ навъе аз риққият аст, чи дар шаръ мулк ду навъ аст: яке

мулки ямин ва дуюм, мулки никоҳ. Ва, чунончи, тоати сайид бар банда воҷиб аст, тоати завҷ бар завҷа воҷиб аст ва аз ин ҷо буд, ки Расул (а) фармуд: Агар якеро фармудаме, ки саҷдаи касе кунад, ҳароина занро фармудаме, ки саҷдаи шавҳари худ кардӣ аз бузургии ҳаққи шавҳар бар вай» [54, с. 92].

Шарти чаҳорум масъалаи нафақа ва роҳҳои сарф кардани сармояи умумии оилавӣ мебошад: «Аҳли наҷот ва арбоби дараҷот он касонеанд, ки дар нафақа ҳадди эътидол риоят кунанд ва чунон танг нагиранд, ки ба хиссат ва бухл анҷомад ва чунон исроф накунанд, ки ба ҳадди табзир ва батар аз туғён кашад ва дар таҳсили нафақа ва кисвати аёл аз ҷамъи ҳаром ва шубаҳот эҳтироз кунад ва ҳар чӣ зиёдат аз қадри кифоят бувад, ба мустаҳаққон ва мӯҳтоҷон эҳсор кунад. Ва агар таҳсили нафақа ва кисват баъзе аз ҳалол муяссар гардад ва баъзе аз шубаҳот мубтало шавад ва аз он чора набошад, ҳалолро дар ваҷҳи қут сарф кунад ва шубҳаро дар ваҷҳи кисват ниҳад, чи ҳар гӯшт, ки аз шубаҳот ва ҳаром раста шавад, мустаҳаққи оташ бувад» [54, с. 89].

Баёни ин шарт аз он иборат аст, ки зану шавҳар барои солим нигоҳ доштани оила аз исрофкорӣ даст кашанд ва аҳли оиларо низ дар доираи камсарфӣ тарбия намоянд, зеро агар онҳо дар ин бахш ба аъзои оила фишори зиёд биёранд, ин ба бахилии онҳо хоҳад бурд. Агар фишор зиёд кунад ин ба «туғён» ва кашокашии аҳли оила мебарад. Беҳтар аст ҳадди миёна пеша карда шавад ва дар ҳолати боқӣ мондани нафақа онро мутобиқи зарурат ба ҳоҷатмандон тақсим намоянд. Аъзоёни оила набояд ба фасодкорӣ ва ба даст овардани пули ҳаром машғул бошанд. Дар масъалаи бо роҳи дуруст ва ҳалол ба даст овардани нафақа бояд шакку шубҳа набошад.

Меҳнати ҳалол ва дастрас намудани моли ҳалол дар хонадон ва дар ҳамин руҳия тарбият намудани фарзандонро мутафаккир вазифаи волидон медонад. Исрофкорӣ ва қадрдонии молро бояд арзиши воло надонанд. Чунончи ӯ қайд мекунад: «Аҳли наҷот ва арбоби дараҷа он

касонеанд, ки дар нафақа ҳадди эътидол риоят кунанд ва чунон танг нагиранд, ки ба хислат ва бухл анҷомад ва чунон исроф накунанд, ки ба ҳадди табриз ва батор ва туғён кашад ва дар таҳсили нафақа ва кисвати аёл аз ҷамъи ҳаром ва шубаҳат эҳтироз кунад ва ҳарчи зиёдат аз қадри кифоят бувад, ба мустаҳаққон ва муҳтоҷон эсор кунад» [54, с. 91].

Савод омӯхтан ва ҳаққи таълим доштани аҳли оила шарти панҷумро ташкил медиҳад. Ба андешаи Алии Ҳамадонӣ, пеш аз ҳама, мард ва зан бояд таълимгирифта бошанд ва ба фарзандон низ илм омӯзонанд. Ин «воҷиб» аст: «Худованд мефармояд, ки эй касоне, ки имон овардаед, чунонки нафсҳои худро аз оташ мераҳонед, бар ҳар муъмине воҷиб аст, ки аҳли худро он чӣ мӯътақади аҳли суннат аст, аз умури дин таълим кунад ва эшонро аз азоб ва гирифтории охират битарсонад ва аз хатари тасоҳул дар бандагӣ ва уқубати мухолифати Ҳақ огоҳ кунад ва аҳкоми таҳорат ва ғусл ва намоз ва рӯза ва ҳайз ва нифос ва истеҳоза эшонро таълим кунад ва агар дар ин маонӣ тақсир кунад, осӣ ва осим бошад. Ва он заифаро воҷиб бувад, ки бе изини ӯ аз хона берун ояд ва аз аҳли илм суол кунад» [54, с. 92].

Шарти шашумро мутафаккир дар такя ба сураи «Нисо» ба масъалаи нигоҳ доштани адолат дар масоили умури оиладорӣ дар байни занҳои мард мебахшад. Ба қавли ӯ, «... ин шарт бар касе воҷиб аст, ки ӯро зиёда аз як зан бошад. Бар вай воҷиб аст, ки дар муҳофазат ва муҷомалат риояти адл кунад ва дар нафақа ва кисват ва музоҷаат ва байтута миёни эшон савийят нигоҳ дорад» [54, с. 92]. Дар масъалаи муносибат бо занҳои худ мард бояд ҳамдигарфаҳмӣ, адолат, муҳаббат, нафақа ва ғайраро таъмин созад. Ӯ таъкид месозд, ки «Бо эшон мушоварат кунед, то дилҳои эшон бад он хуш гардад, пас мухолифати раъйи эшон кунед, ки баракат дар хилофи раъйи эшон аст» [54, с. 90].

Шарти ҳафтумро Алии Ҳамадонӣ дар масъалаи адаб омӯхтани зан аз тариқи зурӣ меҳисобад. Лекин вай дар аввал шарт мегузорад, ки Худованд дар Қуръон таъкид кардааст, ки «... он заноне, ки зиёдатӣ ва

бузургманишинӣ кунанд, аввал эшонро ваъз гӯед ва насиҳат кунед. Агар насиҳат суд надорад, аз ҷойи хоб эшонро дур кунед ва агар он ҳам фоида накунад, эшонро бизанед ва адаб кунед, чунончи, аз аъзои эшон чизе нашканад ва нуқсон нашавад. Ва чун ба тоат ва салоҳ бозоянд, бар эшон зиёдатӣ мекунед. Ва агар касе даҳ рӯз ё як моҳ бо завҷаи худ сухан нагӯяд, раво бошад» [54, с. 92].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳамчун сарчашмаи тақлид ба зиндагии Пайғамбар пайравӣ намудааст, ки дар ин маврид ҳам дар масъалаи одоб омӯхтан ба занон чунин ҳадисро хотиррасон месозад. Ҳамзамон, ҳуқуқи ҳамсаронро номбар намудааст, ки чунин аст: «… аввал ин ки, ҳар гоҳ ки завҷро рағбати ӯ бошад, ба ҳар ҳол ки бошад, манъ накунад; дуввум он, ки аз хонаи шавҳар бе изни ӯ ба касе чизе надиҳад; саввум, рӯзаи татаввуъ бе фармони шавҳар надорад; чаҳорум он, ки бе иҷозати шавҳар пой аз хона берун наниҳад; панҷум он, ки ғайбати шавҳар пеши хешони худ нагӯяд; шашум он, ки зиёдат аз қадри ҳоҷат аз шавҳар талаб накунад; ҳафтум он, ки ба шодии шавҳар шод бошад ва ба андуҳи ӯ андуҳгин гардад; ҳаштум он, ки бар шавҳар бисёр ғайрат набарад; нӯҳум он, ки худро покиза дорад ва феъле, ки шавҳар онро кореҳ бошад накунад; даҳум он, ки ба фарзандон дуои бад накунад» [100, с. 48-49].

Муҳити оилавӣ барои ба дунё омадани фарзандони солиму бофарҳанг, таълиму тарбияи дурусти онҳо, ба даст овардани донишу маърифат ва фарҳанги баланди инсонӣ, фаҳмиши ҳаёти иҷтимоӣ ва оиладорӣ имконияти хубро фароҳам меоварад. Таваллуди насли инсонӣ, тарбияи ахлоқӣ, равонӣ ва таъминоти иқтисодию моддии вай яке аз вазифаҳои асосии иҷтимоии оила маҳсуб меёбад. Идомаи насли инсонӣ дар рӯйи замин ва мавҷудияти ҷомеаи инсонӣ, зуҳури давлату кишварҳои мухталиф, ва дар маҷмуъ, ягонагию мавҷудияти башарият ба мавҷудияти оила ва нуфузи инкишофи солими он алоқамандии зич дорад [157, с. 42-43].

Таҳқиқи осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ нишон медиҳад, ки вай на танҳо масъулияти марду занро дар доираи қонуни шариат нишон додааст, болки кӯшиш кардааст, то масъалаи ҳаққи волидонро ба фарзандон ва ҳақи фарзандонро нисбат ба падару модар ошкор созад. Ӯ бо овардани мисолҳо аз ҳадисҳои Пайғамбар, ёддоштҳо аз бузургони гузашта, қиссаҳо аз асотирҳову афсонаҳои мардумӣ ва ғ. кӯшидааст волидайн ва фарзандонро ба моҳияти аслии адаб, таълим ва издивоҷи фарзандон ошно созад.

Волидон вазифадоранд фарзандон «амонати Ҳақ»-ро, дуруст нигаҳбонӣ ва тарбият намоянд, ки дар амалу феъли ӯ нуқсон пайдо нашаванд ва дар ҷавҳари ӯ роҳи росту ҳақиқатро парастиш кунанд. Айнан ҳамин масъулиятро оид ба тарзи тарбияи фарзанд дар баробари волидайн доя ва муаллим нисбат ба кӯдак доро буданд. Дар ин хусус низ мутафаккир мақом ва ҷойгоҳи онро дар тарбияти кудак, ки масъулияти тарбияву парваришаш ба ӯ гузошта шудааст, мавқеи худро муайян месозад. Ӯ яке аз вазифаҳои муҳимми падару модарро ба дунё овардани фарзанди солим ва тарбияи дурусти он медонад. Чунончи, ӯ менависад: «… ҳар фарзанде, ки таваллуд мекунад дар ҳолати вилодат бар офариниши пок аст ва дин ва мазҳаб ва сирати нек ва баъд аз модар ва падар мегирад ва агар эшон ҷуҳудонанд, ӯро ҷуҳуд мегардонанд ва агар тарсоанд, тарсо мегардонанд ва агар муғанд, ӯро муғ мегардонанд. Ва чун модар ва падар ба ҳукми шафқат фарзандро дар ҳолати сиғар аз офоти об ва оташ нигоҳ медоранд, то ҳалок нашавад аз ҳалокати оташи онҷаҳонӣ виқоят кардан то ба ҳалокати абадӣ гирифтор нашавад, авлотар» [54, с. 94].

Аз тарбияи дурусти волидайн ҳаёти иҷтимоии кӯдак, мавқеи он дар ҷомеа, обрӯ ва нуфузи падару модари вай, интихоби касб ва ғайра вобаста аст. Бинобар ҳамин, падару модар ва дояву муаллимро зарур аст, ки «… фарзандонро аз хурдӣ  маҳосини ахлоқ таълим кунанд ва аз мухолитати қуранои сӯъ нигоҳ доранд ва ба зинати дунё нафиребанд ва

танаумро одати ӯ насозанд ва дар аввали нашъат разоати ӯро ба шири зане, ки бенамоз ва ҳаромхора бошад, накунанд ва луқмаи ҳаромро ғизои ӯ насозанд, ки ҳар тифле, ки бадани ӯ дар хурдӣ ба шир ва луқмаи ҳаром тарбият ёбад, зулмати хабосати он ҳаром, табъи ӯро торик ва муқаддар гардонад ва дар ҳолати ҷавонӣ майли ӯ ҳама ба шарр ва маосӣ бошад. Ва чун тифл ба ҳадди тамиз расад, бояд ки муроқиби ҳоли ӯ бошанд, ки аввал нишоне аз осори саодат дар тифл ҳаё аст. Чун дар ҳолати тамиз тифл шармгин бувад, ин нишонаи саодатро ғанимат шумаранд ва дар тарбияти ӯ саъй намоянд» [54, с. 95].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар оила мавқеъ ва нақши фарзандро баррасӣ намуда, «… дар мақоми аввали оила волидайнро ҷой намуда, хизмати онҳоро барои фарзанд медонад ва ҷиҳати расидан ба дараҷаи шинохти арзиши волидайн падару модарро водор месозад, ки фарзандонро тарбияи дуруст кунанд. Ӯ ба хулосае меояд, ки фарзандоне, ки тарбияи бенуқсони ахлоқӣ гирифтаанд, дигар ба ҳеҷ дастуре зарурат надоранд. Ин гуна фарзанди тарбиятдида ба қонунҳо итоаткор мебошад. Тарбия кардани насли наврас, тибқи андешаи мутафаккир, барои иҷрои вазифаҳои хоси ҷамъиятӣ мебошад, ки он бидуни оила тасаввурнопазир аст» [122, с. 60-63].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ барои ба натиҷаи хуб ноил шудан дар тарбияи фарзанд, пеш аз ҳама, мефармояд, ки дар руҳияи фарзанд боядхуддорӣ намудан аз баднафсӣ, фасодкорӣ, шикампарастӣ ва молпарастиро тарбият намуд [54, с. 96].

Барои шикасти ин «нафси баҳиша»-и тифл иловатан зарур аст, ки «аз пӯшидани ҷомаҳои рангин ва абрешимин манъ кунанд ва ӯро огоҳ кунанд, ки ин пӯшиши занон ва муханнасон аст». Фарзандро «бояд аз суҳбати кӯдаконе, ки ба ҷомаҳои рангин ва абрешимин пӯшидан ва танаум одат карда бошанд, албатта, нигоҳ доранд, ки фасоди ахлоқӣ бештари атфол аз ин аст. Ва бад-ин сабаб бештари сифот муҳлика аз

дурӯғ ва намима ва ҳасад ва уҷб ва кибр ва ҳирс ва бухл ва макр ва гадр дар ниҳоди кӯдак русух меёбад» [54, с. 96].

Алии Ҳамадонӣ вазифаи олии фаъолияти оиларо маҳз дар омода намудани узви фаъоли ҷомеа, ки тавассути тарбияи ахлоқии фарзанд ба даст меояд, медид. Ба мақсади расидан ба ин сатҳ ҳанӯз аз синни хурдӣ тарбияи мувофиқро бояд амалӣ кард. Гарчанде мутафаккир синну соли муайяни тарбияро зикр накардааст, вале ӯ пешниҳод мекунад, ки синну соли хурд ва ё давраи «туфулият» барои анҷоми ин амал хеле мувофиқ аст [116, с. 30-32].

Мутафаккир дар тарбияи фарзанд масъулияти зану шавҳарро баробар медонад. Проблемаи мазкур дар ҳама давру замон мубрам мемонад, чун барои пешрафти ҷомеаи солим тарбияи дурусти насли наврас заминаи ҳуқуқӣ мегузорад. Дар шароити имрӯзаи рушди ҷомеаи Тоҷикистон мавзуи мазкур мубрам боқи мемонад. Дар ин хусус қонунугузории кишвар низ ин масъулияти пурборро бар души давлат ҷомеа, волидон ва мактаб вогузор намудааст [5].

Алии Ҳамадонӣ пешниҳод месозад, ки баъд аз тарбияи ахлоқӣ ба фарзанд ҳатман таълими илмҳои дигари замонро додан зарур аст. Фарзандро бояд ба таълими Қуръон ҷалб намоянд, баъдан ба таълими ахбор ва ҳадисҳо. Ба мавоиз ва ҳикоёти машоих ва сулаҳо ва низ авлиё машғул гардонанд. Дар ин раванд ба омӯзиши ахлоқ низ диққати хоса зоҳир намоянд. Бояд қайд намуд, ки мутафаккир андухтани илму дониш ва ҳунарро кори муқаддас мешуморид. Бо такя ба нишондодҳои Қуръону Ҳадис доир ба омӯзиши илм ӯ аз забони Паёмбар чунин таъкид менамояд: «Ҷустуҷӯ намудани илм фариза аст, бар ҳамаи мусалмонон. Ҳеҷ коре барои инсон фозилтар ва гуворотар аз илм нест» [45, с. 91].

Мутафаккир дар хусуси нокомилии ахлоқӣ, аз қабили худхоҳӣ, чизпарастӣ, ҷамъ кардани молу мулки беохир ва ғайра, ки тифлро ба зуроварӣ, фиреб, найранг, қаллобӣ ва фасоду ҳаромхӯрӣ мебаранд, диққати ҷиддӣ зоҳир карда, ба хулосае меояд, ки онҳо низоми қонуниро

дар ҷомеа коставу хароб месозанд. Суистифода аз ин сифатҳои бади ахлоқӣ аз ҷониби аҳли ҷомеа ба нобаробарии иҷтимоӣ, зиддиятҳои қавмию шахсӣ ва аз байн бурдани низоми давлатӣ хоҳад гашт. Ин сифатҳо сарчашмаи ҳамагуна бенизомӣ, душманӣ, носолимии ҷамъият, бадахлоқии ҳокимияту мулкдорон ва ҳукмфармо будани беадолатӣ дар қонун, поймол гардидани ҳуқуқҳои раият буда метавонанд. Аз ин рӯ, барои амнияти раият ва давлат зарур аст, ки аъзоёни он аз кӯдакӣ тарбия ёбанд [54, с. 97].

Алии Ҳамадонӣ таъкид месозад, ки волидайн барои зиндагии орому осоишта ва обрӯю эътибори худ дар ҷомеа бояд кӯшиш намоянд, ки фарзандони худро аз содир намудани кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, ба монанди авбошию зӯроварӣ, куштору қатл, ки оқибат ба маҳбасу зиндон мебарад, дур созанд. Ӯро зарур аст фарзандро дар доираи ахлоқ, ҳуқуқ (фиқҳ), ки аз муҳтавои қонун (шариат) ва одату анъанаҳои миллӣ бармеоянд, тарбия созад. Мутафаккир дар ин хусус чунин менависад: «Чун тифлро аз аввалин нашъат бад-ин тартиб, ки гуфта омад, тарбият кунанд, чун ба ҳадди булуғ расад, баракоти осори он бар зоҳир ва ботини ӯ зуҳур кунад ва ҷуз ба аҳли хайр ва солеҳ унс нагирад ва аз суҳбати аҳли шарр ва фасод мутанаффир шавад. Ва агар нашви ӯ бар хилофи ин бувад, аз овони сабй бо аҳли ғафлат ва ҷаҳолат унс гирад ва бозӣ ва фаҳш ва бешармӣ ва макр ва ҳирс ва шараҳи хӯрдан ва зинати пӯшидан ва тафохур одати ӯ гардад, дар синни булуғ аз қабули Ҳақ бегона шавад ва вазъ ва насиҳат дар дили ӯ кор накунад ва ҳама ҳиммати ӯ бар фисқ ва шурур ва маъосӣ бувад ва ба шақовати абадӣ гирифтор гардад ва исм ва вуболи он ҳама ба девони модар ва падар боз гардад» [54, с. 97].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар баробари таҳқиқи вазъи ҳуқуқии аъзоёни оила доир ба ҳуқуқу вазифаҳо ва вазъи ҳуқуқию иҷтимоии ходим, яъне хидматгори оила низ андешаронӣ намудааст. Чуноне ки аз таърихи адабиёт ва фарҳанги миллии халқҳои Шарқ маълум аст, дар

низому таркиби оиладории мардуми мо, махсусан дар оиладории ашрофзодагон одат шуда буд, ки ҳатман фарзандони худро барои тарбия ба доя, тарбиятгар ва таълимдиҳандагони маъруфу кордон ва донишманд мегузоштанд. Ҳамзамон, дар одати оиладории халқҳои гуногун мақом ва ҷойгоҳи хидматгор, ки аксаран дар якҷоягӣ бо дигар аъзои оила умр ба сар мебурданд, хеле мушаххас ва муайян мебошад.

Мутафаккир ҷойгоҳи ходимро дар низоми оила махсус зикр менамояд. Аслан назари ӯ бештар хусусияти инсонпарварона дошта, қабл аз ҳама, барои асоснок кардани мавқеи худ аз шахсияти Пайғамбар ва амалкарди вай, бузургони дигари олам, ки дар тарбияи хидматгорон ва тарбиятгарон ба воя расидаанд, ҳамчун манбаи асосии тақлид ва идеали ҷомеаи асримиёнагӣ мисолҳо меорад. Чунончи, ӯ аз амалҳои инсонпарваронаи Пайғамбар Муҳаммад ёдовар шуда, қайд мекунад, ки ӯ «наку доштани зердастон»-ро хислати накуи инсонӣ меҳисобид [54, с. 98]. Ӯ аз ҳадисҳо ёдовар шуда менависад: «Ҳар он ки дар «тасарруфи» хонадони шумоанд, «бихӯронед эшонро аз он чӣ мехӯред ва бипӯшонед эшонро аз он чӣ шумо мепӯшед ва эшонро коре мефармоед, ки тоқати он дошта бошанд. Он чӣ аз эшон мехоҳед, нигоҳ доред ва он чӣ аз эшон намехоҳед, бифурӯшед ва бандагони Худойро азоб мекунед» [54, с. 98].

Ходим ҳамчун хизматгори хона, ки ба кори хоҷагӣ, нигоҳубини фарзандон ва дар баъзе маврид ҳамчун шахси донишманд барои тарбия ва таълими фарзандон ҷалб мегардид, маҳсули даврони асрҳои миёна ва ҳатто аз он пеш буда, имрӯз низ бо баъзе тағйиротҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ вуҷуд дорад. Дар низоми муносибатҳои даврони зиндагонии мутафаккир муносибат нисбат ба ин гурӯҳи аъзоёни ҷомеа хусусияти ҳуқуқмаҳдуднамоиро дошт. Чунки хидматкорон ҳамчун банда ё ғулом дониста мешуданд. Аз ин ҷост, ки Алии Ҳамадонӣ ба нишондодҳои шариат такя намуда, хидматро узви баробарҳуқуқи хонавода медонист. Ӯ таъкид мекард, ки сарвар ва аъзоёни дигари оила бо онҳо бояд муносибати озод, эҳтиромона ва баробар дошта бошанд.

Ӯ дар доираи таълимоти худ соҳибхонагон ва дар баробари онҳо ҳокимону давлатдоронро, ба адолатпешагӣ ва инсонпарварӣ даъват намудааст. Вай бо мисолҳо аз идоракунии шоҳони гузашта ва аз ҳаёти Пайғамбарону саҳобагон таъкид месозад, ки бояд бо халқу раият ва тамоми аъзоёни ҷомеа муносибати инсонпарварона дошта, ба ҳаққу ҳуқуқ ва амнияти онҳо ғамхорӣ намоянд. Дар ин хусус ӯ қайд мекунад: «Нақл аст, ки Абӯдардоро канизаке буд, ки хидмати ӯ кардӣ. Рӯзе Абӯдардоро гуфт: Як со ласт, ки ман туро заҳр додаам ва дар ту ҳеҷ асар накард. Гуфт: Чаро чунин кардӣ? Гуфт: Хостам, ки аз зилли бандагӣ халос ёбам. Гуфт: Ҳар ҷо ки хоҳӣ, бирав, ки ман туро аз барои ризои Худо озод кардам» [54, 99].

Ҳамин тариқ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар масъалаҳои муносибатҳои оила ва оиладорӣ, вазъи ҳуқуқии аъзоёни он андешаҳои ҷолибу заруриро пешниҳод намудааст, ки то замони мо моҳияти худро гум накардаанд. Таълимоти ӯ хосатан ба сохтори оилаи суннатӣ бахшида шуда бошанд ҳам, аксари муқаррароти он барои ҷомеаи имрӯзаи тоҷикон низ арзишманд мебошанд. Дар эъҷодиёташ ӯ ба асосгузорони оила – зану мард мақоми аввал дода, онҳоро ҳамчун асос дар умури оиладорӣ дониста, дар иззату эҳтиром ва нигоҳубини фарзандон масъул медонад. Ӯ дар умури оиладорӣ мардро масъул ва сарвар дониста, дар парвариши анъанаҳои фарҳангӣ, ахлоқӣ, таълимӣ, динӣ, ҳуқуқӣ, низоми оиладорӣ ва ғ. масъул мешуморад.

Дар ҷомеаи анъанавӣ марди хонавода вазифадор аст, ки сохтори оиларо дар доираи талаботи меъёриву ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ муайян намуда, фаъолияти ҳар як аз аъзои онро назорат ва танзим намояд. Ба мард таълуқ доштани интихоби занро мутафаккир бо диди анъанавӣ менигарад. Ӯ қайд мекунад, ки ин ҳеҷ гоҳ маънои беҳуқуқии занон, паст задани шаъну шарафи онҳоро надошта, балки фазилатҳои ахлоқии зан, аз қабили ақлу иффат ва ҳаёро барои интихоби ҳамсарӣ мешуморад. Оилае, ки дар асоси интихоби якдигарии зану мард ва бо интихобу дарки

сифатҳои ахлоқии инсонӣ таъсис меёбад, дар ҳама давру замон, аз ҷумла дар замони мо низ оилаи солим ва муваффақ ҳисобида мешавад. Дар оилаи бонизом фарзандони боахлоқ, тарбияёфта ва донишманд ба дунё меоянд, ки ба ташаккули ҷомеаи амну ором ва пешрафта мусоидат менамояд.

Бо эҳтиром ба фарҳангу тамаддуни қадимию оламшумули халқи тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2024 қайд карданд, ки: «Дар фарҳангу тамаддуни мо – тоҷикон, иззату эҳтироми зан-модар ҳамеша ҷойгоҳи хос дорад. Вале бояд гуфт, ки мақому манзалати занону бонувон ва нақши онҳо дар эъмори давлати муосир ва рушди ҷомеа маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ, воқеан, боло рафт»[164]. Аз ин рӯ барои дар воқеъ баланд бардоштани мавқеи зан ва, умуман, ташаккули оилаи солим,  ки заминаи ибтидоӣ ва воқеии ҷомеаи солим аст, бояд боз ҳам бештар ба омӯзиши таъриху адабиёт ва фарҳанги пурғановати миллатамон рӯ оварем.

Эҳтироми хонавода, тарзи муносибат ба ҳуқуқи аъзои оила ва риояи ҳаққи якдигар, ки асоси пойдории оила ҳастанд, дар муносиботи оиладорӣ ногузир мебошанд. Дар ин самт Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо Абуалӣ ибни Сино ҳамандеша буда, қайд менамоянд, ки зану шавҳар бояд муносибатҳои оилавӣ дар қавли худ содиқ бошанд ва оилаи созмондодаи онҳо дар асоси муҳаббат ва эҳтироми ҳамдигар асос ёфта бошанд. Маҳз дар ҳамин асос мутафаккир дар баробари ҳуқуқ ва масъулияти шавҳар ба ҳуқуқу уҳдадориҳои зан низ диққати хосса додааст [7, с. 56].

Дар асоси андешаҳои ӯ ба хулосае омадан мумкин аст, ки:

1) дар оилаи асримиёнагӣ новобаста аз барорбарҳуқуқии ҳамсарон сардори оила доимо шавҳар дониста мешавад, зан бошад, тобеи иродаи шавҳар буд;

